**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ**

**Ба ҳуқуқи дастнавис**

**ВБД: 931. 1 (575.3)**
**ТДУ: 63. 3 (2)**
**С – 14**

**САЙДАЛИЗОДА РУСТАМ АБДУЛЛО**

# «БАДОЕЪ-УЛ-ВАҚОЕЪ»-И ЗАЙНИДДИН МАҲМУДИ ВОСИФӢ ҲАМЧУН САРЧАШМАИ ТАЪРИХӢ-ЭТНОГРАФИИ АСРҲОИ XV-XVI

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.5. – Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои таърих, профессор
Қурбонов Бахром Раҳмонович

**ДУШАНБЕ–2026**

МУНДАРИҶА

Муқаддима…..........................................................................................3-19

**БОБИ 1. ЗАЙНИДДИН МАҲМУДИ ВОСИФӢ ВА ЗАМИНАҲОИ ПАЙДОИШУ ТАШАККУЛЁБИИ ОСОРИ ИЛМӢ–ТАЪРИХӢ ДАР АСРИ XVI**........................ ……………………………………………20-56

1.1.Ҳаёту фаъолият, рӯзгор ва мероси илмӣ-таърихии Зайниддин Маҳмуди Восифӣ: .................. ……………………………………………20-35

1.2. Вазъи Хуросону Мовароуннаҳр дар асри XVI ва шароити таърихии эҷоди асари «Бадоеъ–ул–вақоеъ»........................................................36-56

**БОБИ 2. ИНЪИКОСИ ВАЗЪИ МАЗҲАБӢ ВА МАСЪАЛАҲОИ ДИНӢ ДАР «БАДОЕЪ–УЛ–ВАҚОЕЪ»**.......................................................57-95

2.1.Инъикоси низоҳои мазҳабӣ дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Восифӣ.................................................................................................57-67

2.2. Баррасии мартаба, маросим ва мансабҳои маъмурӣ дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ»...................................................................................................68-95

**БОБИ 3. «БАДОЕЪ–УЛ–ВАҚОЕЪ» ҲАМЧУН САРЧАШМАИ ТАЪРИХӢ-ЭТНОГРАФИИ АСРҲОИ XV-XVI**……………………...96-170

3.1. Инъикоси ҳаёти меъморӣ ва ҳунармандӣ дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ»………………..........................................................................96-116

3.2.Инъикоси санъати мусиқӣ ва этнографӣ дар асари таърихии «Бадоеъ–ул–вақоеъ» ............................................ ………………………117-149

3.3.Инъикоси суннатҳои мардумӣ ва анъанаҳои миллӣ дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ».................. ……………………………………………150-170

Хулоса ………………………………………………….......................171-175

Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо................................176-177

Рӯйхати адабиёт……………………………………………….......178-188

Интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия…………………….......189-191

**МУҚАДДИМА**

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот**. Бо таҳкими истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзиш ва ба ҷаҳониён муаррифи намудани шахсиятҳои маъруфи халқи тоҷик ба ҳукми анъана даромад. Имрӯзҳо дар партави нишондодҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рӯй овардан ба мероси таърихии гузаштагон аҳаммияти хоса пайдо менамояд. Инро пай бурдан душвор нест, ки рисолати таърих метавонад барои миллат ва бедор намудани руҳи худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ, афзун намудани донишҳои таърихии насли наврас хизмат намояд. Дар ин росто таҳқиқи саҳифаҳои таърихи мероси арзишманди маънавии гузаштагон дар мисоли «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этнографии асрҳои XV-XVI масъалаи муҳим ва арзишманди таърихӣ ба шумор меравад.

Яке аз самараҳои наҷиб ва руҳпарвари даврони соҳибистиқлолӣ ва тафаккури нав, ки то рафт соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятиву иҷтимоӣ ва фарҳангии халқи тоҷикро фаро гирифта истодааст, мавриди боздиди назар қарор додани муносибат ба мероси илмии таърихӣ ва умуман, тамаддуни башарӣ мебошад. Арзишҳои моддию маънавие, ки дар тули қарнҳо аз ҷониби халқҳо офарида шудаанд, барои дарки дурусти таърих, фарҳанг, расму оин, эътиқодҳои динӣ ва ҷаҳонбинии миллат аҳаммияти бузург доранд.

Рӯй овардан ба гузаштаи фоҷиабор ва пурифтихори таърихи миллат ба хотири гирифтани дарси ибрат аз рӯзгори шахсиятҳои маъруфи сиёсиву адабӣ, илмӣ, нашри осори мондагорашон барои худшиносӣ ва ҳуввияти миллӣ, аз ҷумлаи тадбирҳои судманде буданд, ки дар маркази диққати Президенти Ҷумҳуриии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дошт. Роҷеъ ба омӯзиши мероси таърихии миллати тоҷик абармарди дунёи сиёсат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барҳақ қайд намудааст: «Афроде, ки аз сарнавишти миллат, таърихи гузаштаи сарзамин ва марзу буми аҷдодӣ, мероси бои фарҳангӣ ва расму оини ниёгон, дастовардҳои

бузург ва шахсиятҳои оламшумули қавму қабоили хеш огоҳӣ надорад, ҳеҷ гоҳ инсони комил ва фарзанди барӯманди замони худ шуда наметавонад» [95, с. 5].

«Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Восифӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этнографӣ ба ҳисоб рафта, барои омӯзиши паҳлуҳои гуногуни ҳаёти илмӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсии мардуми Хуросону Мовароуннаҳр дар охирҳои асри XV ва ибтидои асри XVI мақом ва нақши арзишмандеро ишғол менамояд.

Дар диссертатсия паҳлуҳои гуногуни тарзи зисту зиндагонии мардуми қаламрави Хуросон ва Мовароуннаҳр дар мисоли яке аз муаррихони намоёни давраи асрҳои миёна Зайниддин Маҳмуди Восифӣ бо номи «Бадоеъ–ул–вақоеъ» мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Мубрамӣ ва зарурияти таҳқиқи «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этнографии асрҳои XV-XVI» дар он аст, ки то кунун ҳамчун пажӯҳиши мукаммали илмии таърихӣ ба таври алоҳида мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор нагирифтааст.

Аҳаммияти омӯзиши «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этнографии асрҳои XV-XVI» дар ҷанбаҳои зерин ифода меёбад:

1. Ҷойгоҳи “Бадоеъ–ул–вақоеъ”–и Восифӣ дар илми таърихшиносӣ;
2. Инъикоси масъалаҳои динии унвону мансаб ва маросими дафн дар баланд бардоштани савияи маърифатнокии донишҷӯён, коромӯзон, унвонҷӯён ва татбиқи барномаҳои ҳунарӣ ва фарҳангӣ;
3. Истифодаи санъатҳои меъморӣ, мусиқӣ, касбу ҳунарҳо ва этнографии қаламрави Хуросону Мовароуннаҳр ва ба роҳ мондани таҳқиқоти илмии васеъ дар ин самт;
4. Инъикоси суннатҳои миллӣ дар замони темуриён;

5. Инъикоси воқеаҳои сиёсии қаламрави Хуросон ва пешгирии ҷараёнҳои иртиҷоӣ–ифротӣ.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Мавзуи «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этнографии асрҳои XV-XVI» дар маркази таваҷҷуҳи донишмандони ватанӣ, мактабҳои илмии Аврупо ва Руссия қарор дорад.

Гарчанде ҷанбаҳои алоҳидаи мавзуъ дар шакли мақола ва таҳқиқоти алоҳида баррасӣ шуда бошанд ҳам, онҳо имкони инъикоси тамоми паҳлуҳои «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-ро ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этнографии Хуросон ва Мовароуннаҳрро фароҳам наменамоянд. Дар рафти таҳқиқот адабиёт ва осори таҳқиқоти илмӣ оид ба паҳлуҳои мухталифи мавзуъ истифода шуданд.

Бо мақсади расидан ба ҳадафҳои гузошташуда ва осон гардидани таҳлил адабиёти истифодагардида ва омӯхташуда ба гурӯҳҳои зерин тақсим гардид:

**Ба гурӯҳи якум** осори муҳаққиқоне ки паҳлуҳои гуногуни таърихи «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этнографии асрҳои XV-XVI» ва ҳаёти маданӣ–фарҳангии онҳоро ифода менамояд, марбут аст. Таърихи «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этнографии қаламрави Хуросону Мовароуннаҳр аз тарафи муҳаққиқони хориҷӣ ба монанди П.Н. Лерх [58], В.В. Бертельс [16], А.Н. Болдырев [20], А.А. Семёнов [106], А.М. Беленицкий [15], В.В. Бартольд [14], Е.А. Давидович [35], И.С. Брагинский [23] ва дигарон мавриди таҳқиқи илмӣ қарор дода шудааст.

Дар адабиёти илмии тоинқилобӣ таҳқиқи «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этнографии асрҳои XV-XVI» асосан, дар корҳои олимон ва шарқшиносони рус ҳанӯз дар миёнаҳои асри XIX ба монанди П.Н. Лерх [58], Р.Х. Додихудоев [39],, Р.Ш. Сотиволдиев [111], Ҳамза Камол [121], А.Шишов [127], А.

Джалилов [36] ва ғайра вомехӯранд. Маълумоти аввалинро дар бораи Восифӣ ва асари ӯ «Воқеаҳои аҷиб» П.Н. Лерх [58], соли 1858 дар Хива барои осорхонаи Осиё ба даст овардааст.

Дар давраи шуравӣ «Бадоеъ-ул-вақоеъ» ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этнографӣ ва ҳаёти маданию фарҳангии халқи тоҷик дар корҳои Н.А. Кисляков [52], В.В. Бартолд [14], М.С. Андреев [10], Н.Ф. Гуляницкий [34], И.П. Петрушевский [92], А. Арбобзода [11], Б.Ғ. Ғафуров [30], Н. Мирзоев [68], И.С. Брагинский [23], Е.Э. Бертельс [17], Б.Н. Заходер [44] ва дигарон инъикос гардида буд.

Эҷодиёти Зайниддин Восифӣ ва далелҳои асосии тарҷимаҳолии ӯ барои ҷалби хислати ҳаёти фарҳангии халқҳои Осиёи Миёна дар як асари муттаҳидшудаи «Таърихи Узбекистон» истифода шудаанд: «Барои тавсиф кардани ҳаёти фарҳангӣ ва адабии даҳсолаҳои аввали асри XVI, ёддоштҳои Восифӣ таҳти унвони «Ҳодисаҳои аҷиб» таваҷҷуҳи зиёд доранд» менависад муаллифи бахши дахлдор, туркологи шуравӣ А.К. Боровков [48, с. 62]

Дар асарҳои Е.Э. Бертелс аҳаммияти бузурги ин сарчашмаи илмӣ ҳамчун манбаи муътамади таърихӣ таъкид шудааст. «Ёддоштҳои Восифӣ «Ҳодисаҳои нодир»–ҳуҷҷати барҷастаи давр» менависад Е.Э. Бертелс бо истифода аз силсилаи «ғазалҳои гул»–и Восифӣ барои тавсифи рушди шеърҳои лирикӣ дар асри XVI маълумот медиҳад [16, с. 222].

Маълумот дар бораи Зайниддини Восифӣ дар монографияҳои Е.Э. Бертелс «Навоӣ» ва «Ҷомӣ» диққатҷалбкунандаанд ва инчунин пеш аз ҳама мавқеи Ҷомӣ ва Навоиро дар ҳаёти ҳаррӯза тавсиф менамоянд [17, с. 22].

**Ба гурӯҳи дуюм** фазои илмӣ олимони ватанӣ, ба монанди С. Айнӣ [2], Б. Ғафуров [29], Э. Раҳмон [130], А. Мирзоев [67], А. Ҷалилов [60], А. Мухторов [76], Р. Ҳодизода [85], Д. Довудӣ [37], Я. Илясов [46], Н. Ҳотамов [86], С. Муллоҷонов [74] , Ғ. Ғоибов [33], Ю. Ёқубов [42], В. Асрорӣ [12], Г. Ҷураева [62] ва дигарон дохил мешавад. Олимони

зикргардида мероси адабии Восифиро дар паҳлуҳои гуногуни мавриди таҳқиқ қарор додаанд.

Омӯзиши мероси эҷодии Восифӣ аз ҷониби устод С. Айнӣ нақш ва мақоми махсусро касб намудааст. С. Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–ро мухтасар таҳлил намуда, аҳаммияти илмӣ–матншиносӣ ва мардумшиносии онро аз ҷиҳати арзиш ҳамчун шоҳасар ё ин ки ёдгории адабӣ ва таърихӣ донистааст [6].

Устод С. Айнӣ ҳанӯз солҳои 1940–1946 дар саҳифаҳои маҷаллаи «Бо роҳи Ленинӣ» ва «Шарқи сурх» зери сарлавҳаи «Як симои номашҳури адабиёти тоҷик», «Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ–ул–вақоеъ» мақолаҳо интишор намуда, оид ба ҳусну қубҳи эҷодиёти ин шахсияти нотакрори ҷодаи илму адаб ибрози ақида намудааст. Натиҷаи баррасиҳои устод С. Айнӣ оид ба ҳаёту фаъолияти Зайниддин Восифӣ дар ҳудудҳои Хуросону Мовароуннаҳр дар асари ӯ «Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ–ул–вақоеъ» мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

«Тоҷикон»–и Б. Ғафуров ба таҳқиқи ҳаёти мадании олимони асри XV ва XVI бахшида шуда, фарогири ҳаёту фаъолияти Зайниддин Восифӣ ва эҷодиёти ӯ низ мебошад [29].

Академик А. Мирзоев  пас аз омӯзиши пурра ва ҳаматарафаи эҷодиёти Зайниддини Восифӣ монографияе бо номи «Ҳикояҳо оид ба Ибни Сино ва шахсияти ӯ»-ро навишт. А. Мирзоев ҳикояҳо ва афсонаҳои халқиро, ки дар эҷодиёти Зайниддин Восифӣ ба таври хеле зиёд вомехӯранд, мавриди таҳқиқ қарор додааст  [67, с 141].

Асари Академик А. Мухторов «Аз таърихи фарҳанги Мовароуннаҳр» ба таҳқиқи раванди таърихи давраи асримиёнагии мардуми тоҷик таҳлил гардида, таъкид намудааст, ки робитаҳои фарҳангии Ҳисори Шодмон бо Ҳирот густариш пайдо карда, боиси ривоҷёбии соҳаҳои алоҳидаи касбу ҳунар, санъати меъморӣ, рассомӣ, санъати мусиқӣ, бастакорону ҳофизон, навозандагон ва раққосон мегардад  [77, с. 12].

Нахустин маротиба матни интиқодии «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Восифӣ дар шаҳри Москва соли 1961 бо дастгирии Б. Ғафуров аз тарафи А.Н. Болдирев ва бори дуввум ин асар бо тавзеҳоти мувофиқ соли 1970 дар Теҳрон бо дастгирии К. Айнӣ бо кумаки олимони эронӣ чоп мегардад, ки ин рӯйдоди муҳим дар ҳаёти фарҳангии халқи тоҷик ба шумор мерафт.

Т. Миров дар бахши илми филология, «Фольклор дар эҷодиёти Зайниддин Восифӣ» кори илмӣ–таҳқиқотӣ анҷом додааст [71, с. 27].

Дар асари А. Паҳлавонов «Афкори педагогии халқи тоҷик дар асрҳои XVI ва XVII» масъалаҳои ҳаёту фаъолияти ҷамъиятию сиёсӣ, таърихӣ, адабӣ ва педагогии Зайниддини Восифӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд [90, с. 240].

Дар китоби Р. А. Сайдалиев «Бадоеъ–ул–вақоеъ» хулосагирии илмӣ–таърихӣ ва таҳлили этнографӣ» фаъолияти илмӣ-таърихии Зайниддин Восифӣ ва инъикоси арзишҳои этнографӣ дар он мавриди ақидаронӣ ва таҳқиқ қарор гирифтааст [103, с. 168].

Инчунин, дар осори муҳаққиқони дигар «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этнографии Хуросону Мовароуннаҳр, пайдоиш ва рушди санъат, маросимҳои халқии мотамдорӣ, тӯй, ченакҳои дарозию вазн, одоби меҳмондорӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Дар баррасии мавзуи интихобшуда мақолаҳои дар маҷаллаҳо ва шабакаҳои интернетӣ нашргардида низ маълумоти зарурӣ оварда шудаанд.

Дар асоси таҳлили ҳамачонибаи муаррихон то имрӯз анҷомдодашуда аз рӯйи ихтисоси таърихнигорӣ масъалаи «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этнографии асрҳои XV-XVI» мавриди омӯзиши коркарди илмӣ ва инъикоси системавӣ қарор дода нашудааст. Ҳангоми таҳқиқ ба муаллиф муяссар шуд, ки микдори зиёди адабиёти илмии олимони тоҷик ва ҷаҳониро омӯзад [82, с. 56].

Корҳои илмии анҷомдодаи дигар олимони хориҷӣ низ ҳангоми омода намудани кори илмӣ ба муаллиф мусоидати фаъол намуданд, ки миёни онҳо кори Х.Х. Фаҳлаёнӣ [118], Р.Ф. Нелсон [99] ва дигарон боиси қайд мебошад.

Таҳқиқоти илмии анҷомдодаи ин олимон заминаи асосии назариявӣ дар самти омӯзиши «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Зайниддин Восифӣ гардиданд. Дар корҳои илмии ин олимон ҷанбаи илмӣ, таърихии «Бадоеъ–ул–вақоеъ» мавқеъи махсусро касб намудааст.

Осори илмии истифодашуда масъалаи «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этнографиро ба таври пароканда инъикос намуда, зарурати таҳқиқи мавзуъро дар шакли маҷмӯӣ боз ҳам бештар менамояд.

Адабиёт ва мақолаҳои илмӣ барои тасвири марҳилаҳои таърихии «Бадоеъ-ул-вақоеъ» сарчашмаи таърихӣ-этнографӣ ҳамчун асоси назариявӣ хидмат кардаанд.

Муаллиф ҳангоми таълифи рисолаи мазкур аз гурӯҳи муайяни сарчашмаҳо истифода намудааст, ки онҳоро метавон ба гурӯҳҳои зерин тақсим намуд:

**Гурӯҳи якум** ва ниҳоят муҳимми **сарчашмаҳоро** манбаъҳои арабию форсӣ, ки ба таърихи «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этнографии асрҳои XV-XVI» мансубанд, инчунин, китобҳои дигар, ки оид ба масъалаҳои илму фарҳанг ташкил медиҳанд.

**Гурӯҳи дуюми сарчашмаҳоро** маводди бойгонӣ ташкил медиҳанд. Маълумоти арзишнок ва далелҳои зарурӣ аз бойгонии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (минбаъд АМИТ) истифода шудаанд.

**Гурӯҳи сеюмро** манбаъ ва маводе, ки бевосита ба раванди омӯзиши илмии «Бадоеъ-ул-вақоеъ» сарчашмаи таърихӣ-этнографии минтақаи мавриди омӯзиш қарордода, пеш аз ҳама, маълумот дар бораи таърихи минтақаи омӯхташуда дар ҳудуди ҷумҳурӣ, асарҳо ва мақолаҳои илмии донишмандони соҳа ташкил медиҳанд. Натиҷаи корҳои

таҳқиқотии донишмандон дар ҷумҳурӣ ба шакли маҷмуаҳо, рисолаҳо, монографияҳо ва ҳисоботҳое, ки дорои арзиши баланди илмӣ мебошанд, ба нашр расидааст.

Дар ин самт мақолаҳо, монографияҳо, китобҳои олимони машҳури хориҷӣ А.Н. Болдирев [21], Е.Э. Бертельс [17], И.С. Брагинский [23], ва дигарон ҳамчун сарчашмаи муҳим ва муътамад дар раванди таҳқиқи масъалаи мавриди пажӯҳиш фаровон истифода шудаанд.

**Ба гурӯҳи чорум** маводди нашрияҳои даврӣ ва сомонаҳои иттилоотии ба мавзуи диссертатсия алоқаманд дохил мешаванд.

Дар баррасии мавзуи интихобшуда мақолаҳои дар маҷаллаҳо ва шабакаҳои интернетӣ нашргардида низ маълумоти зарурӣ оварда шудаанд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар чаҳорчӯбаи татбиқи нақшаи дурнамои кори илмӣ–таҳқиқотии кафедраи таърих ва методикаи таълими таърихи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ зери унвони «Заминаҳои рушди этнография (мардумшиносӣ) ва манбаъшиносӣ (барои солҳои 2021-2025)» ба иҷро расид.

## Тавсифи умумии таҳқиқот

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади асосии таҳқиқи диссертатсионӣ ин омӯзиши «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этнографии асрҳои XV-XVI» иборат аст, ки арзиши он дар қиёс бо дигар осори таърихӣ ва таҳқиқоти илмии муосир мушаххас шавад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноил шудан ба ин мақсад муаллифи рисола ҳалли вазифаҳои зеринро зарур медонад:

– муайян намудани ҷойгоҳи «Бадоеъ–ул–вақоеъ» ва ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этнографӣ мавриди таҳлил қарор додани он дар таърихшиносӣ;

– омӯзиши ҳаёту фаъолияти илмии Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ва вазъи таърихиву сиёсии эҷоди асари «Бадоеъ–ул–вақоеъ»;

– таҳқиқи ҷараёнҳои динии сиёсӣ ва таъсири манфии низоҳои мазҳабӣ ба ҳаёти сокинони Хуросон дар сарчашмаи илмии «Бадоеъ–ул–ваҳоеъ»;

– муайян намудани умури идории давлатию динӣ ва таҳлили маросими дафн ва тарзи иҷроиши хоси он дар байни гурӯҳҳои этникӣ;

– таҳқиқи пайдоиши санъати меъморӣ, касбу ҳунар, рушд ва нақши онҳо дар ҳаёти мардумони асри XVI;

– омӯзиши санъати созҳои мусиқӣ, ракс, наққошӣ, адабию бадеӣ, сару либос ва ғизо дар асари «Бадоеъ–ул–ваҳоеъ»;

– таҳлили фарҳанг, суннатҳои мардумӣ ва анъанаҳои миллӣ дар осори илмии давру замон.

**Объекти таҳқиқот.** Омӯзиши «Бадоеъ–ул–ваҳоеъ»–и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этнографии асрҳои XV-XVI» мебошад, ки ҳамчун манбаи таърихӣ ҷойгоҳ ва нақши он дар қиёс бо дигар осори таърихӣ ва таҳқиқоти илмии муосир мушаххас гардад.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқот.** Таърихи «Бадоеъ–ул–ваҳоеъ»–и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этнографии асрҳои XV-XVI» омӯзиши ҳамаҷонибаи таърих, этнография, археология ва фарҳанги ин давра мебошад.

**Фарзияи таҳқиқот.** «Бадоеъ–ул–ваҳоеъ»–и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этнографии асрҳои XV-XVI» он вақт мукаммал ва самаранок мегардад, ки агар он:

– ба масъалаи ташаккули суннатҳои мардумӣ, фарҳанг, тамаддун, мусиқӣ урфу одат ва анъанаҳои миллӣ ба тарзи маҷмуӣ (комплексӣ) нигаронида шавад;

– заминаҳои пайдоишу ташаккули осори илмӣ–таърихии асри XVI «Бадоеъ–ул–ваҳое»–и Зйниддин Маҳмуди Восифӣ дар ҳар як бобу зербоб муайян гардида, дар амал татбиқ карда шаванд;

– дар таҳқиқу баррасии «Бадоеъ–ул–ваҳое»–и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ баробари дигар маводи таълимӣ, сарчашмаҳо низ истифода карда шавад;

– ҷараёнҳои динии сиёсӣ ва таъсири манфии низоҳои мазҳабии Хуросон дар сарчашмаи илмии «Бадоеъ–ул–вакоеъ» муайян карда шавад;

– пайдоиш ва нақши санъати меъморӣ, касбу ҳунар, рушди мусиқӣ, рақс, наққошӣ, адабӣ, бадеӣ, сару либос ва ғизо дар асари «Бадоеъ–ул–вақоеъ» мушаххас кунонида шавад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот)**

Таҳлилу омӯзиши сарчашмаҳои лозима вобаста ба моҳияти мавзуъ фарогири се марҳила аз соли 2015 то соли 2024 мебошад:

**Марҳилаи якум** (солҳои 2015–2018). Оиди мавзуи таҳқиқшаванда сарчашмаҳои таърихӣ, бадеӣ, фалсафӣ, сотсиологӣ, педагогӣ ва психологӣ ҷамъоварӣ ва таҳлил гардида, сохти назариявӣ, объект, предмет, фарзия, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот муайян карда шуд. Моҳияти «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этнографии асрҳои XV-XVI» мавриди омӯзиш қарор гирифт ва инчунин унсурҳо ва ҷузъҳои таркибии суннатҳои мардумии Мовароуннаҳру Хуросон аниқ карда шуд.

**Дар марҳилаи дуюм** (солҳои 2018–2021) пас аз омӯзишу таҳқиқи сарчашмаҳои лозима масъалаҳои қаламрави Хуросону Мовароуннаҳр дар асри XVI, давраи ҳукмронии охирини намояндаи Темуриён Султон Ҳусайн Мирзо Бойқаро (солҳои 1468–1506), заволи давлати Темуриён ва ба сари қудрати сиёсӣ омадани давлати Шайбониёну Сафавиён, инқирози давлати Темуриён, кашмакашиҳои феодалҳо, тохтутоз ва торочгариҳои ҳокимони Сафавиёну Шайбониён, бинобар шиддати низоҳои мазҳабии шиа ва суннӣ то синни 27 солагӣ, тарки ватан намудани Восифӣ, ба тарафи Мовароуннаҳр пеш гирифтани мусофират ва ғайра дар диссертатсия мавриди омӯзиш қарор гирифта, мушаххас кунонида шуд.

**Дар марҳилаи сеюм** (солҳои 2021–2024) натиҷаи ниҳоии диссертатсия таҳлил ва ҷамъбаст гардид. Ҳадафи асосии мавзуи диссертатсия ин мушаххас намудани «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этнографии асрҳои XV-XVI» мебошад, ки он ба чор давра ҷудо гардид:

1. Таназзули салтанати Темуриён дар қаламрави Хуросону Мовароуннаҳр (1507).

2. Ба сари қудрат омадани сулолаи Шайбониён (1501–1598) дар Хуросон.

3. 3.Ҷанги байни Шайбониён ва Сафавиён ва сиёсати мазҳабии Хуросон.

4. Сафари Восифӣ ба Исфаҳон, Бухоро, Самарқанд, Тошканд, Шоҳрухия, Шаҳрисабз, Туркистон.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот**. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ чандин принсипу услубҳои маъмули маърифатӣ дар илми муосири таърихнигорӣ–айнияти илмӣ (объективияти илмӣ), таърихият, масъалагузорӣ, муқоисаи таърихӣ, системавӣ, таҳлил, илмӣ ва назарӣ истифода шуд.

Истифодаи усули таърихӣ ба мо имкон дод, ки таърихи «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этнографии асрҳои XV-XVI»-ро таҳлил намоем. Бо истифода аз усули муқоиса муаллиф давраҳои гуногун, сатҳ ва сифати таърихи «Бадоеъ–ул–вақоеъ» ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этнографиро аз рӯйи сарчашмаи таърихӣ омӯхта, раванди онҳоро баҳо додааст.

Усули таърихӣ–муқоисавии таҳқиқот бо мақсади баҳодиҳӣ ва муайян кардани «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этнографии асрҳои XV-XVI» дар соҳаи таърих, этнография ва фарҳанг истифода шудааст.

**Сарчашмаҳои таҳқиқотро** сарчашмаҳои таърихӣ ва адабиёти илмӣ, монографияхо, маҷмуаҳо ва мақолаҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ки ба таърихи «Бадоеъ–ул–вақоеъ» ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-

этнографии марбут ба «Бадоеъ–ул–вақоеъ» мебошанд, ташкил медиҳад. Маъхази асосии таҳқиқот «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Зайниддини Восифӣ аст. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ «Бадоеъ–ул–вақоеъ» ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этнографи»-и Хуросону Мовароуннаҳр бар асоси ин осор қиёс ва бозтоб гардид.

**Заминаҳои эмперикӣ.** «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этнографӣ»-ро мо дар таҳқиқоти худ аз диди таърихшиносӣ, зебоипарастӣ, фалсафӣ, ва равоншиносӣ, баррасӣ намуда, чунин усулҳои эмпирикиро: мушоҳида, таҳлил, муқоиса, суҳбат, арзёбӣ, саволу ҷавоб, ба ваҷҳоварӣ, қиёскунӣ ва ғайраро мушаххас намудем.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Натиҷаи таҳқиқи диссертатсия ба омӯзишу баррасии асари «Бадоеъ–ул–вақое»–и Зйниддин Маҳмуди Восифӣ оиди инъикоси санъати меъморӣ, касбу ҳунарҳо, санъати мусиқӣ, этнография, фарҳанг, суннатҳои мардумӣ, низоҳои мазҳабӣ, имкониятҳои таърихӣ, анъанаҳои миллӣ ва урфу одатҳои мардуми Мовароуннаҳру Хуросон дар асри XVI нигаронида шудааст. Он расму русумҳое, ки мо дар таҳқиқоти худ зина ба зина ошкор сохтем дар баъзе минтақаҳои Тоҷикистон то ба ҳол побарҷост.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсиониро мавриди таҳқиқ қарор додани масоили «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этнографии асрҳои XV-XVI» ташкил медиҳад, ки дар таҳқиқоти мазкур аввалин маротиба дар шакли комплексӣ дар сатҳи мукаммал, аз лиҳози таърихӣ ба таври илмӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Дар таҳқиқи диссертатсионӣ чунин нуқтаҳо ва хулосаҳои асосии муайянкунандаи навгонии илмӣ коркард шудааст, ки ба ҳимоя пешниҳод мегардад:

– аз ҷониби муаллиф ҳамчун як мавзуи том бори аввал баррасӣ ёфтани«Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳамчун

сарчашмаи таърихӣ-этнографии асрҳои XV-XVI» дар таърихнигории ватанӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуд;

– дар таҳқиқ бар асоси ахбори матни сарчашмаи таърихии «Бадоеъ–ул–вақоеъ» муайян намудани шарҳи ҳол, овони ҷавонӣ, рӯзгор ва осори илмӣ–таърихии Зайниддин Маҳмуди Восифӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуд;

– аз ҷониби муаллиф муайян кардани муҳтаво ва мазмуни «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ дар илмҳои таърих ва фарҳанги халқи тоҷик баррасӣ гашт;

– дар таҳқиқ муайян кардани самтҳои асосии «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этнографии асрҳои XV-XVI мавриди таҳқиқ қарор гирифт;

– аз ҷониби муаллиф ҷойгоҳи «Бадоеъ–ул–вақоеъ» дар олами илму адаб муайян гардида, инъикоси суннатҳою анъанаҳои миллӣ ва арзишҳои фарҳангии таърихӣ дар он таҳлил гардиданд;

– дар таҳқиқот бар пояи ахбори Восифӣ муайян намудани умури идора ва сохтори давлат ва нақши унвону мансабҳои давлатӣ–маъмурӣ ва динӣ дар ҳаёти сиёсӣ мавриди арзёбӣ қарор гирифт;

– таҳлили воқеии муайян намудани ҷойгоҳи дин ва мазҳабҳои мавҷуда дар дохили давлатҳои мавҷуда таҳлил гардид;

– дар таҳқиқот асоснок карда шудааст, ки дар шароити ҷомеаи гузашта ва имрӯза арзишхои фарҳангӣ қисми унсури ташаккули ҷомеа нақши муҳимро доро мебошанд;

– истифодаи арзишҳои фарҳангӣ аз қабили тӯй, касбу ҳунар, сару либос, варзиш ва ғайра дар ташаккули ҳисси маънавии сокинони маскуни ин минтақа аҳаммияти махсус дорад;

– аз ҷониби муаллиф мушкилиҳои «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этнографии асрҳои XV-XVI» муайян гардида, пешниҳодҳо ҷиҳати истифодаи арзишҳои фарҳангӣ аз қабили тӯй, касбу ҳунар, сару либос, варзиш ироа шуданд.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Дар таърихи халқи тоҷик, махсусан, охири асрҳои XV–XVI давраи ҳукмронии сулолаҳои Темуриёну Шайбониён мақом ва ҷойгоҳи хос дорад. Ин давра ҳамчун давраи таназзули ҷомеаи асримиёнагӣ ва талош барои ҳифзи ҳастии таърихӣ ва эҳёи миллӣ номгузорӣ шудааст. Маҳз дар ин давраи таърихӣ Восифӣ ба сифати як мутафаккир ва муаррихи тавоно умр ба сар бурда, асари ниҳоят пурарзиши хеш «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–ро эҷод намудааст. Асари мазкур дар воқеъ ба ҷиҳати арзиш ва шинохт муътабар мебошад. Мазмун ва мундариҷаи асар ифодакунандаи як марҳилаи таърихи ватан–вилоятҳои Хуросону Мовароуннаҳр буда, ифодакунандаи дигаргуниҳои бузурги ҷамъиятӣ–сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҳаёти мадании ниёгон мебошад.

2. Аз ҷониби муаллиф «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этнографии асрҳои XV-XVI» муайян карда шудааст, ки таърихи зиёда аз 500 сола дорад. Омӯзиши таърихи сиёсии ин давра тибқи маълумоти сарчашмаи илмӣ–таърихии «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Восифӣ ба роҳ монда шудааст. Дар қаламрави тоҷикон қавмҳои хурди этникӣ бо урфиятҳо ва анъанаҳои ҳуд умр ба сар мебаранд. Хусусиятҳои тарзи хоҷагидорӣ, машғулият ва тарзи зист, муносибатҳои оилавӣ, иҷтимоӣ, маҳаллӣ, ҳамсоявӣ, байни давлатҳо ва ғайра омили сукунати аҳолӣ ба таври доимӣ, кӯчӣ ва нимкӯчигӣ гардида, омилҳои дигари мавҷудаи ҷузъии динӣ барангезандаи низои байни онҳо шуда метавонад. Низоъҳои харобиовар мавҷуданд. Онҳо ба амният ва осоиштагии зисти мардумони минтақаи мавриди баҳс халал мерасонид. Низоъҳоро одамон ба вучуд оварда, ба ин ё он тарзи ба бар намудани сару либос, мӯйлабгирӣ аз ҷумла, кулоҳ, ки нишонаи динист, фарқ карда меистад. Хусусият ва характери низоъ дар ин давра таҳлил карда шудааст.

3. Пайдоиш ва ташаккули тарзи ҳаёти муқимӣ ва ниммуқимӣ, варзиш, тӯй, сару либос, меҳмондорӣ ва амсоли ин дар ҷомеаи феодалӣ ба назар мерасиданд. Арзишҳои фарҳангӣ бо назардошти мавқеи

ҷуғрофӣ, шароитҳои табиӣ, вазъи иҷтимоию сиёсӣ таҳлил мегардад. Ҳамчунин, унвону мансабҳои зиёди динӣ ва давлатӣ мавҷуд буда, амалдорони зиёди давлатӣ, аз қабили амиру вазир, муншӣ, мир, миршаб, қозӣ, шайхулислом ва ғайра фаъолият мекарданд, ки дар ҳаёти сиёсию мадании асри XVI нақши назаррас мебозанд.

4. Ҳамчун сарчашмаи таърихӣ- этнографӣ «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Восифӣ дар омӯзиши инъикоси воқеаҳои сиёсии Хуросону Мовароуннаҳр, инчунин, арзишҳои фарҳангӣ, худшиносии миллӣ, худогоҳии сиёсии омма аҳаммияти махсус дорад. Дар ин замина муносибаҳои фарҳангӣ усули натиҷабахши инсондӯстона дар ҳалли мушкилот дар минтақа дониста мешавад. Маросимҳои дафн, тӯй, хатнасур ва анъанаҳои миллӣ дар ҳаёти мардуми тоҷик дида мешуд. Дар ин маросимҳо пӯшидани сару либоси махсус, одобу ахлоқи ҳамидаи инсонӣ ба назар мерасанд. Ба тан намудани сару либос ин, пеш аз ҳама, маданияти либоспӯшии инсонро нишон медиҳад.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Рисола аҳаммияти илмӣ–назариявӣ ва амалӣ дорад ва натиҷаҳои он метавонад ҳангоми таълифи дастурҳои таълимии таърихи халқи тоҷик, фарҳанг, курсҳои махсус, таҳия ва мураттабсозии китобҳои таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ мавриди истифода қарор гирад. Хулоса ва тавсияҳои диссертатсия барои таҳқиқи бисёр масъалаҳои мубрами таърихи асрҳои миёнаи Хуросону Мовароуннаҳр ва Осиёи Марказӣ муфид мебошанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Диссертатсия дар асоси яке аз сарчашмаҳои муътабари насри форсӣ «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Зайниддини Восифӣ ва қиёси додаҳои он бо дигар маъхазҳои хаттӣ, рисолаҳои илмии донишмандони ҳавзаҳои илмии Аврупо, Эрон ва Тоҷикистон навишта шудааст.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия дар мавзуи «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этнографии асрҳои XV-XVI» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои таърих бо шиносномаи ихтисосҳои

Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ихтисоси 6.1.5. - Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мутобиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Муҳаққиқ дар ҷараёни кор ба масоили меҳварии «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этнографӣ» аҳаммияти ҷиддӣ додааст, ҳамчунин, арзиши илмии «Бадоеъ–ул–вақоеъ», мазмун ва мундариҷаи осори мутафаккир, вазъи доираҳои илмиро мавриди таҳлил ва таҳқиқ қарор додааст. Ҳамзамон, дидгоҳи таърихнигорро ба ҳаёти дарбор, ба масъалаи вазъи мазҳабӣ, унвон ва мансабҳои динӣ ва давлатӣ маросим ва суннатҳои мардумӣ дар чаҳорчӯбаи макон (Хуросону Мовароуннаҳр) ва замон мушаххас сохт.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия (гузориши нуқтаҳои асосии диссертатсия дар конференсияҳо, маҷлисҳо, семинарҳо ва дигар ҳамоишҳои илмӣ).**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар кафедраи таърих ва методикаи таълими таърихи факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ омода гардидааст. Матни комили рисола дар ҷаласаи кафедраи таърих ва методикаи таълими таърихи факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ **(Суратмаҷлиси №11, аз 24.06.2025)** муҳокима ва ба ҳимоя тавсия гардид.

Нуктаҳои асосии таҳқиқ дар шакли маърӯза дар конференсияи илмӣ–назариявӣ бахшида ба 70–солагии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ (ш. Кӯлоб, 2015 қисми 2), конференсияи байналмилалии илмӣ–амалӣ бахшида ба нақши ҳамгироии илм, инноватсия ва технологияҳо дар рушди иқтисодии кишварҳо–ДТМИ (ш. Кӯлоб, 2016), конференсияи илмӣ–амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Тайёр намудани мутахассисони рақобатпазир тавассути ҳамгироии системаи таълимотии Тоҷикистону Россия–ДТМИ (ш. Кӯлоб, 2018с.), конференсияи

ҷумҳуриявии илмӣ–назариявӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами илму маориф дар шароити ҷаҳонишавӣ» бахшида ба 75–солагии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳӣ Рӯдакӣ ва 30–солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон–ДДК (ш. Кӯлоб, 2020 қисми 2), конференсияи илмӣ–амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Ҳамгироии илм, инноватсия ва истеҳсолот заминаи асосии татбиқи технологияи дуалии таҳсилот»–ДТМИ (ш. Кӯлоб, 2023), баён шудаанд.

**Интишороти натиҷаҳои диссертатсия.** Муаллиф мазмуни асосии рисоларо дар 1 монография ва 11 мақолаи илмӣ интишор кардааст. Дар ин радиф 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расиданд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, 7 зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 191 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

# БОБИ 1. ЗАЙНИДДИН МАҲМУДИ ВОСИФӢ ВА ЗАМИНАҲОИ ПАЙДОИШУ ТАШАККУЛЁБИИ ОСОРИ ИЛМӢ –ТАЪРИХӢ ДАР АСРИ XVI

## 1.1. Ҳаёту фаъолият, рӯзгор ва мероси илмӣ-таърихии Зайниддин Маҳмуди Восифӣ

Яке аз марҳилаҳои муҳимми таърихи халқи тоҷик ин аҳди ҳукмронии сулолаи Темуриён асрҳои XV–XVI мебошад, ки замони ҷаҳолати сохтори феодалӣ, зуроварӣ, зулму ситам, бедодгариҳои амирону хонҳо ва пайравони онҳо, таъсир ва нуфузи рӯҳониёни ҷаҳолатпараст рӯ ба болоравӣ ниҳода буд. Новобаста аз чунин давру замони мураккаб ва ақибмондагии муҳити мавҷудаи замон даҳҳо ва садҳо нафар олимону донишмандон, муаррихону ҷомеашиносон, ҷуғрофшиносону фиқҳшиносон, философшиносону табибон ба майдони эҷод қадам ниҳодаанд, ки баҳри эмин нигоҳ доштани чароғи илму маърифат хизматҳои шоёнеро ба анҷом расонидаанд. Дар бораи хидматҳои шоёни ин абармардон дар назди миллат ва назари нек ба оинаи таърих Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барҳақ қайд кардаанд: «Оре ба таърихи миллати худ чун ба оинаи неку муқаддас назар бояд кард» [97, с. 3].

Зайниддин Маҳмуди Восифӣ яке аз мутафаккирони барҷастаи давраи асримиёнагии халқи тоҷик мебошад, ки давраи ҳаёт ва фаъолияти ӯ ба охирҳои аҳди ҳукмронии сулолаи Темуриён ва Шайбониён рост меояд, ки бо офаридани асари илмӣ таърихии «Бадоеъ–ул–вақоеъ» маъруфият пайдо кардааст. Омӯзиши осори ин шахсияти барҷаста моро водор намуд, ки дар бораи овони туфулият, шарҳи ҳол, таҳсил, эҷодиёт, муҳити илмӣ ва таърихи сиёсии замони ӯ баъзе фикру андешаҳои хешро баён намоем. Роҷеъ ба ҳаёт ва фаъолияти Зайниддин Восифӣ як силсила асарҳои илмӣ бахшида шудааст, ки бо қалами олимони ватанию хориҷӣ ва ховаршиносон тааллуқ доранд. Солҳои зиндагонии ин муаррихи

барҷаста ба охирҳои асри XV то солҳои 50–уми асри XVI рост меояд ва ҳаёташ дар ду вилояти паҳновари ҳамсоя–Хуросон 27 сол ва Мовароуннаҳр 44 сол сипарӣ гардидааст. Ин чеҳраи шинохтаи илму адаб дар яке аз шаҳрҳои пешқадами дорои илму фарҳанги қадимаи тоҷикон шаҳри бостонии Ҳирот як қисми ҳаёташро пушти сар намудааст.

Дар бораи овони наврасӣ, зодгоҳ, санаи таваллуд ва аҳли оилаи Восифӣ донишмандони варзидаи Аврупо ва Шарқ фикру андешаҳои худро иброз намудаанд. Махсусан, адабиётшиносон ва муаррихони замони шуравӣ Ш. Ҳусайнзода, А. Н. Болдирев, К. Айнӣ, А. Мирзоев, С. Тоҷиддинов, М. И. Занд, Б.Ғ. Ғафуров ва дигарон то ҷое тавонистаанд паҳлуҳои гуногуни ҳаёти ин мутафаккирро мавриди пажӯҳиши амиқи илмӣ қарор диҳанд, вале хизматҳои фарзанди барӯманди миллати тоҷик, адабиётшиноси шинохта устод С. Айнӣ мутобиқ ба омӯзиши осори зиёди сарчашмаҳои хаттии таърихӣ, мушоҳидаҳо ва муқоисаҳои илмӣ, бахусус, роҷеъ ба омӯзиши ҳаёт ва фаъолияти Зайниддин Восифӣ, тарғиб ва ташвиқи осори ӯ дар ҳудуди кишвар бузург мебошад.

Устод С. Айнӣ дар бораи тavваллуди Зайниддин Восифӣ овардааст, ки «Номи Восифӣ Зайниддин Маҳмуд буда, ӯ дар шаҳри Ҳирот дар соли 890 ҳиҷрӣ–мутобиқ ба соли 1485 мелодӣ дар хонаи Абдуҷалил ном як муллои одӣ таваллуд ёфт. Падари Восифӣ Абдуҷалил олим ва илмдӯст буд, аммо ӯ ба мансаби калоне соҳиб набуд» [5, с.16].

Тавре аз маълумоти устод С. Айнӣ равшан мегардад, падари Восифӣ Абдуҷалил яке аз амалдорони хурди дарбори ҳокимони темурӣ буда, ҳаёти оддию хоксорона, фақирона ва миёнаҳолона доштааст. Ӯ бо иҷрои амали хеш дар хизмат ба амирони темурӣ даромади на он қадар калон пайдо менамуд. Бо вуҷуди ин, салиқаи хуби нависандагӣ, яъне мирзоӣ дошт. Барои тарбияи фарзандаш дар руҳияи ватандустӣ, инсондустӣ ва ахлоқи ҳамидаи инсонӣ саъю кӯшишҳои зиёд намудааст. Ҳамин саъю кӯшишҳои падар буд, ки Зайниддин Восифӣ дар раванди ҳаёт ба қуллаҳои баланди мурод, аз ҷумла, омӯзгори фарзандони шоҳон,

машваратчии ҳокимону хонҳои шайбонӣ, мунши̅, имоми масҷид, қозии аскар ва амсоли инҳо расидааст.

Падари Восифӣ Абдуҷалил ва яке аз хешовандони наздики ӯ Мавлоно Амонӣ аз ҷумлаи шахсони бомаърифати замон ба шумор мерафтанд. Падараш муншӣ, амакаш шоир, тағояш соҳибилм буданд. Дар дукони косибии амакаш–Амонӣ шоирони пешавари гирду атрофи шаҳри Ҳирот ҷамъ омада, мунтазам базми шеър мероностанд. Мушоираву суҳбатҳои дар дукон барпошуда ба тарбияи завқ ва ташаккули маънавии Восифӣ бе таъсир намонданд [133, с. 79].

Волидон ва хешу ақрабои Зайниддин Восифӣ, ки мутааллиқ ба табақаи миёнаҳол буданд, қариб ҳама таҳсилкарда ва аз ҷумлаи ашхоси бомаърифати замон маҳсуб мешуданд. Бад ин васила буд, ки баъзеашон дар хидмати давлат қарор доштанд [25, с. 3].

Номи пурраи мутафаккир Зайниддин Маҳмуд ибни Абдулҷалил мутахаллис ба Восифӣ мебошад. Зайниддин Восифӣ таҳти таъсири падар ва амакаш Мавлоно Амонӣ, ки яке аз донишманди маъруфи замон буд, тарбият ёфтааст. Восифӣ дар чунин муҳити илмию фарҳангии пешқадам ба камол расида, ба азбар намудани илму дониш камари ҳиммат мебандад. Бо дарки зарурат ва вазъи иҷтимоию сиёсӣ Зайниддин Восифӣ барои азбар намудани илму маърифат роҳи мусофиратро пеш гирифта, ба кишвару шаҳрҳои зиёде сайру сафарҳо кардааст, дар суҳбатҳои намояндагони касбу кори гуногун, донишмандон, аҳли санъат ва ҳунари ин кишварҳо фаъолона иштирок намуда, тарзи зисту зиндагонии онҳоро аз наздик дидааст, барои наслҳои ояндаи халқу миллати хеш асари фарҳангию таърихии «Бадоеъ–ул–вақоеъ» (Воқеаҳои бадеӣ)–ро мерос гузоштааст.

Зайниддин Восифӣ дар ин асари ёддоштии хеш аз хусуси ҳодиса ва воқеаҳои гуногуни замони худ, тарзи зисту зиндагонии табақаҳои мухталифи ҷамъият, маърифати инсонӣ, дӯстию рафоқат, муҳаббат, аз хусуси давлату давлатдории ҳокимони темурӣ, шайбонӣ ва сафавӣ, сиёсати ҷории онҳо ва амсол ба инҳо нақлу ҳикоя ва саргузаштҳои

ҷолибро овардааст. Дар таърихи халқи тоҷик Зайниддин Восифӣ на танҳо нависандаи болаёқату воқеанигор, балки ҳамчун мутафаккири забардаст машҳур аст.

Ба андешаи мо, таълимот, андешаҳои ҷамъиятӣ, сиёсӣ ва ахлоқии Зайниддин Восифӣ то ба ҳол мавриди таҳлилу таҳқиқи ҳаматарафа қарор нагирифтааст. Омӯзиши ин масъала диққати намояндагони аҳли илму адабро бевосита ба худ ҷалб намуда буд. Мақом ва андешаҳои инсондӯстонаи Зайниддини Восифӣ аз зодгоҳӣ ӯ шаҳри Ҳирот маншаъ мегирад. Асари «Бадоеъ–ул–вақоеъ» –и Зайниддин Восифӣ барои омӯхтани бисёр масъалаҳои умдаи таърихи халқи тоҷик, ӯзбек ва эронӣ ганҷинаи пурбаҳост, зеро он дар асоси мушоҳидаҳои шахсӣ, таассуроти худи муаллиф офарида шудааст. Ҳамчунин, дар ин сарчашмаи муҳими таърихӣ маълумоти нодирро дар бораи инкишофи касбу ҳунар ва ривоҷу равнақи тиҷорат дар шаҳри Ҳирот ва атрофи он пайдо карда метавонем.

Муҳаққиқи дигари осори Зайниддин Восифӣ, мусташриқи рус профессор А. Н. Болдырев дар бораи санаи таваллуди шоир чунин маълумот додааст: «Санаи таваллуди Васифӣ бо нишондоди худи ӯ муайян карда мешавад, ки вай дар соли эъдоми Шоҳзода Муҳаммад Муъмин, набераи Султон Ҳусейн 13 сол дошт (матн, л, 202а). Азбаски ин ҳодиса дар соли 903 ҳиҷрӣ (соли 1497 милодӣ) рух додааст, санаи таваллуди Восифӣ бояд соли 890 ҳиҷрӣ бошад (ин сол 18 январи соли 1485 милодӣ оғоз ёфт)» [20, с. 14].

А. Н. Болдирев дар бораи номи Восифӣ чунин андеша меронад, ки номи пурраи ӯ «Зайниддин Маҳмуд бинни Абдулҷалил машҳур ба Восифӣ» мебошад. Восифӣ тахаллуси илмии мутафаккир мебошад. Ӯ ду тахаллуси дигар Асир ад–Дин Камол ва Камол ад–Дин Ансорӣ доштааст [22, с. 2].

Омӯзиши шарҳи ҳоли воқеанигори барҷаста Зайниддин Восифӣ моро водор сохт, ки дар бораи падар ва аҳлу аёли ӯ низ маълумот пайдо намоем. Тавре аз маълумоти Восифӣ бармеояд, падари ӯ Абдулҷалил ном дошта, дар шаҳри Ҳирот дорои ҳавлии хурде будааст, ки бо аҳлу аёли хеш дар он ҷо умр ба сар мебурдаанд.

Дар замони ҳокимияти султон Ҳусайн Бойқаро машғулияти падари Восифӣ дар шаҳри Ҳирот дар қалъаи Ихтиёриддин амали на он қадар баланд, яъне муншигиро пеш мебурдааст. Ҳокимони темурӣ ба ин вазифа танҳо шахсонеро, ки дорои хату саводи кофӣ, дониш ва маҳорати хуби нависандагӣ доштанд, таъйин мекарданд. Ин аст, ки падари Зайниддини Восифӣ Абдуҷалил барои азбар намудани пешаи хеш писарашро низ ҳидоят намуда, ӯро ҳамроҳ ба хизмат ба қалъаи Ихтиёриддин мебурдааст. Тавре ки аз маълумоти «Бадоеъ–ул–вақоеъ» бармеояд Зайниддин Восифӣ на танҳо ин амали падарашро дар оянда хеле хуб аз бар намудааст, балки ин амали муншигиро дар давраҳои минбаъда низ идома додааст.

Тибқи маълумоти худи Восифӣ дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ» яке аз амакҳои ӯ бо номи Амонӣ дар шаҳри Ҳирот аз рӯйи пешаи нахудбирёнгарӣ зиндагонӣ ба сар мебурд. Ба андешаи мо, чун сухан дар мавриди таълим ва тарбияи Зайниддин Восифӣ меравад, пеш аз ҳама, саҳми амакаш Амонӣ ба назар мерасад. Амонӣ, яке аз ашхоси бонуфуз ва маърифатноки ин давр буда, дар тарбияи маънавии Зайниддин Восифӣ саҳми босазое гузоштааст. Дар соли 1507 вақте ки падари Восифӣ Абдулҷалил таҳхона барои нигоҳ доштани оби нӯшокӣ сардоба бунёд месозад, дар ин кор ба вай якчанд нафар хизматгорҳои хонагӣ дошт, ёрӣ мерасониданд. Хешовандону наздикони Восифӣ хеле зиёд буданд ва шумораи онҳо тахминан ба 50 нафар мерасид [103, с. 14].

Восифӣ дар мадрасаҳои Ҳирот дарс хонда, аз илмҳои гуногуни замон сарфу наҳви арабӣ ва форсӣ, таърих, мантиқ, маонию баён, арузу қофия, риёзиёт, улуми динӣ–фиқҳ, тафсир, ҳадис ва ғайра дониши комил андухта буд [25, с. 3].

Зайниддин Восифӣ илмҳои расмии замонаро дар зодгоҳаш шаҳри Ҳирот омӯхтааст. Ҳангоми таҳсил дар мадраса дар синни 16–солагӣ ба таври мустақилона ба азбар намудани санъати муаммо дар назди Абдураҳмони Ҷалабӣ ном ҷавони Табрезӣ машғул гардида, дере нагузашта, муваффақият пайдо карда, сазовори таҳсини беҳтарин донишмандони ин санъати шеърӣ гардидааст. Муаммо каломест, ки бо рамзу ишора номеро ифода мекунад [11, с. 251].

Дар бораи санъати муаммошикофии Восифӣ чунин ишорат шуааст: «Мавлоно Хондамири муаррих, ки яке аз афозили номии Хуросон буд ва ӯро аз ҷумлаи махсусони амир Алишер мешумориданд, фармудаанд, ки мо шунидаем, ки маҳорати ӯ муаммороест, шумо дар фанни муаммо ба мартабаи ишон, ки ҳар муаммое, ки мехонанд ном ногуфта меёбед. Аммо ин сухан пеши мо мустабъид менамояд то мушоҳида наафтад мақрун ба қабул намегардад ва ин муамморо хонданд, ки

Зи офтоби рухи ҷон афрӯзе,
Мерасад бар дили решам сӯзе.

Филҳол гуфтам, ки азиз мутаҳайир шуд» [25, с. 30].

Ҳанӯз аз овони ҷавонӣ Зайниддин Восифӣ бештар ба азхуд намудани илму маърифат шавқу рағбат доштааст. Ӯ ба хондану навиштан ва аз бар намудани илмҳои замони худ, аз ҷумла, қоидаҳои сарфу наҳви форсӣ, арабӣ, таърихи арабу аҷам, илми қироат, калом, илми фиқҳ, ҳадису тафсир, риёзиёт, мантиқ, илми маъонию баён камари ҳиммат баста, дар андак муддат ҳамчун нависанда ва воқеанигори забардаст дар шаҳри Ҳирот ва атрофи он машҳур мегардад.

Зайниддин Восифӣ, ҳамчунин, ба дигар ҳунарҳои мардумӣ, аз қабили тарбияи бадан, пиёдагардӣ, давидан, паридан, бандкашӣ, оббозӣ, аспдавонӣ, камонандозӣ, санъати қироат, муаммошикофӣ, воизӣ, чистонгӯӣ, ҳаҷв ва масхара сохтан, ҳофизӣ, дар бадеҳаю шеъргӯӣ ва амсоли инҳо шавқу рағбати зиёд доштааст. Пас аз хатми мадраса Восифӣ

дар хатнависӣ, китобати ашъори гузаштагон, бадеҳаю шеър, вазъгӯӣ, варзиши тезгардӣ, шиноварӣ, панҷатобӣ шуҳрат пайдо менамояд.

Дар бораи ин хислатҳои Восифӣ, аз қабили пиёдагардӣ, шиноварӣ ва шабонарӯзӣ рӯза доштани ӯ муҳаққиқи барҷастаи рус А.Н. Болдырев чунин маълумот додааст: «Аз Машҳади Алӣ Мусо Ризо то Хуросон, ки иборат аз Ҳирот аст, шаст фарсанг аст ва роҳест дар камоли дуруштӣ дар ду рӯз он роҳро пиёда тай намуд». Ё ин ки дар ҷои дигар менависад: «…дар шиноварӣ аз намози пешин то намози шом дар ҳавзи боғи Зоғон шино мекард ва ҳофизи хушхонест ва Қуръонро дар оҳанге мехонад, ки ҳеч ҳофиз мисли ӯ хонда наметавонист», ё ин ки «Муқаллидест, дар муаммошикофӣ, даҳ рӯз рӯза медорад» [22, с. 71].

Дар хусуси наздикону пайвандоннаш Зайниддин Восифӣ се нафарро ёдоварӣ кардааст: Мавлоно Соҳибдорои Астарободӣ, Мавлоно Амонӣ ва ҳофиз Ғиёсиддин Муҳаммади Даҳдор.

Зайниддин Восифӣ дар хотираҳои худ дар бораи хислатҳои ҳар яке аз онҳо ҳикоя ва нақлҳо кардааст. Масалан, дар ҳикояи «Дар бораи ошноии ҳофиз Ғиёсиддини Даҳдор бо Навоӣ» дар бораи хислатҳои наҷиби Ғиёсиддин маълумот додааст. Ҳофиз Ғиёсиддини Даҳдор барои шиносоӣ ва ёрӣ наздик шудан бо Алишер Навоӣ ба пеши мавлонои мазкур меравад. Ҳангоми вохӯрӣ бо Мир Алишер ҳофиз Ғиёсиддин худро таъриф карда гуфтааст: «Аввал он ки ман ҳофизи Қуръонам ва Қуръонро бо ҳафт қироат мехонам; дигар он ки агар байтеро замзама карда тараннум намоям, шунавандагон гиребони ҷонро чок мекунанд; дигар ман қиссахонам, қиссаи Амир Ҳамза, Абумуслим ва Дороро чунон мехонам, ки суханварони олам муҳри хомӯшӣ бар лаб мезананд; дигар ман муқаллидам, ба таҳқиқ расидааст, ки дар ин кор ҳаргиз назир надорам; дигар ман толиби илм ҳастам. Аз ҳар илм, ки гуфтугӯ кунам, арбоби он илм маро саромади худ медонанд; дигар ман ходимиро хуб медонам ва метавонам, ки ба сабаби ходимӣ куфт ва дардро аз бадани одам монанди мӯй ва хамир берун кунам; дигар ман таббоҳам, ки ошҳо

ва таъомҳое ихтироъ кардаам, ки ҳеҷ бовурчӣ номи онҳоро намедонад» [22, с. 630].

Дӯсти Восифӣ шоири машҳури Ҳирот Соҳиби Доро ки дар бозии шатранҷ хеле моҳир буд, ба шумор мерафт. Соҳиби Доро яке аз дӯстони наздики амири кабир Низомуддин Алишер Навоӣ буд. Восифӣ дар бораи ӯ чунин менависад: «... шоир Соҳиб Доро ба шахсоне тааллуқ дошт, ки муҳити фаврии хонагии Навоиро ташкил медоданд ва дар байни ҳамаи шарикони наздики амири бузург бо наздикии бузургтарин ба ӯ қайд карда шудааст» [22, с. 16].

Дар замони Восифӣ яке аз машғулиятҳои дӯстдоштаи аҳли дарбори ҳокимон ва дар доираи адабии пешаварон муаммогӯӣ ва шикофтани он ба шумор мерафт. Восифӣ дар синни наврасӣ ин ҳунарро ба хубӣ соҳиб гардид ва бо ҳидояти хеши волидааш Соҳиб Доро, ки бо Алишери Навоӣ ҳамнишин буд, дар шикофтани муаммо аз имтиҳони Алишери Навоӣ гузашт [25, с. 3].

Бо дастгирӣ ва хизматҳои Соҳиб Доро ба Зайниддин Восифӣ муяссар шудааст, ки дар муаммокушоию муаммогӯйӣ шуҳрати тамом ёфт ва дар 16–солагӣ ба суҳбати Алишери Навоӣ мушарраф гардид [133, с. 80].

Омӯзиши ҳаёт ва фаъолияти Зайниддин Восифӣ нишон дод, ки аҳли илму фарҳангии вилояти Хуросон ба мушкилиҳои иҷтимоию иқтисодии замони худ нигоҳ накарда, на танҳо дар дарбори ҳокимон, балки берун аз он низ дар масҷиду мадрасаҳо, хонаҳои аҳли илму фазл, дуконҳои ҳунармандон, бозору хиёбон ва растаҳо ҷамъ омада, ба баҳсу мунозираҳои гарму ҷӯшони адабию фарҳангӣ машғул шаванд. Шиносоӣ, дӯстӣ, муҳаббати байни онҳо бештар мустаҳкам гардида, бо ин восита сафи донишмандон дар ин сарзамин рӯз аз рӯз меафзуд.

Инчунин, Зайниддин Восифӣ дар бораи дигар дӯстони худ Султоналӣ, хоҷа Носири Хуросонӣ, ки китобдори шахсии яке аз писарони хурдии шоҳ Султон Ҳусайн Бойқаро Фаридун Ҳусейн

Мирзоро иҷро мекард ва ҷавони Ҳиротӣ Мирзо Байрам вазифаи молии дафтардори девони яке аз занҳои бевамондаи Султон Абӯсаид Мирзо Руқиябегимро пеш мебурд, маълумоти васеъ додааст.

Зайниддин Восифӣ аз овони наврасӣ, бештар дар иҳотаи одамони касбу кори гуногунпешаи шаҳри Ҳирот дар байни шаҳриёни бой, заминдорони хурду миёна, ҳунармандон, ҳофизон, санъаткорон ва ғайра ба воя расидааст. То айёми бистсолагӣ Восифӣ донишманди огоҳ аз кулли улуми расмии давр, ҳофизи Қуръон, донандаву муфассири он, воизи хушсалиқа номвару машҳур мегардад [25, с. 18].

Баъди адои таҳсили мадраса дар вазифаҳои гуногун кор мекард, солҳои 1497 то соли 1507 муддате ба писари Султон Ҳусайн Бойқаро Фаридун котиби хусусӣ шуда хизмат кардааст. Дар баробари ин чанде аз фарзандони Ҳусайн Бойқароро ба сифати муаллими хусусӣ дар хонаҳояшон сабақ омӯхта, тарбия кардааст. Дар ин давра таълиму тарбияи аҳли табақаи олӣ кори осон набуд. Заҳмат ва машаққати зиёдеро тақозо менамуд. Восифӣ мероси таърихии замони гузаштаи хешро варақгардонӣ карда, донишу маҳорати омӯзгориашро муттасил мустаҳкам ва такмил медод.

Бо вуҷуди ин ҳама мушкилот ва душвориҳои зиндагонӣ Зайниддин Восифӣ кӯшиш ба харҷ медод, ки аз уҳдаи ин вазифаи пурмасъулият барояд. Маҳз дар ҳамин давра Восифӣ ҳамчун воқеанигори тавоно ва мунши машҳур дар зодгоҳаш шуҳратёб гардидааст. Минбаъд пешаи муншигӣ, ягона сарчашмаи даромади зиндагонии ӯро ташкил медод. Муҳаққиқи осори ӯ А.Н. Болдирев дуруст қайд кардааст: «Мавлоно Камолиддини Восифӣ, ки ба фазоили илмӣ ва адабӣ мавсуф аст ва ба сифати маънавӣ «Ал–илму–ҳасана маъруф» [22, с. 19].

Зайниддин Маҳмуди Восифӣ дар давраи номуносиби солҳои ҳукмронии охирин намояндаи сулолаи Темурӣ амир Султон Ҳусайн Бойқаро умр ба сар бурда, шоҳиди воқеии шикасту рехт ва парокандагии давлати Темуриён (солҳои 1370–1501) гардидааст. Сабабҳои асосии

заволи давлати Темуриён ва азбайнравии онро мо дар омилҳои зерин мебинем:

1. Парокандагии нахустин дар байни авлодҳо ба вуҷуд омад, ки ин яке аз сабабҳои асосии шикаст ва заволи давлати Темуриён гардид;

2. Ғафлат, яъне назорат набурдан аз болои маъмурону вазирон, ситоди мудофиа, андоз, алоқа ва ғайра;

3. Ба айшу нӯш ва кайфу сафо дода шудани дарбориён ва воломақомон, фалаҷии давлат, ки аз ин ҳолат мухолифин самаранок ва ба таври ҷиддӣ истифода бурданд.

Ба сари қудрати сиёсӣ ба ҷои сулолаи Темуриён сулолаи Шайбониён (1501–1598) рӯйи кор омад. Ин вазъи баамал омада ба ҳаёт ва фаъолияти минбаъдаи муаррихи тавоно таъсири худро расонид. Ҳаёти оромонаю осоиштаи ӯ минбаъд дур аз ватани маҳбуб, хешу табор ва ҳалқаи дӯстон дар сарсонию оворагӣ, фирору гирифторӣ ба балою мусибат, ғурбат ва кулфат паси сар мегардад. Зайниддин Восифӣ то шаҳри Ҳиротро истило кардани Муҳаммад Шайбонихони узбак 20 май соли 1507 дар синни 22 солагӣ, ҳамроҳ бо писархолааш Ғиёсиддин Муҳаммад ба тарафи шимолу шарқии Хуросон шаҳри Машҳаду Нишопур сафар намуда, дар он ҷо бо сабаби мавҷуд будани иллати низоъҳои мазҳабии шиаю суннӣ ва хулқу атвори ҳамсафараш бисёр азияту машаққатҳои зиёде мекашад.

Албатта, чунин табаддулот дар ҳокимияти олии сиёсӣ ба инкишофи вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва рушди илму фарҳанг низ таъсири ногувори худро расонидааст.

Таҳлили вазъи минтақаи Осиёи Марказӣ нишон дод, ки дар асрҳои XI–XV таърихи минбаъдаи этникию мадании тоҷикон бо сардории сулолаҳои турку муғул омезиш ёфтан, давом мекард. Ҳамчунин, раванди ба воҳаю водӣ ва даштҳои Мовароуннаҳру Хуросон кӯчида омадани гурӯҳҳои зиёди аҳолии туркзабони оғузҳо, туркманҳо, уйғурҳо, қарлуқҳо, чигилҳо, яғмоҳо, тургашҳо, қаракидориён, барлосҳо, ҷалоириҳо, қипчоқҳо ва ғайра авҷ гирифта буд, ки аз онҳо минбаъд дар

ҳудудҳои муайяни Осиёи Миёна туркманҳою ӯзбекҳо ва дигар халқҳои туркзабон ташаккул ёфтааст. Ба таърихи ин давраи мардуми тоҷик чунин ҷиҳатҳои умумӣ хос аст: тараққиёту такмили минбаъдаи анъанаҳои этникӣ ва маданӣ дар шароити ниҳоят номусоид ва набудани давлати ягона, ҷудошавӣ ба иттиҳодияҳои сиёсии мухталиф, давом додани алоқаҳои мустаҳками этникию маданӣ бо узбекҳо, туркманҳо, қирғизҳо, қазоқҳо, қароқалпоқҳо.

Ба андешаи мо, ҳамаи ин омилҳои дар боло ишоратшуда боиси омезиш ёфтан ва пайдоиши хусусиятҳои гуногун ва мураккаби халқиятҳои маскуни ин сарзамин гардидаанд. Албатта, дар чунин вазъи мураккаби печдарпечи ҳамла ва иҳотаи давлатҳои мухталиф аз боби илму фарҳанг сухан гуфтан басо мушкил меафтад. Бар асари ин фоҷиаи талхи таърихӣ, садамаҳои ногаҳонӣ бештари осори фарҳангӣ ва мадрасаю масҷидҳо, марказҳои илмию фарҳангӣ ва ҳунармандӣ, ки инъикосгари таъриху фарҳанг, расму оин ва ҳунарҳои мардумии ниёгони мо мебошанд, хароб ва ба нестӣ расиданд. Ин зарбаҳои ногаҳонӣ тақдири минбаъдаи мавҷудияти мардуми тоҷикро мураккаб мегардонид. Деҳу саҳроҳои тоҷикнишин ва марказҳои асосии онҳо шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд, Хуҷанд, Шаҳрисабз, Тошканд, Чоч, Марв, Нишопур, Ҳирот, Балх, Ҳисор, Панҷакент, Уротеппа, Конибодом ва Исфара ба ҳайати давлату мулкҳои алоҳидаи гуногун тақсим шуданд.

Зайниддин Восифӣ парвардаи замони давлатдорию ҳокимияти Темуриён ба шумор рафта, камию кости ин сулолаи ҳукмрони мавҷударо бештар аз дигарон дар эҷодиёташ ба қалам додааст. Азбаски зеҳни бурро, ҳофизаи хуб, хотираи хеле қавӣ дошт, дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ», аз хусуси мавқеи ҷойгиршавии шаҳрҳо, роҳҳо, бозорҳо, нуқтаҳои ҳунармандӣ, тиҷоратӣ, мадраса, масҷиду мақбара, мавзеъҳои хушбоду ҳаво, боғҳои истироҳат ва саёҳат, шикоргоҳи подшоҳӣ, низоми таълиму тарбияи толибилмони мадраса, зисту зиндагонии қашшоқонаи онҳо ва масъалаҳои дигар маълумоти ҷолиби диққат додааст. Масалан, дар бораи мавқеи ҷойгиршавии мадрасаи Улуғбек Мирзо Восифӣ дар

«Бадоеъ–ул–вақоеъ» чунин навиштааст, ки «Мадрасаи султони шаҳид Сайид Улуғбек Мирзо дар сари чорсуқи шаҳри Бухоро бино фармуда расида шуд» [22, с. 226].

Ҳамчунин, Восифӣ дар бораи сиёсати фарҳангпарваронаи ҳокимони шайбонӣ Убайдуллохон, Кучкунчихон ва иморатҳои биносохтаю таъмирнамудаи онҳо барои  тадриси толибилмони мадраса маълумот додааст: «Ва ин хони мазкур дар шаҳри Самарқанд мадорису хавониқ ва савомеу масоҷиду биқои хайр ки дар замони собиқ индирос ёфта буд, зебу зиннати тамом гирифт, иморату мараммат пазируфт» [25, с. 30].

Восифӣ дар бораи вазъи низоми таълиму тарбия дар мадрасаҳо, шароитҳои бади зисту зиндагонии толибилмони мадраса, сармои шадиди шаҳри Самарқанд низ маълумоти хеле васеъ додааст. Масалан, оварда шудааст: «Дар таърихи санаи 919 буд, ки дар шаҳри Самарқанд зимистони сахте воқеъ шуд» [22, с. 80]

Аз қаламрави Хуросон дар мадрасаи Самарқанд даҳ тан аз толибилмон таҳсил менамуд. Ҳодисаи сармои барф  «…шиддату суубати сармои дай ва сардии зимистону хунукиҳои вай…» ва эҷоди қасидаи Восифӣ дар бораи «қаҳтии зимистони Самарқанд» рӯзгори вазнин ва қаҳтию гаронии нархи нон доштаи аҳолиро ба қалам додааст [25, с. 48].

Дар ҷои дигар ӯ дар бораи фавти толибилмон аз қаҳтӣ ва сармои шадид дар шаҳри Самарқанд ишорат кардааст: «Кори толибилмон ба ҷое кашида аҳволи эшон ба дараҷае анҷомид, ки ду кас аз эшон аз бетоқатии гуруснагӣ пӯстинҳои худро фурӯхта хурданд ва аз шиддати сармо ҷон ба ҷонофарин супурда мурданд» [22, с. 90].

Восифӣ дар бораи шаҳри Бухоро ва қалъаҳои он, дуконҳои ҳунармандон, манзили зисти аҳолӣ, машғулият ва тарзи зисти одамон, сару либос, мавзеъҳои хушбоду ҳавои ин шаҳр низ  маълумот додааст. Масалан, дар бораи мавзеи Чилдухтарон чунин мегӯяд: «Мавзеи Чилдухтарон, ки яке аз мавзеъҳои айлоқи подшоҳи марҳум мағфур Султон Ҳусайн Мирзо Бойқаро буд, Хоҷа Муҳаммади Сарроф ангезаи

суҳбате  сохт ва тарҳи ҷашне андохт ва тамоми аёни аҳли корвонро талаб намуд» [22, с. 26].

Восифӣ дар бораи зебоӣ ва ҳашамати шаҳри Бухоро навиштааст: «Чун ба қалъаи Бухоро расидем шаҳре дидем, ки рафъат ва баландии бораи шаҳр ба мартабаест, ки агар чархи хамидапушт қад рост карда, назар бар кунгураи ӯ афканад, дастори маъқади муҳр аз сараш бар замин афтад» [22, с. 225].

Восифӣ дар тасвири шаҳри Сaброн чунин менависад: «Чун ба шаҳри Саброн даромадем ва он чунон шаҳрест, ки аз рӯи истеҳком ба бинои фалаки нилфомпаҳлӯи мубодот мезанад. Ҳандақҳояш дар умқ аз гов (ва) маҳии замин он микдор, ки аз моҳ то ба моҳе аст гузашта ва бораaш дар баландӣ ба мартабае, ки аз гов (ва) моҳи осмон ба микдори силсилаи номутаноҳӣ  таҷовуз намуда…» [22, с. 341].

Мутафаккири бузург дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ» садҳо шаҳристону деҳа, биёбону кӯҳистон, рӯд, дара ва корезҳоро ном бурдааст, ки чунин намунаро на дар ҳама таърихҳои даврони гузашта метавон пайдо кард. Роҳҳои корвонгузар, масофаи байни шаҳрҳо низ дақиқ муайян шудаанд. Аз рӯйи маълумоти «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Восифӣ дар замони ҳукмронии Султон Ҳусайн Мирзо Бойқаро (солҳои 1468–1506) дар шаҳри Ҳирот ҳаёти фарҳангӣ рӯ ба пешравӣ ниҳода буд. Дар рушду нумуи илму маърифати мардуми тоҷик дар ин давра саҳми яке аз вазирони донишманди Султон Ҳусайн Мирзо Мир Алишер Навоӣ (солҳои 1441–1501) ва устоди ӯ Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ (солҳои 1414–1492) басо бузург мебошад.

Зери роҳбарӣ ва ҳимояи бевоситаи онҳо намояндагони илм, санъат, фарҳанг аз тамоми кишварҳо ҷамъ меомаданд. Дар асари президенти маҳбуби  кишвар Эмомалӣ Раҳмон дуруст ишорат шудааст, ки дар асри XV–XVI дар ҳавзаи илмии Хуросону Мовароуннаҳр даҳҳо шоирону олимони забардаст, ба шумули Давлатшоҳи Самарқандӣ, Ҷалолиддини Давонӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Абдуллоҳи Ҳотифӣ, Осафии Ҳиравӣ, Низомиддин Аҳмади Суҳайлӣ, Алии Сафӣ,

Абдулғафури Лорӣ, Ҳофизи Абрӯ, Мирхонд, Камолиддини Биноӣ, Бадриддини Ҳилолӣ, Зайниддин Мамуди Восифӣ ва сардафтари адабиёти классикии ӯзбек Мир Алишери Навоӣ ба камол расидаанд [131, с. 309].

Восифӣ дар боби 45 «Бадоеъ–ул–вақоеъ», ки Ҳикоят ном дорад, дар бораи муаррихону воқеанависони маъруфи замони Султон Ҳусайн Мирзо мисли Амирхованд ва Хоҷагӣ Абдуллоҳи Садр ва Мавлоно Абдулвосеъ маълумот додааст [25, с. 662].

Алишер Навоиро метавон яке аз бузургтарин шахсиятҳо ва ташаббускори инкишофи ҳаёти фарҳангии халқи тоҷик дар асри XVI дар қаламрави Хуросон  шуморид. Донишманди маъруф Е.Э. Бертельс овардааст, соли 1469 шиносоии Навоӣ ва Ҷомӣ сурат гирифтааст ва соли 1469 Навоӣ ба тариқати «Нақшбандия»–и тасаввуф гароиш пайдо карда, Абдураҳмони Ҷомиро устод ва пири маърифати худ медонад [17, с. 117].

Бинобар маълумоти Восифӣ дар шаҳри Ҳирот маҳфилҳои адабӣ ва таърихнигорӣ, ки симои барҷастаи давр буд, рӯ ба пешравӣ ниҳода буд: «Аз хонандаҳо ҳофиз Басир ва ҳофиз Мир ва ҳофиз Ҳасан Алӣ ва ҳофиз Ҳоҷӣ ва ҳофиз султон Муҳаммади Айшӣ ва шоҳ Муҳаммади Хонанда ва Сиёҳча Хонанда ва ҳофиз Ӯбаҳӣ ва ҳофиз Турбатӣ ва ҳофиз Чароғдон ва аз созандаҳо устод Ҳасани нойӣ ва устод Қулмуҳаммади удӣ  ва устод Ҳасани балабонӣ ва устод Алии Хонақоҳӣ ва устод Муҳаммадӣ ва устод ҳоҷии Кӯҳастии нойӣ ва устод Сайид Аҳмади Ғиҷҷакӣ ва устод Алии Кӯчакии танбурӣ ва аз ҷамоаи шоирону надимон ва маҷлисороён мавлоно Биноӣ ва хоҷа Осафӣ ва Амир Шайхами Суҳайлӣ ва мавлоно Сайфии Бухороӣ ва мавлоно Комӣ ва мавлоно Ҳасаншоҳ ва мавлоно Дарвеши равғангари Машҳадӣ ва мавлоно Муқбилӣ ва мавлоно Шавқӣ ва мавлоно Завқӣ ва мавлоно Халифа ва мавлоно Наргисӣ ва мавлоно Ҳилолӣ ва мавлоно Риёзи Турбатӣ ва аз ҷумлаи зурафо Мири Сарбараҳна ва мавлоно Бурҳони Гунг ва Мирхонди муаррих ва мавлоно Муъини Шерозӣ ва мавлоно Ҳусайн Воиз ва Сайид Ғиёсиддини Шарафа ва мавлоно Муҳаммади Бадахшӣ ва

мавлоно Халили Саҳҳоф ва мавлоно Муҳаммади Хавофи хаттот ва аз ҷавонони саромади Хуросон Мираки Заъфарон Шоҳ Муҳаммади Мирак ва Султон Сироҷ ва Мирзои Натъдӯз ва Ҳусайни Зардӯз ва Сарви Лаби Ҷӯ ва Шамшоди Сояпарвар (ва) мулло хоҷа Хонанда (ва) Юсуф Мазори Чилгазӣ ва Юсуфи Сонӣ (ва) Моҳи Симнонӣ ва Соқӣ ва Боқии Ироқиро дар он маҷлис ҳозир сохтанд» [25, с. 327].

Шаҳри Бухоро бо кӯшиши ҳокими шайбонӣ Убайдуллохон на танҳо ба маркази сиёсии давлати Шайбониён, балки ба маркази пурқуввати илму фарҳанг низ табдил ёфта буд. Адабиётшиноси тоҷик Р. Ҳодизода дар ин бора аз забони Фахрии Ҳиротӣ навиштааст, ин ҳукмрон «ба суҳбати шуаро таваҷҷуҳи тамом дошт» [85, с. 28].

Мувофиқи маълумоти Восифӣ тавре муаррихи намоёни тоҷик А. Мухторов овардааст: «Аз Ҳирот ба Ҳисор ва аз Ҳисор ба Ҳирот корвонҳои тоҷирон омаду рафт мекарданд» [78, с. 259].

Ҳамчунин, академик А. Мухторов менависад, ки дар асри XV дар шаҳри Ҳирот маҳалла ё гузари Ҳисориён мавҷуд буд, ки рафту омади аҳли илму адаб ва тоҷиронро аз як мулк ба мулки дигар имконпазир ва сабуктар мегардонид [77, с. 13].

Давраи ороми ҳаёти Восифӣ дар ҳайати давлати Темуриён на он қадар дер давом кардааст. Ин давраи равнақи эҷодии мутафаккир ба солҳои тираю тор ва пур аз фоҷиаи таърихи Хуросону Мовароуннаҳр рост омадааст. Дар натиҷаи ҳуҷумҳои шоҳзодагони темурӣ ва Исмоили Сафавӣ (ҳукмронӣ 1502–1524) аз тарафи ғарб ва тохтутози бераҳмонаи Шайбонихон (ҳукмронӣ 1451–1510) аз тарафи шарқ Ҳирот мақоми маркази адабию фарҳангӣ буданашро аз даст дода, ба майдони муҳорибаву хунрезиҳо табдил ёфт [133, с. 81].

Ҳамин тариқ, натиҷаи таҳқиқ ва таҳлили зербоби аввали боби якум, ки «Ҳаёту фаъолият, рӯзгор ва мероси илмӣ-таърихии Зайниддин Маҳмуди Восифӣ» ном гирифтааст ҷамъбаст намуда, марбут ба он ба чунин хулоса омадем:

Барои дилхоҳ миллат мероси таърихии гузашта, азизу муътабар аст. Махсус дар рӯзҳои мо бо мақсади бедории руҳи худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ, афзун намудани донишҳои таърихии насли наврас дар замони давлатсозии навинамон, рӯй овардан ба рӯзгор ва мероси арзишманди шахсиятҳои маъруфу машҳури илмию маърифатии ниёгон ба мисли Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ва асари безаволи ӯ «Бадоеъ–ул–вақоеъ» аҳаммияти арзишманди таърихӣ дорад.

Восифӣ ба ҳайси донишманд ва мутафаккири барҷастаи асримиёнагӣ бо ифшои асари «Бадоеъ–ул–вақоеъ» тавонист муҳимтарин масъалаҳои алоқаманд ба мероси фарҳангӣ, ҳаёти иҷтимоии ниёгонамонро бо назари эътироф ва эҳтироми барҷаста баррасӣ намояд. Ҳаёту фаъолият, рӯзгор ва эҷоди чунин мутафаккир, адабиёт ва мероси фарҳангии мо тоҷиконро боз ҳам бойю рангин намудааст. Ҳамин аст, ки асари «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Зайниддин Восифӣ ба ҷумлаи асарҳои илмӣ-маърифатии мероси асримиёнагии Шарқ аз замони эҷод то ба имрӯз эътиборпи илмӣ-маърифатиашро нигоҳ доштааст.

## 1.2. Вазъи Хуросону Мовароуннаҳр дар асри XVI ва шароити таърихии эҷоди асари «Бадоеъ–ул–вақоеъ»

Зайниддини Восифӣ дар айёме чашм ба дунёи ҳастӣ кушода, умр ба сар бурдааст, ки мамлакати ӯ давраи бесарусомонӣ, кашмакашиҳои дохилию берунии аҷнабиёнро аз сар мегузаронид. Ин марҳилаи таърихӣ барои мардуми тоҷик, пеш аз ҳама, барои Зайниддин Восифӣ давраи ниҳоят мушкил, тақдирсӯз ва замони тақсиму порашавӣ дар зери фишори аҷнабиён ба шумор мерафт. Устод С. Айнӣ ин манзараро таҳқиқ намуда, чунин навиштааст: «Дар он замоне, ки Восифӣ дар он зиндагонӣ кардааст, аҳволи Эрон, Хуросон ва Осиёи Миёна аз ҷиҳати сиёсӣ, иқтисодӣ, адабӣ ва маданӣ хеле мураккаб ва печ дар печ буд» [5, с. 9].

Дар муборизаҳои байни ҳокимони алоҳидаи темурӣ Бобур Заҳируддин Муҳаммад соли 1500 Самарқандро ба даст даровард, вале қабилаҳои ӯзбеки Дашти Қипчоқ бо сарварии Шайбонихон қисми зиёди Мовароуннаҳро зери итоати худ даровarda, ба Самарқанд лашкар кашиданд. Дар наздикии Сарипул Бобур комилан шикаст хӯрда, Мовароуннаҳро тарк намуд [133, с. 629].

Дар худуди Мовароуннаҳр қазоқҳои бодиянишин саргарми ғорати аҳолӣ буданд. Яке аз султонҳои машҳури қазоқ Қосимсултон ҷасорат нишон дода, дар соли 1509 ба Муҳаммад Шайбонихон зарба зад. Дар бораи ин лаҳзаи ҳамлаи темуриён ба суи бодиянишинони қазоқ Восифӣ дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ» чунин маълумот додаст: «Оқибат фақир ва мавлоно Амир Ҳусайн ва писари қозии Тошканд иҷозат талабида, мутаваҷҷеҳи Тошканд шудем. Ва аз он ҷо ба Туркистон рафтем. Иттифоқо (хон ва Кучумхон ва соири) салотини Самарқанд ҷиҳати тохти қазоқ ба Туркистон омаданд. Хоҷа Офоқ, ки вазири султон Абусаид буд, ба воситаи оризае дар Саброн таваққуф намуда буд» [22, с. 422].

Восифӣ дар давраи ишғол гардидани шаҳри Ҳирот аз тарафи Шайбонихон, соли 1507 моҷароҳои ниҳоят душвореро паси сар намудааст. Акнун давраи гурезогурез ва пинҳонӣ ҳаёт ба сар бурдан,

кулфат, ғарибӣ ва сарсонию оворагии мутафаккир сар шуд. Восифӣ бо як ҷасорати зиёде аъзои оила ва шогирдони худро, ки эҳтимол аз тарафи Шайбонихон кушта шуданашон мумкин буд, гурезонида пинҳон намудааст. Дар ҳамин гуна лаҳзае, ки қувваи ҳарбии Шайбонӣ дар ҷангу харобкориҳои Мовароуннаҳр ва Хуросон заиф гардида буд, аз тарафи Ғарб хавфи дигари душманони хориҷӣ бо сардории асосгузори давлати Сафавӣ шоҳ Исмоил ба тарафи қаламрави Хуросон лашкар мекашад. Воқеаи шикаст ва кушта шудани Муҳаммад Шайбонихонро дар ҷанги назди қалъаи Марв, наздикии деҳаи Маҳмудобод Зайниддин Восифӣ моҳи декабри соли 1510 ба қалам додааст.

Дар бораи амалҳои қатл ва куштори қизилбошони сафавӣ Зайниддини Восифӣ дар асараш «Бадоеъ–ул–вақоеъ» маълумот дода, чунин менависад: «Аз масҷиди ҷоме то ба он ҷо, яъне мадрасаи Султон Ҳусайн Мирзо расидан қариб ба панҷоҳ сар дидем, ки қизилбошон бар сари найзаҳо карда мебурданд ва мегуфтанд, ки «ай сунниякони хориҷӣ ибрат  гиред» [22, с. 162].

Дар баробари истило ва қатл аҷнабиёни сафавӣ даст ба хароб ва несту нобуд кардани осори мероси таърихӣ–фарҳангии миллати тоҷик заданд. Дар шаҳри Ҳирот пайравон ва ҷонибдорони сафавӣ бо роҳбарии Мири Шонатарош дар боби лаънат шеъре хонда, бо оҳанги ироқ ба вай савте баста буд, ҳамовоз шуда, ба ҷониби хиёбон ба сари мазори Абдураҳмони Ҷомӣ расиданд. «… то ба сари мазори мавлоно Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ расиданд. Қариб ба даҳ ҳазор кас ҷамъ шуда буд. Дар он диёр, ҳар куҷо дар ва панҷара ва курсӣ ва тахта ки буд, ҳамаро бар болои қабри мавлавӣ андохтанд ва баландии он миқдори сари айвони мазор буд. Баъд аз он оташ заданд чун оташ дар гирифт, он аз оташи Намруд ёд медод» [22, с. 164].

Ҳамаи ин ҳодисаҳои ба сари мардум омадаро Восифӣ бо чашмони худ дида, дигар дар зодгоҳаш шаҳри Ҳирот ором истода натавонист. Восифӣ бо сабаби нооромиҳо дар ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсии давр ба маҳрумият, саргардонӣ, оворагардӣ ва сафарҳо аз як шаҳр ба шаҳри

дигар, ба озори ҳамкасбони худ дар дарборҳо дучор шуда, аз ҳад зиёд ранҷу азоб мебинад.

Пас аз ворид шудани лашкари шоҳ Исмоили Сафавӣ соли 1510 ба шаҳри Ҳирот дар ин ҷо таассуби шадиди миллию мазҳабӣ байни шиаҳо ва сунниҳо ба амал омад. Восифӣ ба таъқибу тааддӣ дучор омад ва ба умеди гӯшаи осоише дарёфтан соли 1511 роҳи Машҳаду Нишопурро пеш гирифт. Вале дар ин шаҳрҳо ҳам осоишу оромише наёфта, 17 апрели соли 1512 ба Мовароуннаҳр омад [133, с. 89].

Сабаби асосии минбаъда ҳаёти худро дар ғарибӣ, оворагӣ, дур аз ватану наздикон, қисман дар вилояти Хуросон ва қисман дар вилояти Мовароуннаҳр дар шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд, Тошканд, Каршӣ, Насаф гузаронидани Восифӣ, пеш аз ҳама, ин иғвои низоъҳои байнимазҳабии ин давра буд.

Восифӣ бисёр сафарҳо карда, шаҳрҳои Ҳирот, Машҳад, Ҷом, Нишопур, Самарқанд, Бухоро, Саврон, Исси (ш.Туркистон), Тошкент, Шоҳрухия, Шаҳрисабзро дидааст.

Дар вақти ҳуҷуми шоҳ Исмоили Сафавӣ ба Хуросон ва низоҳои динии паҳнгардидаи замон, Зайниддини Восифӣ шоҳ Исмоилро ҳаҷву масхара кардааст, аз ин рӯ, Сафавиён дар қасди нест кардани мутафаккир афтодаанд, ки дар ин бора чунин навиштааст: «Ин шахсест, ки шоҳ Исмоил ва тамоми силсилаи ӯро ҳаҷв карда. Туҳфа барои шоҳ, мисли ӯ нест. Он ҷамоатро ба куштани ман тарғиб ва таҳриҷ карда, дар ин боғ даровард» [22, с. 165].

Восифӣ ба ҳимояи манфиатҳои мафкурачиёни мазҳаби суннӣ баромад намуда, ба таъқиби сӯиқасдчиёни сафавӣ гирифтор мегардад. Бо як мушкилот худро аз ин вартаи ҳалокат халос карда, ба ҷониби шимолу шарқии Хуросон шаҳри Машҳад меравад. Ин нахустин сафари Восифӣ бо ҳамсафараш Ғиёсиддин Муҳаммад дар дохили кишвараш буд. Восифӣ дар Машҳад ҳам осудагиро надида, дере нагузашта, боз ба диёри худ шаҳри Ҳирот баргашта пинҳон мешавад.

Дар Хуросон ӯ аз зиндагонии дар зери идораи низоми ноадолатонаи сафавиён ба танг омада, дилгир ва афтодаруҳ мегардад. Ҳодисаҳои ба таври ваҳшиёна қатлу куштори одамон, таъқиби аҳли илму фарҳангро бо чашми сар дида, дигар дар ин рӯзгор ҳаёт ба сар бурданро нолозим медонист. Мардуми мусулмони Хуросон ва Мовароуннаҳр дар мазҳаби худ дар қарнҳои гузашта низ сахт эҳтиром доштанд ва мазҳаби бегона ва таълимоти мухолифи исломро қабул надоштанд. Қисми зиёди онҳо дар марказҳои бузурги донишҳои исломшиносӣ, аз ҷумла, дар шаҳрҳои Бағдод ва Бухоро таълим гирифта буданд. Ин аст, ки мубаллиғони шиъии исмоилӣ дар қаламрави Осиёи Марказӣ чандон муваффақ нашуданд, зеро шаҳрҳое монанди Бухоро, Балх ва Самарқанд маркази омӯзиши таълимоти суннии исломӣ гашта буданд [120, с. 242].

Ин ҳолатҳои ногувор халоси ёфтан Восифиро ба андешаҳои гуногун мебурд. Оқибат ба қароре омад, худкушӣ кунад, ё ин ки аз ҳудуди Хуросон тамоман баромада равад. Дар охир бо машварати хешу ақрабо ва ёру дӯстон дар синни 27 солагӣ, моҳи апрели соли 1512 ба сафари Мовароуннаҳр раҳсипор гардида, аз ватан якумрӣ ҷудо шуд. Дар ин сафар Восифӣ танҳо набуд. Ҳамроҳонаш яке аз уламоҳои машҳури Хуросон, Саидшамсуддин Муҳаммад ва бародари ӯ Мирсаид Ҳусейн низ дар паи гурехтан аз Хуросон буданд. Вале бе хатти роҳдорӣ аз Хуросон ба тарафи Мовароуннаҳр баромадан мумкин набуд. Восифӣ дар бораи ин сафари худ чунин навиштааст: «Аз Лолабек, ки ҳокими Хуросон буд, нишонҳо (рухсатнома) ба даст даровარданд. Аз он ҷамоат се нафар аз он сафар мамнуъ шуданд» [22, с. 265].

Қофиласолории ин корвонро яке аз машҳуртарин олимансабони Хуросонӣ Хоҷа Муҳаммади Сарроф ва Хоҷа Ихтиёр, ки яке аз нафарони машҳури Озарбойҷон буд, бар уҳда доштанд. Бо дастгирии ин шахсони дар боло зикр гардида, номи шоир ва ҳамроҳонашро дар ҳайати ин корвон навишта ба сафар баромаданд

Аз сиёсати ноодилонаи шоҳи сафавиён аҳли илму адаб, шоирону санъаткорони замон норизо буда, тарки ватан менамоянд. Тавре ки Восифӣ дар асараш «Бадоеъ–ул–вақоеъ» навиштааст, ба иллати сиёсати мазҳабии Исмоили Сафавӣ «500 нафар аҳли фазлу камол ва ҳунар аз Хуросон ба Мовароуннаҳр ҳиҷрат намуданд» [22, с. 225].

Тибқи маълумоти Зайниддин Восифӣ «Дар байни ин муҳоҷирон Қосималии Қонунӣ, Муҳибалии Балабонӣ, Саидаҳмади Ғиҷҷакӣ, Ҳофизи Басир, устод Ҳасани Удӣ, Ҳусайни Кӯчакноӣ, Мири Хонанда, Мақсудалии Раққос, Шоҳқосими Ноӣ, Хондамири Муаррих ва чанд тани дигар низ буданд» [85, с. 226].

Назари олимон, аз ҷумла, устод С. Айнӣ ва А. Н. Болдирев дар масъалаи ба куҷо рафтани Восифӣ якранг мебошад. Восифӣ ва дӯсташ Шоҳқосим аввалан ба шаҳри бостонии Самарқанд меоянд, ки дар айни замон ҳанӯз ҳам дар мамлакат сулолаи шайбониён ҳукмронӣ дошт.

Тибқи маълумоти Зайниддини Восифӣ дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ» баъди ба шаҳри Самарқанд омаданаш, ӯ аз ҷониби аҳли илму маърифати ин шаҳр хеле хуш истиқбол карда мешавад. Илова бар ин, дар ин шаҳр маҳфилҳо ва маҷлисҳои фарҳангӣ аз тарафи Мавлоно Хоҷагӣ, Хоҷа Юсуфи Маломатӣ ва Хоҷа Амиракои Шоҳӣ баргузор шуда, баҳсу мунозираҳои илмӣ ба вуқуъ мепайваст, ки Восифӣ дар онҳо ширкат мекард. Махсусан, Восифиро дар шаҳри Самарқанд мударриси мадрасаи Шайбонихон Мавлоно Хоҷагӣ эҳтиром ва меҳрубониҳои зиёд карда, ӯро аз ҳавзаи илмии ин ҷо дур шудан ва танҳо мондан намегузошт. Шояд ин ғамхории ӯ ба қадри аҳли зиё ва шахси мусофири дур аз ватан расидан бошад. Ин аст, ки Восифӣ аз фазилатҳои ин олими машҳур дар асар ёд кардааст: «Ва Мавлоно Хоҷагӣ дар аксари улум, хусусан, дар илми маонӣ ва баён иштиҳори тамом доштанд. Рӯзе ин каминаро ба расми зиёфату меҳмондорӣ ба хона талаб фармуданд ва ҷамъе касир аз афозилу аоливу аёни аҳолии (шаҳри) Самарқанд ҳозир буданд» [25, с. 32].

Дар мадрасаҳои шаҳри Самарқанд ба шогирдон илмҳои гуногун, аз ҷумла, илми маонӣ ва баён омӯхта мешуд. Мавлоно Хоҷагӣ мударрис

устоди фанни маонӣ ва баён буд. Ин марди фозилу донишманд Восифиро бо шахсиятҳои тафаккури пешқадамдоштаи замон шинос намудааст. Восифӣ дар шаҳри Самарқанд қариб як сол, аз моҳи апрели соли 1512 то охири моҳи марти соли 1513 ҳаёт ба сар бурд. Дар байни аҳли илму фарҳанг Восифӣ бо донишу ахлоқи наҷиб шухрат пайдо мекунад. Бо ғамхории уламои Самарқанд, аз ҷумла, Ҳоҷии Табрезӣ дар мадрасаҳои Шайбонихон, Улуғбек ва Хоҷа Аҳрор пайваста дониш ва маҳорати эҷодии хешро такмил медод. Ногаҳон ҳамлаи ба Мовароуннаҳр овардаи сарлашкари сафавӣ Наҷми Сонӣ ин кӯшишҳои ӯро халалдор сохт.

Шоҳ Исмоили Сафавӣ хабари шикаст хӯрдани Бобур Мирзоро фаҳмида, бо мақсади муҳофизат намудани Хуросон ба Наҷми Сонӣ амр намуд, ки бо ҳар роҳе, ки мумкин аст ба Бобур Мирзо кумак расонад. Наҷми Сонӣ баъд аз гирифтани ин фармон бо 60 ҳазор нафар аскарони савораи мусаллаҳ ба тарафи хоки Мовароуннаҳр равон гардид.

Зайниддин Восифӣ ин лаҳзаи ниҳоят мушкил ва мураккаби ба сари миллати тоҷик омадаро чунин тасвир намудааст: «Ба Самарқанд хабар омад, ки амир Наҷм гуфта Самарқандро, ки мегирем шаҳри ӯро ҳамвор сохта, фолиз мекорем ва харбузаи ӯро ба расми туҳфа ба шоҳ Исмоил мефиристам» [22, с. 157].

Қувваҳои муттаҳидаи Эрон ва Бобурмирзо нахуст шуда, Тирмиз ва Қарширо забт намуданд. Наҷми Сонӣ аввало шаҳри Насафро, ки иборат аз Қаршӣ аст, муҳосира карда амр дод, ки тамоми аҳолии шаҳрро ба қатл расонанд ва дар ҳамин вақт шоири машҳури тоҷик Биноӣ низ кушта шудааст. Бобурмирзо, ки ба фиреби Сафавиёни Эронӣ гирифтор гардида буд, дар натиҷаи душмании байни мазҳаби шиа ва суннӣ қурбон гардидани аҳолиро бо чашмони худ дида, аз тамоми орзуҳо умеди худро канда, дубора ба тарафи Кобул равон шуд. Наҷми Сонӣ бошад, инро истифода намуда, ҳаракати худро идома дода, то ба қалъаи Ғиҷдувон пеш омада, онро ба мисли ҳалқаи ангуштарӣ муҳосира менамояд.

Дар ҳамин лаҳзаи тақдирсоз Убайдуллохон ва Ҷонибек султон дар навоҳии Кармина, Кӯчкунчихон ва Темурхон дар Миёнкол буданд. Онҳо низ аз таҳлукаи тарси Сафавиён дар дил мақсаду нақшаи фирор карданро доштанд. Дар ин ҳолат ногаҳон Амир Сайид Абдуллоҳ бо лақаби Мири Араб аз вилояти Туркистон ба шаҳри Бухоро омада, пеши лашкарро, ки ҳаросида рӯ ба гурез ниҳода буданд, гирифт. Мири Араб ягона марди ватандӯсте буд, ки руҳияи Убайдуллохонро бар зидди аскарони қизилбоши сафавӣ баланд бардоштааст. Дар натиҷаи ин дилбардории Мири Араб тавре ки Восифӣ дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ» маълумот медиҳад, Убайдуллохон аскарони зиёде ҷамъ оварда, дар муҳорибаи Ғиҷдувон наздикии Култмалик ном ҷой ҷанги сахте карда, Наҷми Сониро ба ҳалокат ва қувваҳои ҳарбии Эронро ба шикаст дучор кард.

Восифӣ ба шарафи ин пирӯзӣ матни «Фатҳнома»–ро тартиб додааст. Баъд аз ин воқеаи бузурги таърихӣ аввалҳои соли 1513 Восифӣ ба шаҳри Бухоро, ки маркази сиёсии давлати Шайбониён ба ҳисоб мерафт, бо кӯшишҳои Шамсиддин Муҳаммади Куртӣ даъват мешавад. Дар ин ҷо ӯ аз соли 1513 то соли 1514 ҳаёт ба сар бурдааст. Аз Самарқанд ба Бухоро рафт ва аз Бухоро ба Саброн ба назди Мири Араб сафар кард. Восифӣ аз хусумат, бадбинӣ, тангназарӣ ва рақобатҳои байниҳамдигарии дарбориён дар ин шаҳрҳо низ бенасиб намондааст. Муҳити нооромии дарбор, бадахлоқӣ, лаганбардорӣ ва ишратпарастии шоирони дарборро дида, боиси аз Бухоро рафтани Восифӣ мегардад. Дар ин ҷо муддате зиста, сипас, ба Фарғона, Намангону Ахсикат, Шаҳрисабз ва Тошканд рахти сафар баст [25, с. 4].

Ба мадрасаи Улуғбек рафта, бо мударриси он Шамсиддин Муҳаммади Куртӣ маслиҳату машварати илмӣ мекунад. Ҳамчунин, дар ҳамин ҷо ба ӯ муяссар шудааст, ки ба суҳбати Қозӣ Иброҳим баъдтар ба мулозимати шайхулислом Хоҷа Ҳошимӣ расад. Восифӣ бо ин восита мехост, бо ҳар роҳе бошад, бо Убайдуллохон, ки яке аз чеҳраҳои маъруф, фарҳангдӯст ва бо фазлу хирад буд, наздик шавад. Бо кумаки Хоҷа

Ҳошимӣ Восифӣ бо Убайдуллохон ошноӣ пайдо карда, ба қатори шоирони дарбории ӯ Маҳмуди Балхӣ ва Афсарӣ ҷой мегирад.

Шайбониён олимон, шоирон ва донишмандони аз Хуросон ва Ироқ гуреза шуда омадаро нисбат ба олимон ва аҳли илму адаби маҳалли худ бештар ҳурмату эҳтиром намуда, ба онҳо ҳар чӣ бештар инъом медоданд. Ҳамчунин, бо ҳурмату эҳтиром кардани гурезагон муҳаббати аҳолии қаламрави Хуросонро ҳам ба худ ҷалб мекарданд, ки онҳо хешу табор ва ҳамватанони аксари ин гурезагон буданд.

Рақобати байни олимону фозилони муҳоҷир ва олимони маҳаллӣ рӯз то рӯз тезу тунд ва шадидтар мегардид. Дониш ва маҳорати олимоне ки дар ҳавзаи илмии шаҳри Ҳирот тарбия ёфта, мактаби илмӣ ва мероси замони устодони забардаст Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишер Навоиро соҳиб буданд, нисбат ба аҳли илму адаби шаҳрҳои Самарқанду Бухоро дар дараҷаи хеле волотар қарор дошт. Дар мушоара ва мунозараҳое, ки байни онҳо баргузор мегардид, аҳли илму маърифати ҳавзаи илмии шаҳри Ҳирот ғалаба карда, ҳатто онҳоро масхара ва шарманда низ мекарданд.

Восифӣ дар қаламрави Мовароуннаҳру Туркистон дар як ҷо бисёр ва дароз истиқомат накарда, аз шаҳре ба шаҳре кӯчида мегашт. Вақте ки ба дарбори Келдимуҳаммадхон, ки беҳтарин шогирд ва тарбиятдидаи худаш буд, роҳ ёфт, дар он ҷо барқарор мондааст. Дар ин ҷо ҳам аз хусумат ва рақобати ҳампешагони маҳаллии худ фориғ набуд.

Ин кинаю адоват ва тангназарии ҳампешагон оқибат Восифиро маҷбур сохт, ки ночор бо баҳонаи саёҳати Туркистон аз шаҳри Бухоро моҳи июли соли 1514 ба сӯйи шаҳри Саброн сафар кунад. Мавзеи Саброн ё худ Саврон дар 40–50 километр аз шаҳри Туркистон ҷойгир шуда, яке аз мавзеъҳои ниҳоят хушбоду ҳаво ба шумор мерафт.

Тибқи маълумоти «Бадоеъ–ул–вақоеъ» дар ин сафарҳо Зайниддин Восифиро Шамсиддин Муҳаммади Куртӣ ҳамроҳӣ мекард. Восифӣ аз Саброн ба Фарқати Фарғона, аз он ҷо ба Ахсӣ ё Асхикат ва аз Ахсӣ ба тарафи Намангон сафар карда, як сол то моҳи июни соли 1515 мондааст.

Дар ин ҷо Восифӣ бо аҳли илму адаби шаҳрҳои Фарқату Ахсӣ ба монанди Мунизиддини Абдураззоқ, Қазилӣ ва Шоҳҳусейн шиносоӣ пайдо карда, алоқаҳои дӯстӣ барқарор намуд. Восифӣ дар охир ба тарафи Тошканд бармегардад, ки дар ин вақт ҳукмрони ин ҷо яке аз хонҳои шайбонӣ Сиюнҷхоҷахон буд. Дар бораи ин подшоҳ Восифӣ дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ» чунин маълумот додааст: «Аз насли Чингиз дар вилояти Туркистон подшоҳест дар ғояти адл ва дод ва нисбат бар раият дар ниҳоят шафқат ва дод. Ва ӯро Сиюнҷхоҷахон ном аст, туро ба қадри раият ва тарбият хоҳад кард» [22, с. 7].

Азбаски Сиюнҷхоҷахон нисбат ба Восифӣ ҳурмату эҳтироми зиёде дошт, ӯро ба зуди мураббӣ ва муаллими писарони худ Келдимуҳаммад ва Наврӯзаҳмадхон таъйин мекунад. Восифӣ ба онҳо сарфу наҳв, ҳандаса, хушнависӣ, илми мусиқӣ ва дар як вақт тирандозию аспсавориро омӯхтааст. Машғулияти онҳо як сол идома кардааст.

Зайниддин Восифӣ дар дарбори Сиюнҷхоҷахон ба мисли дарбори Убайдуллохон аз тарафи мухолифон орому осудагиро надидааст. Ҳар лаҳза мухолифон ба муқобили ӯ дасиса, иғво ва фитнаҳо барпо мекарданд. Бар замми ҳамаи ин ёди ватан, дӯстону наздикон ва пайвандон ҳарҷӣ бештар ӯро ғамгин ва парешонхотир месохт. Аз ин рӯ, ӯ моҳи декабри соли 1516 қарор медиҳад, ки ҳамроҳи Шамсиддини Куртӣ, Мавлоно Амир Ҳусайн, писари қозии Тошканд ба Шаҳрисабз назди шайх Муҳаммад Содиқ равад.

Дар Шаҳрисабз Восифӣ як моҳ истода, дар ин миён хабар мерасад, ки хонҳои ӯзбек дар Туркистон ба муқобили қазоқҳо тайёрии ҷанг мебинанд. Ба ин муносибат Восифӣ якҷоя бо қозизодаи мазкур аввал ба тарафи Тошканд ва баъд ба Саброни Туркистон меоянд. Дар шаҳри Саброн Восифӣ бо вазири султон Абусаид Хоҷа Офоқ, ки иттифоқан он ҷо буд, шиносоӣ пайдо кард. Хоҷа Офоқ Восифиро ба шаҳри Самарқанд даъват намуда, дар ин ҷо имоми масҷиди назди бозори Атторон таъйин менамояд. Ҳарчанд Восифӣ дар Самарқанд танҳо вазифаи имоми масҷиди Атторонро бар уҳда дошт, аммо эҳтироми

аҳли фазл нисбат ба ӯ хеле баланд буд. Дар муҳити нисбатан ороми шаҳри Самарқанд, Восифӣ ба кору фаъолияти эҷодӣ машғул гардид. Дар ин муҳити ором ӯ як сол аз соли 1517 то 1518 умр ба сар бурдааст.

Шуҳрати Восифӣ ҳамчун шахси фарҳангӣ дар шаҳри Самарқанд боло рафт. Дар ҳамин вақт Келдимуҳаммад ҳамчун валиаҳди хони Тошканд ба вилояти Шоҳрухия ҳукмрон таъйин мегардад. Келдимуҳаммад барои баланд бардоштани шуҳрату шаҳомат ва манзалати дарбори хеш ҳар чӣ бештар кӯшиш мекард, ки аҳли илму адаб ва донишмандонро ба дарбори худ даъват намояд ва аз суҳбати онҳо баҳравар гардад. Аз ҷумла, Келдимуҳаммад муаллими худ Восифиро низ ба Шоҳрухия даъват намудааст.

Ӯ ба амакбачаи худ Султон Абусаид мактуб навишта, хоҳиш мекунад, ки ҳар чи зудтар Восифиро ба дарбори ҳоким фиристад. Абусаидхон ба Восифӣ амр мекунад, ки ба Шоҳрухия равон шавад. Зайниддин Восифӣ соли 924 ҳиҷрӣ мутобиқ ба соли 1518 милодӣ ноилоҷ шаҳри Самарқандро гузошта, ба Шоҳрухия меояд ва дар қатори шоирони дарбори Келдимуҳаммад ба мисли Қатилӣ, Нодирӣ, Матлаӣ ва Хоҷа Ҷалолиддини Юсуф машғули фаъолияти эҷодӣ мегардад. Зиндагии баъдинаи Восифӣ дар даргоҳи Келдимуҳаммад аввал дар Шоҳрухия, сипас, дар Тошканд баъди ба ҷои падар ба тахт нишастани Келдимуҳаммад ҷараён гирифтааст [5, с. 273].

Дар даргоҳи Келдимуҳаммадхон Восифӣ ҳамчун марди ниҳоят донишманди аҳкоми гузаштагон шинохта шуда буд. Бинобар ин, дере нагузашта, Келдимуҳаммад султон ӯро «муаллим ва имоми султон ва қозӣ аскар»–и дарбори худ таъин мекунад [22, с. 176].

Пажӯҳиши ин масъала нишон дод, ки минбаъд ҳаёти ин шоири муҳоҷир ба сифати адиби дарбор ва фармонбардори Келдимуҳаммад ҷараён меёбад.  Восифӣ дар ин ҷо шаш сол хизмат кардааст. Дар таърихи санаи 23–юми июли соли 1524 Сиюнҷхоҷахон вафот кард. Келдимуҳаммад ба сифати валиаҳд ба тахти хонӣ нишаст. Дарбори шоҳӣ

аз Шоҳрухия ба Тошканд кӯчид. Дар ин муҳити ором Восифӣ 15 сол дар дарбори Келдимуҳаммадхон адои хизмат кардааст.

Дар соли 935 ҳиҷрӣ (мутобиқ ба соли 1529 мелодӣ) хони Бухоро ва дигар хонҳои ӯзбек бо сарварии Убайдуллохон ба муқобили Сафавиёни Хуросон лашкар мекашанд. Восифӣ низ дар ин лашкаркашиҳои ҳарбӣ иштирок дошт. Дар муҳорибаи назди вилояти Ҷоми Ҳирот шикаст хурдани Убайдуллохон Восифиро хеле ҳам андӯҳгин, ғамнок ва афтодаруҳ сохт. Восифӣ дар дил орзу дошт, ки Убайдуллохон дар ин ҷанг Ҳиротро фатҳ карда, ӯ ба дидори ватан, аҳлу аёли хеш ва дӯстону наздиконаш мерасад. Мағлубияти лашкари Шайбониён дар назди деҳаи Зурободи Ҷом ба аҳволи руҳию эҷодии Восифӣ таъсири манфии худро расонид.

Дере нагузашта, дар соли 939 ҳиҷрӣ (мутобиқ ба соли 1533 мелодӣ) Келдимуҳаммадхон низ аз олам даргузашт. Ба ҷои ӯ писари шашмоҳаи ӯ Ҳасан Султонро хон эълон менамоянд. Дар амал мамлакатро амаки ӯ Наврӯз Аҳмад идора мекард, ки дар таърих бо номи Бароқхон маълуму машҳур аст. Вақте ки Ҳасан Султон шашсола шуд, соли 946 ҳиҷрӣ (мутобиқ ба соли 1539 мелодӣ) Восифиро ба ӯ муаллим таъйин мекунанд. Аз ин ҷо бармеояд, ки дар аҳди ҳукумати Шайбониён ба таълим ва тарбияи шоҳзодаҳо аҳамияти бештар дода мешуд. Аз миёни беҳтарин муаллимону донишмандон барои тарбияи фарзандони онҳо мураббӣ интихоб мекарданд. Восифӣ ба Ҳасан Султон каломи рубоӣ ва танзими субҳониро таълим медод [22, с. 133].

Восифӣ чанд муддат ба Ҳасан Султон таълиму тарбия додааст. Тибқи маълумоти Зайниддин Восифӣ дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ» Ҳасан Султон дар синни 20 солагӣ волии вилояти Хуросон, дар синни 60–65 солагиаш ҳокими шаҳри Бағдод таъйин хоҳад шуд.

Шароити таърихии эҷоди асари Восифӣ «Бадоеъ–ул–вақоеъ» паҳлуи дигари омӯзиши масъала мебошад. Халқи тоҷик яке аз қадимтарин мардумони минтақаи Осиёи Марказӣ маҳсуб ёфта, дар таърих ва тамаддуни ҷаҳонӣ ҳиссаи арзандаи хешро гузоштааст. Аз

байни онҳо чеҳраҳои намоёни аҳли илму адаб, санъат ва ҳунар, сиёсат, тиб ва фалсафа сабзида ба камол расидааст. Яке аз чунин нобиғаҳои маъруфи илму адаби тоҷик Зайниддин Маҳмуди Восифӣ мебошад, ки бо офаридани асари барҷастаи таърихӣ, адабӣ, сиёсӣ, фалсафӣ, ҷуғрофӣ, ҳуқуқӣ ва педагогии «Бадоеъ–ул–вақоеъ» дар доираҳои илмии кишварҳои Шарқу Ғарб маъруфият пайдо намудааст.

«Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Зайниддин Восифӣ сужети ягона надорад ва аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа асари гуногунмазмун ва серпаҳлӯ ба ҳисоб меравад. Ҳаҷми асар 90 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад. «Бадоеъ–ул–вақоеъ» аз оғоз то анҷом аз 46 боб иборат буда, 30 боби асарро худи Восифӣ «гуфтор», 7 боби онро «достон», 5 боби онро «ҳикоят» ва бобҳои дигари онро «Мутоиботи зурадо…», «Мушкилоти ҳисобӣ» ва «Муншаоти мутафарриқа…» номидааст. Чунончӣ, «Гуфтор дар мунозираи ин камина ба Хоҷа Юсуфи Маломатӣ, ки вазири хони аъзам Кӯчкунчихон буд (боби 2). Ё «Достони Мавлоно Хоҷа Алӣ садри Шайбакхон» (боби 38). Баъзе бобҳои асар комилан ба воқеа ва ҳодисаи таърихии муайяне бахшида шудааст. Масалан, боби шашуми асар «Гуфтор дар зикри воқеае, ки дар шаҳри Самарқанд самти зуҳур ёфт ва он омадани Наҷми Сонӣ буд» (с.155–188) [22, с. 188].

Баъзе бобҳои асар аз сифат ва таърифи ин ё он шахсияти таърихӣ ё фарҳангӣ ҳикоят мекунад. Масалан, боби XI «Гуфтор дар таърифи вазири ҳазрати Убайдуллохон» (с.357–461) номида шуда, ба таърифу тавсифи Хоҷа Низом ном вазири Убайдуллохон бахшида шудааст.

Аз ин лиҳоз, бобҳои асар аз хусуси воқеаҳои таърихӣ ва фарҳангии солҳои гуногун ҳикоят мекунанд. Ҳаҷми баъзе аз бобҳои «Бадоеъ–ул–вақоеъ» хеле калон буда, дар он қисса, ривоят нақлу ҳикоятҳо оварда шудаанд, вале ин бобҳо ба ҳамдигар узван ва мазмунан алоқаманд нестанд.

Зайниддин Восифӣ воқеаю ҳодисаҳои зиёди сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангии зиёда аз 60–соларо аз рӯзгори бачагии худ то пиронсолӣ дар вақту шароит ва ҷою сарзаминхои гуногун ба тариқи мушоҳидаҳои

бевоситаи худ ва аз рӯйи нақлу ривоятҳои аз шахсони таърихию афсонавӣ шунидааш бо усулҳои гуногуни бадеию таърихӣ баён кардааст. Аз рӯйи давра ва ҷои вуқуи ҳодисаҳо «Бадоеъ–ул–вақоеъ» ба ду қисм ва давраи ҳаёти Восифӣ ҷудо мешавад: якум, воқеаҳои ҳаёти Хуросон ва дуюм, воқеаҳои ҳаёти Мовароуннаҳр.

Аз ҷиҳати тартиби сананигорӣ дар асар воқеаи ба шарафи Навоӣ дар деҳаи Пардаи Ҳирот зиёфат оростани Хоҷа Маҷиддин, соли 903–и ҳиҷрӣ мутобиқ ба 1497–и милодӣ ҳангоми 13–солагии Восифӣ ба сababи бадмастии Султон Ҳусайн қатл шудани Муъминмирзо ва бо ин баҳона бо ду писар ва наздикону хешон кушта гардидани Низомулмулк, воқеаи дар 16–солагӣ ба суҳбати Алишери Навоӣ расидани Восифӣ, воқеаи мулоқоти писари Қозизодаи Сиистон ба Ҷомию Навоӣ ва дигарон, аз қабили ҳодисаҳои таърихии қадимтари асар маҳсубанд. «Бадоеъ–ул–вақоеъ» дар солҳои гуногуни ҳаёти ин мутафаккир офарида шудааст ва паҳлуҳои гуногуни ҳаёти хоксорона ва ҳузнангези мардумони ду вилояти бузурги ҳамдин, ҳамзабон, ҳамфарҳанги ҳамсоя сарзамини Хуросону Мовароуннаҳрро фарогир мебошад.

Гумон меравад, ки ба таълифи ин асар Восифӣ қисмати якуми «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–ро ҳанӯз дар шаҳри Самарқанд тахминан байни солҳои 1517–1518 оғоз намуда, қисмати ками асарро дар ҳаҷми 10–11 боб анҷом додааст. Қисми дуюми «Бадоеъ–ул–вақоеъ» дар соли 1519 дар дарбори Сиюнҷхоҷахону Келдимуҳаммадхон дар Шоҳрухия ва Тошканд навишта шудааст. Омӯзиши ин масъала моро ба чунин хулоса овард, ки Восифӣ ёддоштҳои худро ба писари Келдимуҳаммад Ҳасансултон бахшидааст ва дар боби якуми он дар ин бора чизе илова кардааст.

«Бадоеъ–ул–вақоеъ» шоҳкори насри бадеъ дар адабиёти форс–тоҷик шинохта шудааст. Ин асарро оинаи ҳаёти иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, адабии нимаи аввали қарни шонздаҳуми Хуросону Мовароуннаҳр метавон гуфт. «Бадоеъ–ул–вақоеъ» аз ҳикоёту қиссаҳо, ёддоштҳо, хотираҳо, нақлу рӯйдодҳои таърихӣ латифаҳои эҷодиёти

шифоҳии мардум, намунаҳои гӯишҳои Ҳирот ва Самарқанду Бухоро ва ғайра таркиб ёфтааст [22, с. 86].

«Бадоеъ–ул–вақоеъ» дар асоси санадҳои ҳаётӣ навишта шудааст ва дар он бисёр манзараҳои зиндагонӣ ва маишати табақаҳои гуногуни аҳолии Хуросону Мовароуннаҳр бо қалами нависандаи ҳақиқатнигоре, ки худ шоҳид ва иштирокчии бевоситаи он воқеаҳо буд, бо як маҳорати устокорона акс ёфтааст. Тавре устод С. Айнӣ қайд намудааст, муаллиф авоили аҳди шоҳ Исмоили Сафавӣ ва авохири давраи ӯзбакиро дар Хуросон ба чашми худ дидааст, аз номи дину мазҳаб ба вуқӯъ омадани фоҷиаҳои бисёр бадро навиштааст [6, с. 90].

Воқеа ва саргузашту ҳикояҳое, ки Восифӣ дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ» овардааст, аксаран воқеиву ҳаётӣ буда, соддаву равон баён шудаанд ва бағоят дилкашу ҷаззоб мебошанд. Аз муҳтавои «Бадоеъ–ул–вақоеъ» бармеояд, ки нависанда ҳамеша миёни мардум қарор доштааст, бо аҳли касбу ҳунар равобити наздик ва мустаҳкам дошта, зиндагониаш бо каму кости моддӣ ва маънавӣ бо онҳо сипарӣ мешуд. Ӯ, қабл аз ҳама, вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангии мардум, урфу одат, расму оин, маросимҳо ва суннатҳои халқиро ба хубӣ омӯхтаву аз онҳо огаҳии комил доштааст. Бо орзую омол, афкору андешаи мардум бештар ошноӣ дошта, аз тарзи тафаккури бадеии онҳо ғизои маънавӣ гирифта, дарси маҳорат омӯхтааст.

Аз ин ҷост, ки мавзуи асар, асосан, аз меҳнату маишат ва ҳаёти ҳаррӯзаи худи Восифӣ ва дӯстону наздикони ӯ иборат мебошад. Қаҳрамонони ҳикоя ва достонҳои ӯ одамони одии касбу корашон гуногун: наққош, қассоб, нонво, заргар, ҳалвогар, сартарош, бофанда, баққол, камонгар, паҳлавон, гилемфурӯш, ҳаммомӣ, кабобпаз, шаробпаз, сипоҳиён, шоҳону вазирон, ходимони давлат, арбобони дину шариат қозию, шайхулисломҳо, шоирону орифон ва аҳли санъат: танбурӣ, карноӣ, сурноӣ, раққос, масхарабоз ва монанди инҳо аз кишварҳои номбурда иборат мебошанд.

Муҳаққиқ А. Н. Болдирев менависад, ки «ҳамин одамон–одамони оддии шаҳр, ки худи Восифӣ ҳам дар байни онҳост, қаҳрамонҳои ҳақиқии ёддоштҳои ӯ мебошанд. Саргузаштҳои аҷоибу ғарибе онҳо дар бозору хиёбонҳо, дар гузаргоҳҳое, ки сокинонашон мардуми одии шаҳр мебошанд, дар дӯконҳо, масҷиду мадрасаҳо ба амал меоянд. Ҳамин тариқ, ёддоштҳои Восифӣ ягона асари адабист, ки манзараҳои дурахшони ҳаёту маишати ҳаррӯзаи шаҳриёни охири асри XV ва ибтидои асри XVI тасвир менамояд» [20, с. 9].

Хизматҳои устод С. Айнӣ дар баробари дигар масъалаҳои таъриху адабиёт оид ба пажӯҳиши асари Восифӣ «Бадоеъ–ул–в ақоеъ» хеле бузург аст. С. Айнӣ сарчашмаҳои воқеии асари мазкурро чунин таъкид кардааст: «Аҳамияти ин китоб нисбат ба китобҳои куҳнаи дигар дар он ҷост, ки аҳволро фошофош ва маишатро бо камоли кушодагӣ ва бериёӣ тасвир кардааст,–навиштааст ӯ, чун муаллиф авоили аҳди шоҳ Исмоили Сафавӣ ва авохири давраи ӯзбакиро дар Хуросон бо чашми худ дидааст, аз номи дину мазҳаб ба вуқуъ омадани фоҷиаҳои бисёр бадро навиштааст» [5, с. 22].

Шукуров Муҳаммадҷон қайд намудааст, ки «Бадоеъ–ул–вақоеъ» ҳақиқатнигории адабиёти классики тоҷику форсро боз бештар инкишоф дода, зиндагонии меҳнаткашон, корубори онҳо фикру ақидаҳои онҳоро мавзуи муҳими асари бадеӣ қарор дод.

«Бадоеъ–ул–вақоеъ» аз лиҳози забон ва услуби баён аз дигар асарҳои таърихӣ хеле фарқ карда меистад. Пеш аз ҳама, бобҳои «Бадоеъ–ул–вақоеъ» ба се қисми асосӣ ҷудо шуда, ҳар як қисм таърих, тақдири ашхоси алоҳида, воқеа ва рӯйдодҳои замони муаллифро дар бар гирифтааст. Мероси манзуми Восифӣ дар ҳаҷми 1600 байт, аз ҷумла 29 қасида (829 байт), 68 ғазал (514 байт), 24 қитъа (95 байт), 98 муаммо ва чистонҳо (140 байт) ва 25 фарду 8 рубоӣ ба назар мерасад.

Ба қисми якуми бобҳои «Бадоеъ–ул–вақоеъ» воқеаҳои таърихие дохил шудаанд, ки аз овони хӯрдсолӣ то синни 27–солагии Восифӣ дар Хуросон ва баъди ба Мовароуннаҳр омадани ӯ дар шаҳрҳои Самарқанд,

Бухоро, Туркистон, Кеш, Шаҳри Сабз, Саброн, Тошканд рӯй додаанд. Инчунин, дар ин қисмат шарҳу тафсилоти воқеаҳои гуногун, ба монанди аз назди Суюнчхоҷахон ба Келдимуҳаммад хат овардани зани оҳангаронӣ (боби 20), маҳорати дар санъати наққошӣ нишондодаи Хоҷа Юсуф (бобҳои 24–26), дар соли 1525 вафот ёфтани Суюнхоҷахон (боби 27) ва ҳамлаи соли 1529 якҷоя бо Убайдуллохон ба Хуросон овардаи Келдимуҳаммад (боби 38) низ дохил мешаванд.

Ба қисми дуюми бобҳои асар бошад, воқеаҳои таърихӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ, чунончӣ, ёддоштҳо дар бораи пешгӯии Абу Аълои Андалузӣ аз хусуси аҳволи Восифӣ (боби 1), миқдори абёти сараи Абдураҳмони Ҷомӣ андар ҳисоботи Қатилӣ ва Осафӣ (боби 11), достони Фирдавсии Тусӣ (боби 11), тарзи зиндагӣ ва ҳукумати Мирзо Улуғбек (боби 12), фазилату одатҳои Алишери Навоӣ (бобҳои 13–16), Камолиддини Биноӣ (боби 17), сифатҳои гуштин гирифтани Паҳлавон Маҳмуди Абусаид (боби 19), аҳволи зиндагии мавлоно Матлаӣ (боби 22), мавлоно Субҳӣ (боби 33), Бобо Савдоӣ (боби 34), зани айёраи Тоҷуннасаб ва аҳволи писари нақиби Нишопур (боби 30), хамсаи мутаҳайира (боби 35), баҳси Султон Маҳмуд ва Ҳасани Маймандӣ ба ҷиҳати қобилият ва муҷиби шоирии Абдулвосеи Ҷабалӣ (боби 35) ва монанди инҳо дохил карда шудаанд. Дар ин қисмати бобҳо ҳақиқати таърихӣ ва ҳақиқати бадеӣ бо ҳам омезиши зиёдтаре пайдо кардаанд.

Қисми сеюми мазмуни ёддоштҳои Восифиро бештар нақлу ривоят, ҳикояҳо доир ба аҳволи зиндагии Дарвеши Ҳиротӣ (боби 8), ривояти дар шаробхонаи Ҳирот меҳмон хондани Қосими Восифӣ (боби 11), ҳикояҳо дар бораи Абуалӣ Ибни Сино (боби 21), ҳикояти Ҳоқонӣ ва Шервоншоҳ (боби 22), амири Бовардӣ ва Бойсунқур (боби 22), Наҷми Абҳарӣ ва Султон Санҷар (боби 22), ривоятҳо доир ба хусусиятҳои ёқут (боби 23), ҳикоёти бо подшоҳ чӣ гуна шатранҷ бозидани маймун (боби 23), ривояти хаттотии бе мисли Ёқутхоҷа ва тирандози беҳамто Ҳиндухоҷа (боби 23), ҳикояти дар ҳоли мастӣ раиятзодаро куштани шоҳзода Абумаъсум (боби 26), ҳикояти чӣ гуна дар назди хушдор

шавҳари худро фиреб додани зани соҳибҷамол (боби 30), ҳикояти аҳволи марде, ки китоби макрунносро ҳадя хонда, сонӣ зан гирифтааст (боби 30), ҳикоятҳо дар сифати адли Анӯшервон ва қадҳи зулми Ҳаҷҷоҷ (боби 39), мутоиботи зурадо, ки бо фармони Келдимуҳаммад гирд омаданд (боби 42), ҳикояти мартабаи додгустарии Султон Маҳмуди Ғазнавӣ (боби 44) ва амсоли инҳо дохил мегарданд.

Аз охири боби 11 сар карда, то поёни боби охирини «Бадоеъ–ул–вақоеъ» Восифӣ ёддоштҳои худро дар назди Келдимуҳаммадхон, пеш аз ҳама, бо мақсади тарбия ва такомули маънавӣ ёфтани ӯ ва одилу додгустар гардидани ин ҳокими шайбонӣ таълиф кардааст.

Зайниддин Восифӣ мутафаккири намояндаи табақаи миёнаҳоли шаҳр ба шумор мерафт. Восифӣ дар бисёр ҳикояҳои асар аз хусуси илму ҳунар ва фазилатҳои шахсиятҳои машҳур, аз ҷумла Абу Алӣ Сино, Анӯшервон, Ёқуту Ҳиндухоҷа, Улуғбек, Султон Маҳмуд маълумот додааст [71, с. 6].

Ҳар яке аз бобҳои ин асар дар алоҳидагӣ мустаъқил буда, ба худ мазмун, ғоя ва ақидаи хос доранд. Танҳо чанд боби аввал то андозае бо ҳам алоқаманд мебошанд. Дар ин бобҳо воқеанигор дар бораи ҳуҷуми лашкари сафавиёни Ироқ ва бедодгариҳои ин сулола дар шаҳри Ҳирот, низоъҳои байни мазҳабии пайравони мазҳаби нав–шиаю суннӣ, аз Хуросон ба тарафи Мовароуннаҳр фирор намудани оммаи аҳолӣ, дар бораи ҳаёти минбаъдаи худ дар шаҳрҳои Самарқанд, Бухоро, Саброн, Шоҳрухия, Кеш ва Тошканд ба таври муфассал нақл менамояд. Аз боби 11 сар карда, ин алоқамандӣ канда мешавад.

Ҳамчунин, иншои санадҳои расмӣ, номаҳо, маншур, вақфнома, катибаи рӯи сангҳои мазор, ҳикоя, воқеаҳо ва ғайра, ки дар шароитҳои гуногуни ҳаёт барои воқеанигор ҳамчун манбаи моддии зиндагонӣ хизмат кардаанд, дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ» дарҷ гардидаанд.

Аз гуфтаҳои боло ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки Восифӣ на танҳо мутафаккир, балки дар баробари ин омӯзгори моҳир ҳам будааст. Котибӣ, мударрисӣ, имоматӣ ва ғайра василаи рӯзгузаронии ӯ

ба шумор мерафт. Восифӣ дар давраҳои муайяни фаъолият ба касби муаллимӣ рӯй оварда, ҳамеша маҳорати омӯзгории хешро сайқал медод. Восифӣ мураббии беҳтарини замон маҳсуб меёфт. Ривоят, қисса ва ҳикояҳое, ки дар ҳузури амирон, вазирон, аҳли дарбор овардааст, бештар хусусияти тарбиявӣ дошта, аз ҷониби нависанда барои тарбия кардани ҳокимону дарбориён эҷод карда мешуд. Умуман, вазъи таърихию сиёсии замон тақозои онро дошт, ки асарҳои беҳтарин ва муҳими таърихӣ офарида шаванд. Нақш ва инъикоси ҳаёти фарҳангӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсии замон дар асарҳои таърихӣ, ҷумла «Бадоеъ–ул–вақоеъ» бештар ба назар мерасид.

Пас аз олам гузаштани Ҳасан Султон Зайниддин Восифӣ дар синни 55–солагӣ қарор дошт. Аз рӯи маълумоти «Музаккир–ул–аҳбоб»–и Хоҷа Ҳасани Нисорӣ ва хулосаи аз он баровардаи шарқшиноси маъруфи шуравӣ А.Н. Болдирев, Зайниддин Маҳмуди Восифӣ дар синни куҳансолӣ дар шаҳри Тошканд, тахминан байни солҳои 1551–1556 аз олам даргузаштааст [20, с. 246].

Орифи бузург дар шаҳри Тошканд ба хок супурда шудааст. Қисмати талхи мутафаккир ва таърихнигори тоҷик орзуи дубора аёдати ватан дар қалб мепарварид ба ӯ муяссар нагардида, оқибат ғарибхок мегардад. Қадамҷои ин шахсияти барҷаста имрӯз ба зиёратгоҳи хосу ом мубаддал гардидааст.

«Бадоеъ–ул–вақоеъ» аз тарафи мутафаккири тоҷик Зайниддин Восифӣ бо забони сода ва равон нигориш ёфта, то ба ҳол бо унвони шоҳкории насри форсӣ дар миёни доираҳои илмии кишварҳои ҷаҳон маъруфият дорад.

Ҳамин тариқ мо зербоби дуюми боби якуми таҳқиқот «Вазъи Хуросону Мовароуннаҳр дар асри XVI ва шароити таърихии эҷоди асари «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–ро хулосабарорӣ менамоем:

Қаламрави Хуросону Мовароуннаҳр дар асри XVI минтақаи зиддиятҳо ва ҷангу ихтилофи ҳокимони замон маҳсуб меёфт. Зайниддини

Восифӣ маҳз дар ҳамин замони пурихтилоф асари безаволи худ «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–ро эҷод намудааст.

Асари мазкур маҳз дар ҳамин шароити душвор барои баррасии вазъи сиёсии замон, мақом ва ҷойгоҳи аҳли дин, бароҳмонии шаклҳои тадрис, тиҷорат, мушкилоти муносибатҳои иҷтимоӣ ва намунаҳои мероси фарҳангӣ, расму суннат, урфу одат, шаклҳои хоҷагидорӣ, машғулиятҳои касбӣ, касбу ҳунарҳои мардумӣ, ҷангу ихтилофҳои ҳокимон, муборизаҳои пайравони аҳли дину мазҳабҳо ва дигар масъалаҳои ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ, иқтисодию фарҳангии замон арзишманд мебошад.

Восифӣ ба ҳайси як нафар шахси муътабари замони феодалӣ ба ҳаёти иҷтимоӣ ворид гардида, дар зиндагӣ бо касбу кори гуногун машғул мегардад. Дар партави эҷоди ин асар маълумотҳои ҷолиб ва бештар роҷеъ ба вазъи таърихию сиёсии замон, масъалаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоии аҳолӣ, ҳокимону дарбориён, аҳли афкор, доираи эҷоду ҳунар ва дигар масъалаҳо баррасӣ мегардад, ки хеле муҳим мебошанд.

Дар маҷмуъ, зимни баррасии таҳқиқ ва таҳлили боби якум «Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ва заминаҳои пайдоишу ташаккулёбии осори илмӣ–таърихӣ дар асри XVI» чунин натиҷагирӣ намудем:

Имрӯзҳо дар партави нишондодҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рӯй овардан ба рӯзгор ва мероси арзишманди шахсиятҳои маъруфу машҳури илмию маърифатии ниёгон бо мақсади бедории руҳи худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ дар кишварамон муҳим арзёбӣ мегардад.

Ҳаёту фаъолият, рӯзгор ва эҷоди мутафаккир, яке аз нобиғаҳои маъруфи илму адаби тоҷик Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ба сифати намунаи барҷаста, аз мероси бойю рангин ва ғании марҳалаи асри миёнаи Шарқ баромад намуда, беш аз 500 сол бо шукӯҳи зарфиятҳои наҷиби илмӣ-бадеӣ ва фарҳангию диниаш дар хизмати аҳли башар қарор

дорад.

«Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Зайниддин Восифӣ асари калонҳаҷм, ба ҷиҳати мазмуну мундариҷа гуногунмазмун ва серпаҳлӯ буда, намунаи олии эҷоди мутафаккир ба ҳисоб меравад, ки дар доираи илмии кишварҳои Шарқу Ғарб аз замони эҷод то ба имрӯз бо афзалиятҳои дороии мазмуни баланди таърихӣ, адабӣ, ахлоқӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, фалсафӣ, динӣ, ҷуғрофӣ, ҳуқуқӣ ва педагогӣ соҳиб буданаш маълуму машҳур маҳсуб ёфта, мақоми сазовор ва барҷастаро соҳиб аст.

Заминаҳои пайдоишу ташаккулёбии осори илмӣ–таърихӣ дар асри XVI новобаста аз мушкилоту мураккабии авзои сиёсии замон дар қаламрави Хуросону Мовароуннаҳр пурқувваттар мегардид ва маҳфилҳои фарҳангию адабӣ амал мекард. Зайниддини Восифӣ бе восита дар онҳо иштирок менамуд. Доираҳои адабии Хуросон зери таъсири ҳавзаҳои илмии Ҳирот ва баъдан дарбори Темуриён қарор доштанд.

Шароити таърихии эҷоди асари «Бадоеъ–ул–вақоеъ»-и Зайниддини Восифӣ ба давраи ҳукмронии сулолаҳои Темуриёну Шайбониён ва Сафавиён рост омадааст. Восифӣ ҳамчун мутафаккир ба сифати парвардаи ин замон тавонистааст дар асар тарзи идораи давлатдории ҳокимони ин хонадон, инқирози сулола, заминаҳо ва омилҳои пайдоиши низоъҳои миллию мазҳабии замонро нишон дода, болоравӣ ва шиддатёбии низоъҳои байнимазҳабии пайравони аҳли тариқати шиа ва сунниро, ки боиси тарк ва фирор намудани оммаи аҳолии касбу кори гуногун мегардид, бо маҳорати хос тасвир кардааст.

Баррасиҳои Восифӣ бар асоси маъхаз ва мушоҳидаҳои шахсӣ дар мисоли шинохти шарҳи ҳол, муаррифии намунаи осори донишмандон, адибону шоирони гумноми ҳавзаҳои адабии Хуросон ҷолибу арзишманд ва дорои арзиши баланди таърихӣ-этнографӣ мебошанд.

Асари мазкур бо зарфиятҳои ҷанбаҳои комили илмӣ-эҷодӣ ва мансубияти дороии бардошти иҷтимоию сиёсӣ ва фарҳангию диниаш ба сифати намунаи олии мероси асримиёнагии Шарқ бароmад намуда, барои беҳдошти маънавиёт, рӯзгор, тарзи ҳаёти аҳолӣ, танзим ва

равнақи низоми иҷтимоӣ дар ҷомеаи маданӣ, махсус дар шароити таҳавулотҳои печидаи алоқаманд ба омилҳои динии ҷомеаи Шарқи исломии замони муосир хизмат карда метавонад.

# БОБИ 2. ИНЪИКОСИ ВАЗЪИ МАЗҲАБӢ ВА МАСЪАЛАҲОИ ДИНӢ ДАР «БАДОЕЪ–УЛ–ВАҚОЕЪ»

## 2.1. Инъикоси низоҳои мазҳабӣ дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ

Дар раванди инкишофи давлатҳои шарқи мусулмон давраҳо ва замонҳои мухталифе мавҷуд мебошад, ки одамон дар ҳаёти сиёсӣ ҷойгоҳи хешро дар доираи муносибатҳои маъмули ҷомеа ба роҳ мемонанд. Неруҳои давлатҳои тавоно ва пурқувват баҳри аз байн бурдани ҳокимият ва сохтори сиёсии давлатҳои нотавон қудрати хешро равона карда, анъанаҳои миллӣ, урфу одатҳои қадимаи аҷдодӣ, дин, фарҳанг, тарзи ҳаёти халқҳою гурӯҳҳои хурду бузурги этникӣ ва манотиқҳои дигарро сарфи назар намуда, маҷбуран ба гардани онҳо тарзи ҳаёти хешро бор карданӣ мешаванд. Оқибатҳои ин амал ба он оварда мерасонад, ки моҷароҳои миллию байниҳамдигарӣ ва бенизомию беамнӣ дар ҷомеа ба амал омада, садди роҳи инкишофи байниҳамдигарии халқу давлатҳо мегарданд.

Ба андешаи мо, ҳеҷ як муҳаққиқ дар бораи пешомади ҳодисаҳои низоъҳои мазҳабии давраи асрҳои миёна ба ҷуз маълумотҳои «Бадоеъ–ул–вақое»–и Зайниддини Восифӣ андешаи амиқу назаррас баён накардааст. Зайниддини Восифӣ тавонистааст, дар шароити душвор ва пурошӯби замон аз хусуси найрангбозӣ, ҳилаю дасисабозӣ, мафкураи гуруҳи паст доштаи пайравони мазҳаби шиа ва пешвои ин мазҳаб, яъне Исмоили Сафавиро ба таври хеле кушоду равшан нишон диҳад.

Фикру андешаҳо дар бораи низоъҳои мазҳабӣ дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ» яке аз ҷойҳои намоёнеро ишғол намудааст. Низоъҳои мазҳабӣ ва амалҳои пешгирифтаи саркардаҳои он бо пуштибони аз ҳокимияти мавҷуда ҳанӯз аз замонҳои қадим барои ғасби ҳокимияти мавҷуда талош доштанд, онҳоро ба амалҳои зишт даст задан гирифтор кардааст. Ҳадаф, тарзу усул ва воситаҳои паҳн гардидани низоъҳои мазҳабии замонро муайян намуда, ба амали кардани онҳо камар мебастанд.

Низоъҳои мазҳабӣ, оқибатҳои фоҷиабори манфии он сабаби марги садҳо ҳазор одамон, харобии шаҳру деҳаҳои обод, касодии маънавиёт, фарҳанг ва ғайра мегарданд. Дар қаламрави паҳновари Осиёи Марказӣ аксари аҳолӣ пайрави дини ислом, шохаи суннӣ мебошанд. Арабҳои бадавӣ дар ибтидои паҳн намудани дини ислом барои ташаккули тамаддуни ин минтақа таъсири калон расониданд. Ин омилҳо дар оянда барои инкишофи фарҳанги таърихӣ, ташаккули анъанаҳои миллӣ ва дараҷаи зиндагонии онҳо таъсири амиқ гузошт. То имрӯз хусуматҳои этникӣ ва зиддиятҳои мавҷудаи байни мардумони хурду кӯчак пурра нест нагардидаанд. Чунин ҳолати тезу тунди тазоди сиёсии муташаниҷро мо дар байни як қисми аҳолии тоҷикони ҷануб ва шимоли қаламрави Хуросон мушоҳида карда метавонем.

Дар таърихномаҳои давраи асрҳои миёна аз хусуси низоъҳои мазҳабӣ маълумоти гуногуни ихтилофнок вомехӯранд. Ибтидои пайдоиши мазҳаби нав, яъне шиа ва сиёсати ҷории онҳоро мутафаккири тоҷик Восифӣ аз ҳудуди Ироқ мансуб медонад. Бо гардиши айём ин таълимоти нав оҳиста–оҳиста дар қаламрави Ироқ, Сиистон, Гургон, Рай, Исфаҳон, Ҳамадон, Табрез, Кирмон ва Машҳад паҳн гардида, то ба шаҳри Ҳирот омада мерасад [133, с. 222].

Бинобар маълумотҳои Восифӣ поягузор ва ривоҷдиҳандаи ин мазҳаби нав шоҳ Исмоили Сафавӣ ба шумор рафта, барои паҳн намудани ин таълимот аз неруи теғу шамшер, қаҳру сиёсат, зӯроварӣ ва роҳҳои дигар ба таври васеъ истифода кардааст. Ин боди фитнаву дасиса ва худхоҳиву манфиатҷӯӣ мардумро ба гурӯҳҳо, маҳалла ва қабилаҳо ҷудо сохта, дар дили одамон тухми сиёҳу заҳрогини нифоқро барангехта, ҳамсояро бо ҳамсоя, ноҳияро бо ноҳия ва ҳатто дӯсту бародарро бо ҳамдигар душман сохтааст.

Дар охирҳои асри XV ибтидои асри XVI бар асари маҷрои дигар гирифтани раванди таърих ва тағйироту таҳаввулоти ҷуғрофию сиёсии минтақа шукуҳу азамати кишвари Хуросон то як андоза коста гардид. Баъд аз асри XVI дар натиҷаи ҷудо шудани сарҳадҳои давлатӣ ва шиддат

ёфтани низоъҳои мазҳабӣ алоқаҳои маданӣ ва иқтисодии байни Мовароуннаҳру Хуросон ва Форс (Порс) торафт суст гардида, ягонагии сиёсии онҳо аз байн мерафт. Дар ин давраи пурҳаводис ва таъқиботи шадиди сиёсӣ Восифӣ ба муҳити Мовароуннаҳр паноҳ бурдааст [133, с. 178].

Зайниддин Восифӣ дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ» низоъҳои байниҳамдигарии аҳли мазҳаби шиа ва сунниро бо як маҳорати хоссаи нависандагӣ ба риштаи тасвир кашидааст, аз хусуси найрангбозӣ ва риёкориҳои пайравони мазҳаби нави аҳли тариқати шиа сухан ронда, муқобили аёну ашрофон, муллоҳои ҷоҳилу мутаассиб, ки мардумро ба гумроҳӣ мебурданд, баромадааст. Ҳамчунин, Восифӣ нуқтаи назари роҳҳои мухолифат ва муқовимат алайҳи низоъҳои мавҷударо нишон додааст.

Ҳаракати мазҳабӣ аввалҳо то андозае ба муқобили фишорҳои сиёсӣ, маънавӣ ва иқтисодии амирони Темурӣ нигаронида шуда, эътирози оммаи мардум, махсусан, шаҳрнишинон ва пешаваронро ба муқобили асорат ба тарзи махсус ифода мекард. Бо амри шоҳ Исмоили Сафавӣ ва фатвои пешвоёни бузурги пайравони шиа аҳолиро ба бидъат ва таблиғи зидди Худо муттаҳам карда, несту нобуд мекарданд. Аслан, низоъ аз тафовут пайдо мешавад. Дар дини ислом фирқа ва равияҳои ниҳоят бисёру гуногун вуҷуд доранд, ки байни онҳо дар шарҳу аҳкоми шариати исломӣ тафовут ва зиддиятҳо вуҷуд доранд.

Аз ҷумла, дар мазҳаби суннӣ, ки яке аз равияҳои асосии дини ислом буда, пайравони он ғайр аз Қуръон боз суннатро, ки ҳадиси муқаддас меҳисобанд ва дар он фикру ақида, гуфтаҳои Муҳаммад пайғамбар ва пайравони ӯ Абубакр, Умар, Усмон ва Ҳайдар (Алӣ) баён карда шудаанд, эътироф менамоянд. Сунниҳо муътакиданд, ки маҳз онҳо анъанаи Пайғамбарро бар хилофи таълимоти тариқати аҳли шиа нигоҳ медоранд.

Шахсеро суннӣ меноманд, ки чаҳор халифаи аввалин Абубакр, Умар, Усмон ва Ҳайдар (Алӣ ибни Абутолиб) ва боэътимодии маҷмӯи

ҳадисҳо, қоидаҳои маросими маишӣ ва иҷтимоиро аз рӯйи таълимоти яке аз чаҳор мазҳаб риоя намоянд. Мазҳабҳои аҳли тасануъ шофеия, ҳанафия, моликия ва ҳанбалия аз ҳамдигар бо ҳалли масъалаҳои ҳуқуқӣ, ҷузъиёти оинӣ фарқ мекунанд, вале ҳамаи онҳо ба маҷмуи шаръии ҳадисҳо асос ёфтаанд. Тамоми равияҳо, мактабу мазҳабҳои исломии мавҷуда аз рӯи нишондодҳои китоби муқаддаси мусулмонон Қуръон фаъолият менамоянд [63, с. 10].

Устод М. Мутаххарӣ дар ин бора чунин андеша дорад: «Дар миёни фуқаҳои аҳли тасаннун чаҳор нафар ба унвони соҳиби мазҳабу соҳиби мактаб хонда мешаванд ва тӯдаи тасаннун тобеи яке аз ин чаҳор пешво мебошанд, яъне Абуҳанифа, Шофеъӣ, Молик ибни Анас, Аҳмад ибни Ҳанбал. Вале инҳисори мазҳабу мактаб ба ин чаҳор нафар дар қарни ҳафтуми ҳиҷрӣ рух дод» [75, с. 395].

Дар таърихномаҳо зикр мегардад, ки Абуҳанифа имоми аъзами аҳли суннат шинохта шуда, дар ҷомеаи аҳли тасаннун баъд аз пайғамбари акрам ва хулафои Рошидин  Ҳасанайн (ъ) ҳеҷ кас ба андозаи ӯ муҳтарам нест.

Ба андешаи мо, дар садри ислом аксари уламои мусалмони иронинажод дар тафсир, ё ҳадис, ё калом, ё адаб пайрави суннимазҳаб буданд ва баъзе аз онҳо таассуби шадиде алайҳи шиа доштанд ва ин ҷараён то қабл аз Сафавия идома кардааст. То замони Сафавия аксари билоди Ирон суннӣ буд.

Халифаҳои аҳли тасаннуъ дар Шуроҳо интихоб мегардиданд, бо оростани маросимҳои мусулмонӣ аз шиаҳо фарқ мекарданд. Дар баъзе аз маъхазҳои ба таърихи ислом бахшидашуда, равияи сунниро  мазҳаби «аҳли сунна вал–ҷамоа» ном мебаранд.

Мазҳаби шиа низ як равияи дини ислом буда, дар заминаи зиддиятҳои сиёсию иқтисодии байни халифаҳо ва авлодони Муҳаммад Пайғамбар (С) баъди вафоти вай пайдо шудааст. Дар байни равияи шиа ва суннӣ дар масъалаи идоракунии давлат, парастиши Қуръон, ҳадисҳо ва услуби ибодатҳо зиддиятҳо вуҷуд доранд. Табиист, шиаҳо тарафдори

Алӣ буда, дигар халифаҳо Абубакр, Умар ва Усмонро тамоман эътироф намекунанд. Иди Ошуро беҳтарин далели исботи ин матлаб аст ва дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ» дар се ҷой дучор омадааст. Ошуро номи рӯзе, 10–уми моҳи муҳаррам, ки рӯзи шаҳид шудани Имом Ҳусайн аст ва аҳли дин, хусусан, шиаҳо дар ин рӯз мотам медоранд [119, с. 944].

Дар ин рӯз шиаҳо гиряю фиғон бардошта, сару рӯйи худро хуншор месохтанд, қисми дигари онҳо ҳатто ба худкушӣ даст мезаданд. Низоъ моҳиятан хоси ҷомеаи инсонӣ буда, ба ду чиз: ё ба ваҳдат ё ба ҷанг анҷом меёбад. Агар қувваҳои байни рақибон баробар шавад, ваҳдат ҳукмфармо мегардад. Агар тарафҳо ба ваҳдат наоянд, он гоҳ низоъ ба ҷанг анҷом меёбад. Аз ин рӯ ҷангҳои мазҳабӣ ба вуҷуд меоянд. Дар ҳар давра сиёсат чи гуна бошад, низоъ ҳам ба он вобаста аст, бо таъсири ҳамин омилҳо ҳамон минтақа ба низоъ кашида мешавад. Низоъҳои хислати сиёсӣ дошта, оҳиста–оҳиста ба низоъҳои динӣ мубаддал мегарданд. Дар баъзан ҳолатҳо сиёсат ҳамбастагии онҳоро, яъне иттиҳоди байни шиа ва сунниро ба вуҷуд меорад.

Мафҳуми низоъ маъноҳои зиёде дошта, мафҳумҳои рақобат, бархӯрд, зиддият, муқовимат ва ғайраро фаро гирифтааст. Доктори илмҳои таърих, профессор Ш. Имомов дар мавриди низоъ чунин андеша дорад: «Низоъ раванди табииест, ки дар он ду ҷониб (ё ду гурӯҳ) ва гурӯҳҳои мабдаъҳо барои таъмини манфиатҳо ва ниёзҳои ҳаёт ва аслии худ ва ҷилавгирӣ аз дастёбии рақиб ё рақибони худ ба ҳадафу манфиатҳои возеҳ ва мушаххас дар бархӯрди давомдор қарор доранд. Ин бархӯрд хислатан огоҳона ва ҳадафмандона аст. Аз ин ҷиҳат, низоъ аслан ва асосан, хоси ҷомеаи инсонист» [73, с. 47].

Тибқи маълумоти Восифӣ дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ» роҳҳои мухолифат ва муқовимат алайҳи ин низоъҳои мазҳабӣ мавҷуд буд. Восифӣ воситаи асосии мубориза бар зидди ин амали манфиро дар мавҷудияти ҳокимияти адолатпеша ва пурзур медид. Аз ин рӯ, меъёри низоъҳои мазҳабиро муайян намуда, онҳоро ба низоъҳои одилона ва ғайриодилона ҷудо намудааст. Инчунин ӯ нишон медиҳад, ки низоъҳои

мазҳабии мавҷуда беохир давом карда наметавонанд, харобкориҳои низоъҳои мазҳабии нави аҳли мазҳаби шиа ба охир расида, зарурат ба ҳаёти осоишта фароҳам омада, илму фарҳанг, маънавиёт ва иқтисодиёт ба пешравӣ ноил мегардад. Асари «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Восифӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ моҳияти инкишофи ҷомеаи мавҷударо аз ҳамин иборат медонад.

Низоъҳои мазҳабӣ дар замони муосир низ мавҷуд буда, ба амният ва ҳаёти мардумони тараққипарвар таъсири манфӣ мерасонанд. Донишмандон бар он назаранд, ки дар бисёр маврид низоъҳои мазҳабии мавҷуда сабабгори марги мардуми бегуноҳ ва бесарпаноҳ мегарданд. Арзишҳои моддӣ, маънавӣ, фарҳангии мардум зери ин низоъҳо костаю нобуд мешаванд, ки эҳёи онҳо асрҳоро талаб доранд. Низоъҳои мазҳабии мавҷуда заминаи нобоварӣ ва ҳисси бадбинӣ дар байни намояндагони умумиятҳои иҷтимоӣ, гурӯҳҳо ва неруҳои сиёсиро ба бор оварда, боиси парокандагию нобудшавии миллатҳо ва давлатҳо мегардад.

Ибтидои асри XVI давлати Темуриён дар иҳотаи ду сулолаи пурзур дучор гардид: аз тарафи ғарб Сафавиён бо сардории шоҳ Исмоили 1 Сафавӣ ва аз тарафи шарқ Муҳаммад Шайбонихон, ки худро ворисӣ Темуриён медонист. Исмоили 1 Сафавӣ (1502–1524), ки бо давлати Шайбониён муборизаи сиёсӣ ва мазҳабӣ мебурд, бо кувваи зиёд, соли 1510 Марвро ишғол намуд. Шайбонихон дар майдони ҷанг кушта гардид. Собиқ ҳокими Фарғона аз авлоди Темуриён Бобур Мирзо дар ин вақт дар Кобул қарор дошт. Бобур Мирзо барои ишғоли Самарқанд қувваи кофӣ надошт, бинобар ин, бо шоҳи Эрон Исмоили 1 Сафавӣ муттаҳид шуда, тирамоҳи соли 1512 лашкари 60 ҳазор нафараи Эрон бо сардории Наҷми Сонӣ вориди Мовароуннаҳр шуданд. Лашкари Эрон дар Қаршӣ 15 ҳазор аҳолии бегуноҳро ба қатл расониданд. Иттифоқи Бобур бо Эрониён боиси норозигии аҳолӣ гардида, нисбат ба ӯ ҳисси нафрат пайдо шуд.

Қаламрави давлати Сафавиён ҳудудҳои ниҳоят бузургро, аз ҷумла Ироқи Араб, Бағдод, Эрон, Озарбойҷон, Арманистон, Гурҷистон, Курдистон, Луристон, қисмати зиёди Афғонистон (ғайр аз вилояти Балх)–ро дар бар мегирифт. Такягоҳи асосии сулолаи Сафавиён ашрофони ҳарбии қабилаҳои турксзабони шомлу, румлу, усточлу, туркоман, зулқадар, афшор ва коҷорҳо буданд, ки дар ҳаёти сиёсӣ накши калоне дошта, тамоми мансабҳои маъмурию ҳарбиро соҳиб буданд. Мазҳаби давлати Сафавиён шиаи 12 имомӣ буд. Сафавиёни ифротгаро Хуросонро, ки аз дохил тамоман  хароб гардида буд, бештар бо роҳи мафкура паҳн кардан ва ҷосусӣ зери ишғоли маънавию сиёсӣ қарор медиҳанд. Ташвиқоти Сафавиён, махсусан, дар шимоли мамлакат, яъне шаҳри Машҳад хеле пурзур буд, чунки мазори яке аз пешвои аҳли шиа Имом Мусо Ризо дар ин ҷо воқеъ буд. Ин мазор бо панҷараҳои оҳанин оро дода шуда, ба макони зиёрат ва назру ниёзи гурӯҳе аз аҳолӣ мубаддал гардида буд. Дар охирҳои салтанати Султон Ҳусайни Бойқаро ҳукумати маҳаллии Машҳад расман тобеи Ҳирот бошад ҳам, дар амал пайрави Сафавиён буда, ба манфиати  онҳо кор мебурд.

Восифӣ дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ» воқеаҳои бераҳмӣ ва даҳшатовари сулолаи сафавияро ҳангоми ишғоли шаҳри Ҳирот дар соли 1510 нисбат ба пайрави мазҳаби суннӣ тасвир намудааст. Чунончи: «Аз акси хунрезии кизилбошон ва намудории сурхии тоҷи ишон ҳар намози шом бунафшазори фалак ранги лолазор дошт» [22, с. 234].

Аз таъсири тезу тунди хислати сиёсӣ доштаи ин низоъҳо мардум ба кадом мазҳаб пайравӣ кардани худро надониста, қисме аз тарс ва гумроҳӣ пайрави таълимоти мазҳаби нав мешуданд, қисми дигар бо ин роҳ ҳаммаслакони суннимазҳаби худро пеши намояндагони пайрави мазҳаби шиа ошкор сохта, мехостанд онҳоро нест гардонанд.

Пас аз хонда шудани Фатҳномаи шоҳ Исмоил, дар масҷиди ҷомеи Маликони шаҳри Ҳирот қатлу ғорати аҳолии суннимазҳаб авҷ гирифт. Тибқи маълумоти  Восифӣ, Ҳофиз Зайнуддин ба хондани фатҳнома муқаррар гардид, вале қурбони шамшери аҷнабиёни сафавӣ гардид.

Сафавиён ба аҳолии ғайр бо назари таҳқир нигариста, боибораҳои «хоричиён» ва «зиёратгоҳиён» онҳоро ном мебурданд. Қизилбошони сафавӣ қариб панчоҳ сарҳоро бар сари найзаҳо карда ва мегуфтанд, ки «эй сунниякони хоричӣ ибрат гиред» [22, с. 68].

Ҷаҳонбинӣ ва ақидаҳои мутафаккирони бузурги халқи тоҷик, аз ҷумла Зайниддини Восифӣ бештар ба замон сахт марбут аст. Зайниддини Восифӣ дар шароите зиндагонӣ мекард, ки шариати ислом қатъи назар аз мазҳаб мафкураи доираи синфи ҳукмрон буд. Бо вуҷуди ягонагии дину шариат, мардум вобаста ба сиёсати ҳокимон ва тарғибу ташвиқи руҳониёни мутаассиби ҷоҳилу бесавод ба мазҳабҳои шиа ва суннӣ пайравӣ мекарданд ва бо ин баҳона бо ҳам низоъ доштанд. Гуруҳе аз мардум ба ақидаи тасаввуфии нақшбандия пайравӣ мекарданд. Абдураҳмони Ҷомӣ дар ақидаи динӣ тарафдори ягонагии дини ислом буда, низоъҳои мазҳабиро, ки дар ҳамаи давраҳои феодалӣ хислати бештар иртиҷоӣ дошт, маҳкум ва сарзаниш кардааст. Адиб ва мутафаккири бузурги халқи тоҷик Абдураҳмони Ҷомӣ аз низоъ ва моҷарои ваҳшиёнаи мазҳабтарошон хеле дилгиру афтодаруҳ гашта гуфта буд:

Эй муғбачаи даҳр, бидеҳ ҷоми майям,
К–омад зи низои суннию шиа қайям.
Гӯянд, ки Ҷомиё чӣ мазҳаб дорӣ?,
Сад шукр, ки сагсунию харшиа наям [70, с. 338].

Шояд аз ин сабаб бошад, ки онҳо мазори Мавлоно Нуриддин Абдураҳмони Ҷомиро оташ заданд. Кушта шудани аҳли тасаннуъро ин пайравони мазҳаби нав кори савоб мепиндоштанд, ки инро Восифӣ дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ» аз забони яке аз пайравони аҳли шиа чунин тасвир кардааст: «Дар сари мазори он хоричӣ будам. Он хоричиро аҷаб сӯхтанд ва дар ин боғ ҳам шунидам, ки хоричиеро гирифта кушта буданд. Аммо дареғ, ки ман ба ин савоб мушарраф нашудам» [22, с. 74].

Низоъҳои мазҳаби ибтидои асри XVI дар заминаи шиапарастӣ сабзиш ёфта, ба дараҷаи интиҳоии худ расида, дар байни инсонҳо ҳисси

бадбинӣ ва нифоқро ба вуҷуд овардааст, ки Восифӣ инро чунин тасвир кардааст: «Толибилме, ки солҳо бо ҳам мусоҳиб будем ва ӯро сунни мусулмон эътиқод доштам пайдо шуд. Ба ӯ гуфтам, ай ёр, чӣ истодаем ва ин муҳимотро то чанд шунавем? Биё, то биравем. Он бадбахт фарёд баровард, ки (ай ёрон), биёед, инак он хориҷӣ» [22, с. 436].

Ҳамчунин шоҳ Исмоили Сафавӣ мӯйлабгирии аҳли суниро, ки суннат аст, манъ карда буд: «Ҷамъе аз меҳмонон ба хонаи фақир омаданд. Иттифоқо дар он хона ҳалим пухта буданд ва мӯи сиблати ин фақир (расида буд) ба ҳалим олуда шуда. Фақир филҳол миқрозро бардоштам мӯйлаби худро кӯтоҳ кардам… Қизилбоше бар он мутталеъ шуд, гуфт: Ҳай Язид!, сиблати худро буридаӣ! Ба фармони шоҳ нофармонӣ кардаӣ!... » [22, с. 275].

Аз маълумоти Восифӣ бармеояд, ки яке аз дӯстони ӯ Мирзо Байрам дар шаҳри Ҳирот Ҳасаналии маддоҳ ном шахсеро, ки ба лаъни яке аз асҳоби пайғамбар даҳон кушода буд, ба қатл мерасонад. Бародари ӯ Муҳибалӣ аз Ироқ барои ситонидани интиқоми бародараш омада буд. Мирзо Байрам, Восифӣ ва Шоҳқосим дигар дар шаҳри Ҳирот истода натавониста, ба тарафи шаҳри Машҳад гурехтанд. Дар Машҳад муносибати аҳли шиа нисбат ба аҳли сунни мазҳаб ниҳоят тезу тунд гардида буд. Ин ҳолатро Восифӣ чунин тасвир намудааст:

«Ба ҳаммом даромадем. Лаҳзае гузашт, шахсе дари гармхонаро кушод ва дар мо нигоҳе карда гуфт: афсориёни Хуросонӣ ин ҷо буданд ва саҳобаи киромро бисёр дашном дод ва забон бар суханони нофарҷом кушод…Ғиёсиддин Муҳаммад худро бар ду қадам ба ӯ расонида, сари ӯро дар оби ҷӯшон ғута дод ва ду пои ӯро гирифта нигоҳ дошт. То замоне, ки мазмуни уғрикуво фадхулуно норан мутаҳаққиқ гашт. Чун сари вайро бидаровард, ӯро дар даруни обхӯр андохт (ва) маро гуфт:

Чу оташ дарзадӣ дар беша бигрез,
Ба сони дуди печон з–оташи тез» [22, с. 223].

Тибқи маълумоти Восифӣ дар Машҳад онҳоро дошта лату куби зиёде низ кардаанд ва гуфтанд, ки инҳо хуниёни моянд ва бародари маро

куштаанд ва мо аз Ироқ ба Хуросон рафтем ва аз он ҷо ба дунболи ишон омадем. Мирзо Байрамро Восифӣ ва Шоҳқосим аз хонаи баста раҳо карда, ба тарафи Нишопур сафар мекунанд. Вале дар ин диёр низ барояшон зистан басо гарон буд ва ҳар лаҳза хатари марг онҳоро интизор дошт. Бинобар ин, дӯстон аз якдигар ночор ҷудо мешаванд ва Восифӣ бо душвориҳои зиёде дубора ба шаҳри Ҳирот бармегардад. Дар шаҳри Ҳирот низ зиндагонӣ душвор буд ва ӯ роҳи наҷотро дар Мовароуннаҳр меҷуст. Бинобар ин, Восифӣ ба Мовароуннаҳр омад ва то охирин лаҳзаи умр он ҷо зиндагонӣ ихтиёр кардааст.

Марбут ба натиҷаи таҳқиқи зербоби аввали боби дуюм, ки ба масъалаи «Инъикоси низоъҳои мазҳабӣ дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ» бахшида шудааст, чунин хулосабарорӣ намудем:

Дар осори илмӣ таърихии «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Восифӣ ба сифати сарчашмаи илмии таърихӣ тавонистааст аз хусуси вазъи таърихию сиёсии замон, рафтору кирдор ва амалҳои нохуби пайравони мазҳаби шиаро нисбат ба пайравони мазҳаби суннӣ дар ҳудуди вилояти Хуросон, аз ҷумла, шаҳрҳои Машҳад, Нишопур ва Ҳирот возеҳу равшан нишон диҳад. Пешбурди сиёсати мазҳабӣ дар ибтидои асри XVI аз ҷониби шоҳ Исмоили Сафавӣ ва тӯдаи Сафавия бо роҳи зӯри теғу шамшер ва қатли одамон ба роҳ монда шуда буд. Дар натиҷаи паҳн намудани таълимот ва мафкураи хеш пайравону аскарони қизилбоши Сафавия ба таҳқир ва қатли намояндагони мазҳабҳои дигар даст мезаданд.

Восифӣ дар баробари нишон додани авҷи низоъҳои мазҳабӣ, Восифӣ ҳамчунин ҷараёни болоравӣ, шиддат ва оқибатҳои нохубӣ ҳаракатҳои мазҳабии тариқати шиамазҳабро нишон додааст, ки на ҳар донишманд метавонист, аз оқибатҳои амали равияҳои динӣ ҳарф занад. Баррасӣ ва нишондоди Восифӣ доир ба хатари низоъҳои мазҳабӣ дар асар метавон як навъ ҷасорат ва кӯшиши пешгирӣ аз чунин ҳаракатҳои хавфнок ва ифротӣ шинохт, ки мабдаи заминавии он дар чунин асарҳои таърихӣ ба мисли «Бадоеъ–ул–вақоеъ» нуҳуфтааст. Зарур аст, ки дар

доираи донишҳои бахши таърих ва сарчашмашиносӣ, аз ҷумла, низоъшиносӣ тартиби хоси омӯзиш ва натиҷагириҳои низоъҳои мазҳабӣ ба роҳ монда шавад.

## 2.2. Баррасии мартаба, маросим ва мансабҳои маъмурӣ дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ»

Дар сарчашмаҳои қадимаи таърихии мардуми тоҷику форс доир ба унвону мансабҳои динӣ далелҳои зиёде оварда шудааст. Дар бораи унвон ва мансабҳои динӣ маълумоти «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этнографӣ аҳаммияти калонеро молик аст.

Дар асри XVI дар қаламрави давлати Темуриён, Шайбониён ва Сафавиён нуфузи дини ислом пурзур буда, шумораи зиёди унвону мансабҳо ва мартабаҳои динӣ, аз қабили шайхулислом, шайх, қозӣ, муфтӣ, хатиб, имом, халифа, муҳтасиб, мартабаи илмию динии ҳазрат, алоҳазрат, мавлоно, мавлавӣ, авлиё, суфӣ, мулло, махдум, мунодӣ, хоҷа, уламо, доруламо, пешво, муқтадо ва амсол ба инҳо амал мекарданд. Ҳар яке аз ин унвону мансаб ва мартабаҳои динӣ дар рукни давлатдорӣ қоидаю қонун, нақш ва вазифаҳои хоси худро дошта, дар мустаҳкам намудани пояҳои ҳокимияти мавҷуда ёрии амалӣ мерасонид.

Баъди паҳн гардидани дини ислом дар қаламрави Осиёи Миёна ва Хуросон дар масъалаи унвону мансабҳои динӣ ва дараҷаи онҳо як қатор тағйирот ба амал омаданд. Таҳқиқ ва омӯзиши ин масъала нишон дод, ки унвон ва мансабҳои динӣ аз як давраи таърихӣ нисбат ба дигар давраи таърихӣ бетағйир намонда, қисме аз онҳо тарзи иҷроиш ва коргузориашонро дигар карданд. Бахусус, ин фарқият миёни ду даврai таърихи тоисломӣ ва баъд аз исломӣ назаррас мебошад.

Дар идораи марказии давлатӣ идораҳое, ба монанди шайхулислом, қозикалон, садри раис ва ғайра вуҷуд доштанд, дар низоми идоракунии давлатии амирони Темурӣ ва хонҳои Шайбонӣ нақши бузурге доштанд. Руҳониён ва мансабдорони давлатӣ байни ҳам алоқаҳои наздик дошта, ҳамдигарро дастгирӣ мекарданд.

Дар муайян ва таъйин намудани мансабҳои динӣ қонун ва шариати исломӣ нақши муҳим мебозид. Шариат дар забони арабӣ маънои роҳ ва қонунҳоеро дорад, ки мусулмонон бечунучаро бояд

ҳатман онҳоро риоя ва пайравӣ намоянд. Аҳли шариат таҳсили улуми шаръӣ ва риояи адаби диниро бештар таблиғ мекарданд. Шариат ҳаёти ҳуқуқии аҳолиро ба танзим даровабарда, қонуни ҷиноятӣ ва шаҳрвандӣ ба шумор меравад. Дуруст аст, ки дар давру замони гуногун баъзе мансабдорон, рӯҳониёни воломақом, ҳокимон зери пардаи шариати ислом пинҳон гашта, корҳои ғайришариатии зиёд мекарданд.

Амири Темуриён, ки худ шахси рӯҳонӣ ба шумор мерафт, унвонҳои зиёдеро ба аҳли дин дода, манфиат ва нуфузи онҳоро дар сиёсати пешгирифтаи худ нигоҳ медошт. Ин унвонҳоро мо ба се гурӯҳи зерин тақсим намудем: олӣ, миёна ва поёнӣ.

– ба унвони олӣ–охунд, садри аъзам, хоҷаи саодат, алам, садр;
– ба унвони миёна–муҳтасиб, судур, мири асад;
– ба унвони поёнӣ урок дохил мешуд.

Дар низоми идораи давлати Темуриён дигар вазифаҳои баланди динӣ ба мисли: машваратчӣ ва ё маслиҳатчии амир, шайхулислом, қозикалон, муфтӣ ва раис низ амал мекарданд. Шайхулислом, домулло, уламою имомхатибҳо, ки муфассирони аҳкоми шариати исломӣ буданд, аз қонуну қоида ва муқаррароти муайянгардидаи каломи исломӣ васеъ истифода мебурданд.

Шайхулислом унвонест, ки дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Восифӣ дар 31 ҷой дучор омадааст. Шайхулислом мақоми олии додгоҳи дини ислом буда, дар вақти қабул ҳамеша дар паҳлуи амир ё хон қарор дошт ва дар масоили шариат ба онҳо дар ҳалли тамоми масъалаҳои аҳкоми динӣ маслиҳат медод. Дар вақти қабул ё маросимҳо шайхулислом дар тарафи чапи амир менишаст, яъне вазири дасти чап номида мешуд. Восифӣ дар бораи Шайхулислом чунин маълумот медиҳад: «Аркони давлат ва аёни ҳазрат ҳар кадом дар мақоми муқаррар ва маскани муайян қарор ёфта буданд ва хоҷа бо Исҳоқ, хоҷа Абдураззоқ, Шайхулисломи тамоми вилоят (ҳазрат)–и Севунчхоҷахон буданд…». Дар ҷои дигари ёддоштҳо Восифӣ перомуни Шайхулислом навиштааст: «…ин (аз) қабил заъфи ислом ва тӯли амал аст ва ба маддоҳ часпида аз

гиребонаш гирифт ва гурӯҳе ба ӯ ёрӣ доданд ва ӯро кашон–кашон пеши Шайхулислом бурданд ва бар зидди ӯ гувоҳӣ дода, гуноҳашро исбот карданд. Шайхулислом ба овехта куштани ӯ ҳукм кард, ки дар дарвозаи Малик аз ҳалқ овехтандаш» [22, с. 683].

Восифӣ дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ» тавре устод С. Айнӣ овардааст, маъракаи хондани фатҳномаи шоҳ Исмоилро дар шаҳри Ҳирот тасвир намуда, дар бобати Шайхулислом чунин навиштааст: « Шайхулислом ба ӯ гуфт: о ҳофиз фитнамаангез ва хуни халқро марез: ҳар чӣ мегӯянд магӯй!» [5, с. 128].

Ба андешаи мо, дар назди Султон Ҳусайн Бойқаро таъсири Шайхулислом ниҳоят бузург буд. Шайхулислом дар маҷлисҳои назди амиру хонҳо иштирок намуда, дар ҳалли бисёр масъалаҳо ба онҳо мусоидат менамуд. Вай бо амир ва дигар мансабдорони шаҳр наздик буд. Дар дарбори Шайбониён тамоми корҳои илмӣ аз ҷониби хон ба ихтиёри Шайхулислом гузошта мешуд. Шайхулисломи шаҳри Бухоро дар асрҳои XVI Хоҷа Ҳошимӣ ном шахс буд.

Тавре ки аллома Бобоҷон Ғафуров менависад: «Сарвари рӯҳониёнро дар Мовароуннаҳр аввал устод меномиданд, ки пас лақаби шайхулисломиро ба худ гирифт» [27, с. 132].

Таъсир ва нуфузи ин мансаб дар қаламрави давлати Темуриён ва Шайбониён дар сатҳи зарурӣ қарор дошта, ба ин мансаб бештар аҳли мазҳаби ҳанафӣ, донишмандони ислом, поягузорони илм баҳри оромӣ ва аммонии мамлакат, пешгирии ҳама хунрезии мардумон таъйин карда мешуд.

Шайх–унвони баланди илмӣ буда, дар асари Восифӣ «Бадоеъ–ул–вақоеъ» дар 132 ҷой дучор омадааст. Восифӣ дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ» дар бораи ин унвон чунин навиштааст: «Муходим ба хаймаи Шайх Оламшайх, ки садри ҳазрати султон буд, ҳозир шуданд». Ё ки «Шайх мударрис Абуалӣ Сино чунин манқуласт, ки дар ҷамъи улум моҳир» [22, с. 689].

Дар фарҳанги забони тоҷикӣ шайх чунин шарх дода шудааст: «шайх, арабӣ, пешвои дини ислом, лақаби табақаи зоҳиди исломӣ». Мардумони шаҳри Ҳирот ва Осиёи Миёна нисбат ба пирони донишманд ҳурмату эҳтиром дошта, аз рӯйи эҳтиром ба онхо шайх гуфта муроҷиат мекарданд. [119, с. 655].

Шайх ҳамчун яке аз унвонҳои динӣ дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ» ба маънои шахси донишманд, сарвари рӯҳониён, олим, пири доно омадааст. Ин унвони баланди динӣ дар асрҳои миёна бештар лоиқи куҳансолон барои ҳурмату эҳтироми онҳо аз ҷониби мардум дода мешуд. На ҳар шахс ба ин унвон лоиқ дониста мешуд. Дараҷаи ҷаҳонбинии онҳо хеле васеъ буд. Дар баробари аз худ намудани Қуръон, инчунин, «Маснавии маънавӣ»–и Ҷалолиддин Румӣ, ашъори Бедил, Саъдӣ ва ғайраро аз худ мекарданд.

Дар тарафи рости тахти подшоҳӣ фармоннавис, шайхулислом, қозии бузург, хоҷагони нақшбандия, ҷойгоҳи садр, қозии аскар аълам (муфтӣ), ки вазифаи додситонро иҷро мекард, ҷойгир буданд.

Дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ» мансаби қозӣ дар 71 ҷой дучор омадааст. Чунончи: «Баъзе аз мардум мегуфтанд, ки дар шаҳр ҳоким, доруға ва қозӣ ҳаст. То пеши онҳо гуноҳи касе собит нашавад, аз пеши худ ҷафо кардан маънӣ надорад» [22, с. 846].

Вазифаи қозӣ назорат аз болои рӯҳониён, масҷиду мадрасаҳо ва қонунҳои шаръии, дар асри XVI мавҷударо ба танзим медаровард. Қозикалон Суди олии назди амир ба шумор мерафт.

Дар фарҳанги забони тоҷикӣ, қозӣ чунин шарҳ дода шудааст: «Қозӣ–арабӣ мансабдори шаръӣ, ки кашмакашиҳои оммавӣ ва оилавро аз рӯйи қонуни шариат ҳал мекунад» [119, с. 696].

Низомулмулк дар асараш «Сиёсатнома» дар бораи қозӣ чунин маълумот додаст: «Ҳама довариҳо ба қозӣ дуруст шуд, чун қозӣ бедод кунад, кист аз қозӣ дод ситонад. Агар Алоуддавла додгар будӣ, бист ҳазор зарри ман дар дасти қозӣ набудӣ ва ман чунин гуруснаю дармонда ва тамаъ аз молу мулк ва шаҳри худ бурида набудаме» [81, с. 67].

Ба андешаи устод Д. Довудӣ қозӣ маънои довар (судя)–ро дорад. Қозӣ мансабдори давлатӣ буда, дар асоси шариат доир ба ин ё он масъалаҳои баҳснок, мунокишаҳои дуҷониба, ҷиноятҳо ва ғайра ҳукм мебаровард [144, с. 134].

Муҳаққиқи илми таърих С. Муллоҷонов дар бораи мансаби қозӣ ва номзади он чунин андеша баён намудааст: «Симати қозӣ талаботи махсусеро тақозо мекард, ки муҳимтарини ин мукаллафу муъмин будани фарди номзад ба ин мансаб буд» [74, с. 127].

Устод А. Қушматов дар бораи интихоби қозӣ чунин андеша баён намудааст: «Қозиҳоро мувофиқи фармудаи шариат ва бо назар гирифтани дороии интихобшаванда интихоб мекарданд» [57, с. 29].

Ҳар як шаҳр қозии худро дошт. Қозӣ дар аксар маврид масъалаҳои ҷангу ҷидол ва куштори одамонро ҳал мекард. Ҳамчунин, дар назди идораи қозиёт, шуъбаҳои ноибони қозӣ амал мекарданд. Масалан, ноиби қозӣ оид ба ибодат, яъне назорат аз болои намоз, назорат аз болои масҷидҳо, закот, ушр ва ғайра.

Шуъбаҳои дигар оид ба истифодаи замин, об, сарватҳои зери заминӣ, байни заминдорон, хариду фурӯши манзил ва ғайра. Шуъбаи дигар назорат аз болои сангҳои тарозу ва бозор. Ноиби дигари қозӣ назорат аз болои сиёсати давлатӣ, тарғиботи рукнҳои давлатдорӣ, аскарон, масъалаҳои байниқавмӣ, инчунин, ноҷуриҳои байни миллатҳо ва оилавиро ҳал менамуд.

Ноибони қозӣ масъалаҳоро дар манотиқи кишвар ҳаллу фасл намуда, дар бораи корҳои анҷомдодаашон ба Сарқозӣ ё ин ки Қозиюл–қуззот маълумоти дақиқ медоданд ва дастурҳои дигар мегирифтанд. Сарвари кулли додгустарӣ ва қазо дар ин давра қозиюлқуззот номида мешуд, ки аз ҷониби амир тайъин карда мешуд. Тамоми шаҳру навоҳии давлати Темуриён ва Шайбониён қозӣ дошт, ки ҳар гуна масоили мавриди баҳсро ҳаллу фасл мекард [13, с. 291].

Умуман, мансаби қозӣ ҳамаи ҳуқуқҳои граждакиро дар асоси ҳукмҳои шаръӣ, ки дар Қуръон, аҳодис, инчунин, ҳукми уламои ислом

омадааст, ҳал намуда, ҳуқуқҳои гражданиро ба оммаи мардум мефаҳмонад, аз қабили харид ва фурӯши замин, додани қарз ва ғайра, ки дар бораи амалҳои зикршуда ба идораи муфтиёт, ки қонуни шариатро муҳофизат мекард, ҳисобот медод.

Қозикалон ё қозиюл–қуззот дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ» дар 22 ҷой дучор омадааст ва дар ин давра вазифаи Суди Олиро иҷро мекард, ки онҳо ҳақ доштанд, ноибон ва вакилони худро тайъин намоянд. Дар бораи тайъин ва интихоби мансаби қозӣ дар назди амир озмун гузаронида мешуд, ки инро дар адабиёти таърихӣ дидан мумкин буд. Чунончи: «Ӯро амир, маъмулан аз доварони донишманди хонӣ интихоб ва тасдиқ мекард» [109, с. 31].

Мансаби қозӣ то ибтидои асри ХХ вуҷуд дошт, ки дар ин бора донишманди  рус Хаников маълумот додааст. Муфтӣ мақоми олии машваратӣ дар масъалаи шариат, ки ба тартиб додани гувоҳномаҳои ҳуқуқӣ машғул буд. Дар шаҳрҳо муфтӣ машваратчии қозӣ калон ба шумор мерафт. [122, с. 189].

Муҳтасиб мансаби динӣ ба шумор рафта, дар асари Восифӣ «Бадоеъ–ул–вақоеъ» дар ин бора чунин гуфта мешавад: «…муҳтасиб фармуд то ӯро хатна карданд» [22, с. 270].

Ҳанӯз дар замони мавҷудияти давлати Сомониён мансаби муҳтасиб дар усули идораи  ҳокимияти мавҷуда амал мекард. Муҳтасиб дар гузашта дар мамлакатҳои исломӣ амалдореро мегуфтанд, ки аз авлоди «сайидон» таъйин мешуд. Муҳтасиб дар гузашта ба иҷрои нозири аҳкоми ислом, риояи тартибу қоида, ба дурустии сангу тарозу, нарху наво дар бозорҳо, мадрасаҳо назорат мебурд. Вожаи муҳтасиб дар эҷодиёти муаррихони давраи асрҳои миёна бештар вомехурад. Муҳтасиб шахси огоҳ аз фиқҳи исломӣ буд. Даъват ба накукорӣ, боздошти мардумон аз корҳои зишт шуғли муҳтасиб буд. Ҳамчунин муҳтасиб назорат мекард, ки нафаре шароб нахурад, занон бе ҳиҷоб  нагарданд, авбошон ба мардумон зарар нарасонанд ва ғайра.  Дар замони ҳукумати

Темуриён дар ҳар вилоят, шаҳр ва деҳот мансаби муҳтасиб вуҷуд дошт [30, с. 455].

Дар асри XIX ва ибтидои асри XX дар Афғонистон ва аморати Бухоро муҳтасиб вуҷуд дошт, ки онро дар Бухоро раис меномиданд. Имом вазифаи динӣ буда, дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Восифӣ дар 13 ҷой дучор омадааст. Имом сарвар, пешвои аҳли мусулмонон, ки дар вақти адои намоз намозхонон аз қафои ӯ иқтидоъ карда намоз мехонанд. Дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ» дар бораи имом чунин гуфта шудааст; «…имом сарвари дин (ҳазрат) имом Зайналобидин (разиаллоҳу анҳу) фармудаанд…» [22, с. 832].

Дар Эрон, ки мазҳабашон шиа аст, онҳо қоим ба 12 имом буда, онҳоро аз гуноҳ пок медонанд ва ба онҳо хеле эҳтиром мегузоранд. Дар шаҳри Машҳад яке аз онҳо дафн шудааст, боқимонда 11 имоми дигар хориҷ аз Эрон дар Арабистон ва Ироқ дафн гардидаанд.

Дигар вазифаи динӣ ин хатиб мебошад, ки дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ» оид ба хатиб чунин маълумот додашудааст, ки хатиб шахсеро мегӯянд, ки хутба мехонад, воизи хутбахон, пешнамози масҷиди ҷомеъ. Ҳангоми адои намози ҷумъа ва идҳои Рамазон ва Қурбон вазъ мегӯяд. Ҳар як шаҳр хатиби худро дошт.

Вазифаи дигари динӣ мударрис аст, ки дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ» дар ин бора маълумот мавҷуд аст. «Ҷаноби Мавлоноро эъроз ва икром намуда, дар мадрасаи Улуғбек Мирзо мударрис гардониданд» ва ё «Ҳазрати мавлавӣ фармуданд, ки кадом мударрис аст» [22, с. 118].

Вазифаи мударрис дар мадрасаҳо ба толибилмон омӯзонидани илмҳои илоҳиёт, фиқҳ, ҳандаса ва ғайра буд. Мударрис ба толибилмон аз ҷиҳати динӣ дарс мегӯяд ва бинобар ин ҷанбаи динӣ доштан. Мударрис дар байни халқ сухан намекард, танҳо дар дохили мадраса ба омӯзиши илмҳои он замон сару кор мегирифт. Дар мадрасаҳо илмҳои зерин таълим дода мешуд: сарфу наҳви забони арабӣ, мантиқ, ақоиди исломӣ (илми калом), ҳикмат, фиқҳи исломӣ (таҳорат, намоз, рӯза, ҷаноза),

масъалаи ҳаҷ, закот, хариду фурӯши ғуломдорӣ, ғуломозодкунӣ, зангирӣ ва ғайра. Таҳсил дар мадраса 19 сол давом мекард [57, с. 81].

Дар пояи ҳисори шаҳри Ҳирот мадрасаи Мирзо Шоҳрух бинни Амир Темури Курагон ва дар шаҳри Самарқанд мадрасаи Улуғбек Мирзо воқеъ буд. Беҳтарин мударрисон, аз ҷумла, Мавлоно Исомуддин Иброҳим, Муҳаммадҳоҷӣ ва Мавлонозодаи Баҳрободӣ дар ин ҷо дарс медоданд. Онҳо шабу рӯз ба омӯзиш ва ҳалли масъалаҳои илмӣ машғул буда, ба шогирдон сабақ медоданд. Шогирдони онҳо дар шаҳри Ҳирот дар мансабҳои гуногуни давлатӣ қарор доштанд, аз ҷумла, Мавлоно Довуд ба мансаби садорати Султонмуҳаммад бинни Султон Абусаид таъйин шуд, Мавлоно Шамсуддин садри Султон Абусаид Мирзо гардид.

Унвони мулло дар қаламрави Осиёи Миёна хеле маъмул буд ва то ба имрӯз васеъ истифода бурда мешавад. Дар он замон ин унвон танҳо ба номи он шахсоне ҳамроҳ карда мешуд, ки мадрасаро хатм карда буданд.

Дар бораи сохтори динии давлати Шайбониён дар адабиёти таърихӣ ишораҳои зиёд ба назар мерасад. Давлати Шайбониён моликияти тамоми авлоди хон ба шумор мерафт, ки аъзоёнашро султон меномиданд ва сардори авлод, ки аз тарафи онхо интихоб мешуд, хон буд. Мувофики тартибе, ки дар он давра ташкил шуда буд, султонхо ва амирон дар интихоби хон иштирок мекарданд.

Нишонаҳои расмии соҳибихтиёрии хон эълони хутбаи панҷгона ва сикка задани сикка бо номи хон буд, тамоми мафҳуми идеологии ҳокимияти олие, ки ислом ба вуҷуд овардааст: дар бораи тарси Худо ва моҳияти теократии қудрати ӯ. Шайбонихон барои таҳкими қудрати худ дар Мовароуннаҳр худро, пеш аз ҳама, ҳамчун паҳнкунанда ва ҳимоятгари дини православӣ ва нобудкунандаи бидъатҳо муаррифӣ кард,

ки ба унвони «Имом аз–Замон хилофати ар–Раҳмон» (имоми замон ва ҳокими тамоми ҷаҳониён) шаҳодат медиҳад.

Масъалаи дигари мавриди омӯзиши мо қарор додашуда маросими дафн ном дорад. Дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ як қатор масъалаҳои мардумшиносӣ, аз қабили унвону мансабҳои динию давлатӣ, касбу ҳунарҳо, ёдгориҳои меъморӣ, санъат, сару либос, ришу мӯйлаб, тӯй ва маросими дафн ба назар мерасанд, ки ҳар яке аз масъалахои фавқи шаҳодати таърихи куҳан ва сарчашмаи пайдоишро доро мебошанд.

Маросими дафн аз назари Зайниддини Восифӣ ҳамчун маросими хоси дорои хислати шарқӣ мансуби арзишҳои «Ислом»–ӣ ва ҳамзамон дорои урфияти мардумӣ тасвир шудааст. Дар асари Зайниддин Махмуди Восифӣ «Бадоеъ–ул–вақоеъ» оид ба маросими дафн чунин ишорат рафтааст, ки «Сад ҳамчунон ғулом фидои он азизон ин гуфт ва ба боғча даромад дид, ки ғулом афтода ва мурда…ва ғуломонро фармуд, ки он ғуломи мақтулро бурданд ва дар гӯшае дафн карданд» [22, с. 145].

Маросими дафн аз дигар маросимҳои мардумӣ фарқ карда меистад. Дар маросими дафн, бахусус, марги ҷавон, ғаму ғусса, андуҳ, нолаю фиғони волидон, наздикон, хешу пайвандони оилаи мусибатзада ва сару либоси мотамӣ аъзодорӣ ҷолиби таваҷҷуҳ аст. Аз ҷумла, дар боби 36–уми асар «Достони Хоҷа Низомулмулки Хавофӣ» аз боби сару либоспӯшиҳои аъзодорӣ ва тарзи таъзият чунин қайд шудааст, ки «Мирзо дар ҳоли мастӣ фармуданд, ки нишоне ба Бибимуҳиби Ҷангӣ навиштанд…Муҳаммад Муъминро бо чиллаи камон ба чиллахонаи адам фиристод. Ними шаб буд, ки нишон расида ва кутволи қалъа ба муқтазои фармуда амал намуд. Сабо хабар дар шаҳр афтод, ки аз рӯзи растохез хабар медод. Томоми шаҳр аз мард ва зан кабудпӯш шуданд ва тархи таъзиятро дар боғи нав, ки қариби боғи Зоғон аст, андохтанд» [22, с. 104].

Муҳтавои назари Зайниддини Восифӣ дар ин гуфтор ба ҳодисаи қатли писараш Муъмин Мирзо аз тарафи қалъабон бахшида шудааст. Дар мавриди пӯшидани сару либоси мотамӣ дар ин асари ёддоштӣ низ ишорат рафтааст. Аз рӯйи урфият вобаста ба хислати мардум шахси азодор сару либоси кабуд, сабз ва сиёҳ мепӯшанд, ки ин аз азодории онҳо шаҳодат медод. Аслан, мардум пӯшидани либосҳои ранги сиёҳ доштаро бештар истифода мебурданд. Мардҳо дар ин рӯз ҷомаву тоқӣ пӯшида миёнбанди кабуд мебананд. Баъзан занҳо куртаю рӯймоли сиёҳро низ истифода мебаранд, ки он дараҷаи азодории онҳоро ифода мекунад. Дар ин бора муаллифи «Бунёди маданияти шахс» зикре дорад: «Шубҳае нест, ки либоси азодорӣ хусусияти хурофотпарастӣ надошта, балки аломатест барои ифода намудани вазъияти руҳиву зиндагии шахси мазкур. Нишонест барои шинос намудани шахсони дигар аз мусибати худ, зеро ин лаҳзаи мудҳишу ғамгини ҳаёти ҳар як фард аст. Дили азодор дар ин ҳолат пурхуну рухсорааш зард аст» [88. с. 59].

Устод Садриддин Айнӣ дар бораи таъзия чунин менависад: «Мир Алишерро рӯзи якшанбеи соли 1501 аз олам гузашта буд, тобути ӯро ба идгоҳи Ҳирот бурда, баъд аз адои маросими ҷаноза барои худ мақбараи гунбазе бино карда буд, бурда дафн карданд. Дар ҳамаи маҳаллаҳои Ҳирот таъзиядории умумӣ як ҳафта давом мекард, ки дар пеши масҷидҳо палоси мотам паҳн карда, ӯро ёдоварӣ менамуданд ва таъзиядории наздикони ӯ чил рӯз давом кард» [2, с. 88]

Қайд кардан зарур аст, ки шоирони ин замон дар вафоти Мир Алишер марсия ва таърихҳои гуногун навиштаанд ва аз ҷумла, Сайид Раҳматуллои Мирмуншӣ 62 таърих гуфтааст.

Дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ» ҳолати марсияхонӣ ишора рафтааст, ки бевосита ба маросими дафн алоқамандӣ дорад. Аслан, қасидаҳои марсиявӣ бештар дар васфи подшоҳон, ҳокимон, амалдорони олимақом, амирону хонҳо, ходимони илм, арбобони сиёсию давлатӣ аз ҷониби шоирони касбӣ навишта мешуданд. Ҳофизон бошанд, он марсияҳоро дар рӯзҳои азодорӣ месароиданд. Чунончи дар бораи марсияхонӣ Восифӣ

чунин гуфтааст: «Гулханӣ гуфт: ай Ғаввосӣ он букъаро (ки) дар сар халонидаӣ ва аз Исрофил хабар медиҳӣ аз сар баровар ва сайҳае дар дами Ғаввосӣ марсияро баровард ва матлаи марсия ин буд, ки

Дило зи гардиши гардуни бемадор дареғ,
На як дареғ, ки ҳар соате ҳазор дареғ» [22, с. 207].

Гумон меравад, ки ин анъана дар байни тоҷикон ҳанӯз аз давраи Кушониён, Сосониён ва Сомониён паҳн шуда омадааст. Имрӯз ҳам ин анъана дар байни мардуми тоҷик мавҷуд аст. Машҳуртарин марсиясароёни асри XVI–и Хуросон, Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ, Гулхании Астарободӣ, Ғаввосӣ ва Зайниддин Восифӣ мебошанд. Восифӣ, тавре муҳаққиқи осори ӯ устод С. Айнӣ овардааст, марсияҳояшро бештар дар вафоти Севунҷхоҷахон гуфтааст.

Маросими дафн аз қисматҳои зерин иборат аст: ҷон кандан, манаҳбандӣ, ғусли майит, такфин (яъне кафан), тобут, тайёрӣ ба ташеи ҷаноза (яъне тайёрӣ дида рафтан ба ҷаноза), намози ҷаноза, кандани қабр ва тадфин (яъне дафн), зиёрати қабр.

Ҳолати дигаре, ки дар ёддоштҳои Восифӣ ишорат шудааст ва он ба маросими дафн алоқамандӣ дорад, биҳил талабидан аст. Дар ин бора Зайниддин Восифӣ чунин гуфтааст: «Хадичабегим гирён шуд ва гуфт рост мегӯед ва аз акобир биҳилӣ хост» [22, с. 219].

Биҳилӣ талабидан ҳолатест, ки пеш аз сакароти мавт шахси ҷонсупор аз зану фарзандон, хешу таборон, наздикону дӯстон, пеш аз ҳама, аз ҳамсоягон бо мақсади осон гардидани ҷонсупорӣ талабида мешавад. Биҳилиро ҳамчун воситаи осон баромадани ҷон низ истифода мебурданд. Пеш аз марг ё ҷон додан, ҳама одамон ҷуръате намекунанд бигӯянд, ки биҳилам кунед. Ҳаст одамоне, ки пеш аз марг ранҷи бисёр мекашанд, ҷонашон, ки тангӣ кард, биҳилиро воситаи осон баромадани ҷон меҳисобиданд. Пеш аз лаҳзаи марг аз хешу табор, ҳамсояҳо, дӯстон агар шавхар бошад, аз завҷаи худ ва фарзандон биҳилӣ металабад. Ҳамчун ишораи эҳтиром, сипоси нону намак ва бахшоиши гуноҳ иброз мегардад. Ин расм ҳоло ҳам дар байни мардумони мусулмон мавҷуд аст.

Онро дар байни сокинони водии Кӯлоб пиҳил ё пеҳел (пел) кардан меноманд.

Шахсоне, ки дар об ғарқ мешаванд ва ё дар оташ месӯзанд, ҳаёти барзах (яъне дохили қабр) –ро намебинанд. Барзах ин байни ин дунё ва дунёи охират қарор дорад. Ҳаёти барзах гуфта, ҳаёти дар дохили қабр бударо меноманд [47, с. 141].

Вақте ки шахс аз олам мегузарад, аввало чашмонашро пӯшонида дар болои чашмонаш хок мемоланд то ин, ки аз дунё сер равад, қоматашро рост карда, нарангуштҳои пояшро мебанданд. Пас аз иҷрои ин амал бо матои докаи сафед манаашро мебанданд ва болояшро бо карбос мепӯшонанд. Хешу табор ва дӯстон ба хонаи шахси мусибат зада омада, ҳамдардии худро баён менамоянд. Маросими ба хок супурдани майит аксаран дар рӯзи аз дунё гузаштан баргузор мегардид ва амали хеле мураккаб ба ҳисоб мерафт. Агар марг саҳар фаро расида бошад, майитро ҳамон рӯз мегуронианд, лекин марг бегоҳӣ ё шаб рух медод, дар ин ҳолат гӯру чӯби майит дар рӯзи дигар гузаронида мешуд.

Маросими шустани майит аз тарафи мурдашӯйҳо гузаронида мешавад. Майитро ду се нафар мешӯянд, ки онҳоро дар байни мардум мурдашӯй меномиданд. Восифӣ дар хусуси ғусл додани майит чунин маълумот додааст: «Ман гуфтам, ки дар вилояти мо расме аст, ки ёрони худро худ ғусл медиҳанд» [22, с. 214].

Майитро хешу табор ё дӯстони наздик ғусл медоданд. Қисме аз одамон дар вақти зинда будани хеш мурдашӯйҳоро муайян карда, ба писарони худ васият мекарданд, ки маро «фалониҳо» ғусл диҳанд. Аслан шӯстани майит, ҷаноза хондан, дар гур мондан ва ғайраҳо ба васияти пешакӣ сурат мегирифт. Шустушӯи майит дар рӯзи дафн баргузор мешуд.

Майитро дар дохили хона шустушӯй мекарданд. Шахси асосӣ шӯянда ба ҳисоб рафта, баъд такягир, обҷӯшон, обрез, поқап ва обёр буд. Ҳамон таҳдегие, ки дар он об гарм мекарданд, барои майит худсоз буд. Пеш аз шӯстан манаҳбанд ва пойбанди майитро кушода,

либосҳояшро мекашиданд ва чодареро дар болояш мепартофтанд, то ин ки тани урёни майит натобад. Майитро ба пушт хобонида, ду нафар чодарро медоранд, то мурдашӯй дастонашро аз таги он даровварда тавонад.

Обе, ки майитро мешӯянд, дар кузачаи сафолин гирифта мешуд. Як нафар бо пушти даст об мерезад ва мурдашӯй дар даст латтаи тоза печонида, аввало майитро истинҷо медод. Баъд аз ин майитро таҳорат медоданд. Бидуни обгардонкунии даҳону бинӣ. Рӯйи майит, баъд дастҳояшро то оринҷ шӯста сарашро масҳ карда, пойҳояшро то буҷулак мешӯстанд. Майитро ба тарафи чап хобонида, тарафи ростро се бор мешӯстанд. Боз ба тарафи рост хобонида, тарафи чапашро низ об рехта мешӯстанд.

Майитро ба тахтапушт хобонида, тарафи сар ва синаашро каме мебардоранд ва мурдашӯй шикамашро аз боло то поён молиш медод. Тахтае, ки дар болои он майитро мехобониданд, таршӯй ном дошт. Оби мурдашӯйиро дар кунҷи хона мерехтанд. Баъд аз шуста тамом кардан, таҳдегиеро, ки дар он барои мурдашӯй об гарм карда мешуд, вайрон мекарданд. Ин аз он сабаб аст, ки вақте ки майит аз дунё рафт, дигар дилаш ба манзилаш насӯзад.

Дар баробари мурдаро шустан, ҳамзамон барои гуронидани майит дар гуристон қабрканон ба кандани қабр шуруъ менамоянд. Баъди шустани майит ба вай кафан мепӯшонанд, ки онро дар байни мардумони шаҳри Ҳирот такфин, таъфин, тадфин, кафан ва либоси охират низ ном мебаранд. Дар ин бора Восифӣ чунин қайд кардааст: « Садри подшоҳ омад ва ҷиҳати такфин як ҳазор танга овард». Ё ин ки «Шоҳзода Муҳаммад Муъминро кафан карда, дар хок гуронида буданд» [22, с. 321].

Кафанро барои майити марду зан пирони рӯзгордидаи таҷрибадор пора мекарданд. Либоси майити мард аз 21метр карбоси бараш борик иборат аст. Агар карбос барпаҳм бошад, 12–15 метр карбос кифоя аст. Ранги матои кафан ҳатман сафед бояд буд. Дар вақти пора

кардани кафан 1 метр карбосро гирифта, дар сутуни пешайвони хона мебанданд, ки ин рамзи мусибатдории оиларо нишон медод.

Кафани занҳо нисбат ба кафани мардҳо каме зиёдтар аст, чунки барои занҳо пешбанд ва дастпӯш илова карда мешавад. Либоси майит аз қисмҳои зерин иборат аст: курта аз сари китфҳои майит то зонуҳояшро фаро мегирифт. Аз мобайни он ба сӯи сина ва сӯи китфҳо каме чок карда мешавад, чодар ё болопӯш низ қисми кафан аст, ки бо он сар то пои майит печонида мешуд. Чодар аз қади майит каме зиёдтар гирифта мешуд, ки як ваҷаб аз болои сар ва як ваҷаб аз поёни пояш баста шавад.

Тарзи ҷобаҷогузории либоси охират чунин аст: аввало чодарро паҳн карда дар болои чодар куртаро гузошта, майитро курта пӯшонида, баъд чодарро аввал тарафи чап, сонӣ тарафи росташро таҳ карда, аз болои сар ва аз поёни пояш як қабза гирифта мебанданд. Баъди иҷрои ин амалҳо майитро дар тобут ҷой мекарданд.

Дар шаҳри Ҳирот тобутро тахти равон мегӯянд. Тобут ашёи аз ҷӯби бед сохташуда буда, маийтро дар он ҷой карда ба қабристон мебаранд. Ба таври зинапоя алоҳида–алоҳида аст. Дарозии тобут 3 м ва бари он 0,7 метрро ташкил медод.  Майитро дар байн мегузоранд ва аз ҳарду тараф нимметрӣ  даста барои дошта бурдани тобут муайян шудааст. Тобутро аслан 6–8 нафар дошта мебурд. Тобутро аз хона ба сар мебароранд. Вақте ки ба ҷанозагоҳ мебаранд, шахси муттасадие пешопеши тобут «салоти ҷанозаи муъмин дарёб» мегӯяд. Ҳаминро се маротиба бо овози баланд такрор мекард.

Ҷаноза дар асари Восифӣ «Бадоеъ–ул–ваҳоеъ» дар се ҷой дучор омадааст. Шумораи одамони ҷанозахон бояд беҳисоб бошад. Ба андешаи омма чи қадаре ки дар гусел ва ҷанозаи муъмини майит одам зиёд бошад, ҳамон қадар дар он дунё ӯро одамони зиёд пешвоз мегиранд. Майитро рӯй ба ҷониби қибла мегузоранд. Домулло пеш аз хондани ҷаноза ворисони майит ва пайвандонашро пурсон мешуд, ки майит дар дунё аз касе қарздор ҳаст ё не. Шахсоне, ки ба майит дар вақти зинда буданаш қарз дода буданд, қарзашонро ёдрас мешаванд, то ин  ки майит

аз дунё қарздор наравад ва дар манзили охират озодона хоб равад. Агар марҳум қарздор бошад, бояд аз аҳли байти ӯ касе қарзро ба зимма гирад, баъди адои қарз домулло иҷозат медод, ки майитро ҷаноза хонанд. Домулло аз пеш истода, щахсони дигар аз қафои ӯ чанд қатор саф мекашиданд. Чаҳор ракъат такбири намози ҷаноза мехонданд.

Дастҳоро ба сӯи гӯш бурда, «Оллоҳу акбар» мегӯянду дастҳоро болои даст мегузоранд. Се бори дигар Оллоҳу акбар гуфта, ба тарафи рост, баъд ба тарафи чап салом медод. Баъд аз анҷоми маросими ҷаноза тобути майитро ба қабристон мебаранд. Тобути майитро 6–8 нафар ба китфҳо бардошта ба қабристон мебурданд. Баъд аз муддати муайяни роҳ рафтан онҳоро дигарон иваз мекарданд. Дошта бурдани тобут ва иштирок дар қабристон амали савоб ё хайре ҳисобида мешуд [39, с. 22].

Қабр дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Восифӣ дар чор ҷой дучор омадааст. Чунончи, Восифӣ дар ин бора гуфтааст: «Ҳамаро дар болои қабри мавлавӣ андохтанд» [22, с. 544].

Қабр ҷоест, ки дар он майит гузошта мешуд. Барои кандани қабр панҷ нафар сафарбар карда мешуд ва ҳамон рӯзе, ки майит ба хок мерафт, канда мешуд. Дар вақти зинда будани шахс қабр канда намешуд. Дар вақти кандани қабр то ба хок супоридани майит қабрро танҳо намегузоштанд. Аввал чаҳоркунчаи рост то пеши бар меканданд, ки онро ширдон меноманд. Дар бари ширдон аз қисми поён бо теша лаҳад канда мешуд. Лаҳадро ба таври нимдоира ба андозаи қади майит меканданд.

Лаҳад ҷоест, ки дар он майитро ҷой мекунанд. Баъд аз канда тамом кардани қабр майитро дар болои ширдон аз тобут озодона гирифта, аз пойҳояш ба лаҳад медароварданд. Як нафар аз наздикони майит ҷасадро дар дохили лаҳад ҷой карда, аз қисми поёни чодар ангуштҳояшро ва аз қисми болои чодар рӯйи майитро мекушояд. Баъд аз баромадани ин шахс аз лаҳад бо хишти хом ё чим (яъне хок бо сабза) онро маҳкам мекунанд, то ин ки хок ба болои сар ва рӯйи майит нарезад. Ҳамон шахсе, ки дар кандани қабр бели нахустинро сар

кардааст, ба ширдон хок мепартофт. Дигарон низ бо навбат хок мепартоянд.

Пас аз ба хок супоридани майит ҳама дар атрофи қабр нишаста, домулло аз Қуръони Карим сураи Таборакро хонда каме хок гирифта, ба болои қабр мегузошт. Яке аз фарзандони майит бо домулло болои сари қабр сураи Ёсинро қироат менамуд. Баъди дуову фотиҳа ҳама ба хона баргашта, дар хонаи майит, ояте аз Қуръони Каримро тиловат мекарданд.

Баъд аз гӯру чӯб кардани майит рӯзи дигар чизе, ки аз майит аҳлу ақрабояш дарёфт мекунанд, онҳоро шуста ба мурдашӯйҳо медоданд. Дар рӯзи дуюм тарака баргузор мешуд. Молу мулке, ки баъд аз одами мурда мемонад, яъне мерос тақсим карда мешуд. Дар бораи тақсими мероси майит дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ» дар як ҷой ишорате пайдо намудем. Чунончӣ: «Вай вафот кард, инҳо аз вай мерос расид» [22, с. 447].

Тарака чунин аст, ки моле ки аз мард мерос мемонд, ба зан, писарону духтаронаш тақсим мешавад. Тарака, аслан, ба мардони хонадон тақсим карда шуда, аз ин шумора 20%–и онро ба занҳо тақсим мекунанд. Дар шароити имрӯза аслан фарзанде, ки ҳамрохи падар зиндагӣ мекард, ба ӯ бахшида мешавад. Дар сурати яке аз фарзандон норозигӣ кардан аз тақсимоти тарака ӯ метавонад моли ба ӯ тақсимшударо бигирад. Агар мард, зан, писару духтар надошта бошад, онгоҳ молашро ба бародарону хоҳарон ва хешони наздикаш тақсим мекарданд.

Тибқи одати мусулмонон муддати то се рӯз дар хонаи азодор нон ва хурок намепазанд ба он назар, ки гӯё сиёҳӣ дар он хона ҳукмрон аст. Баъди се рӯз пухта хӯрдани нону таом дуруст аст.

Вакте ки майитро ба хок месупоранд, то се рӯз домуллои маҳалла бо ҳамроҳии шахсони наздики майит ба сари қабр мераванд ва дар ҳаққи ӯ дуое мехонад, ки онро дар байни халк «хоксалом» мегӯянд. Баъди ба анҷом расонидани маросими хоксалом, ки то се рӯз идома меёбад, таом пухта хурдан дар он хона иҷозат дода мешавад.

Дар гузашта дар рӯзи ҳафтум, як табақ ширравған ё ширбиринҷ, наскотала, агар азодор шахси доро мешуд, қурутоб мекарду халос.

Ба андешаи мо, дар ҳар замон барои баргузории маросими дафн як навоварӣ эҷод мегардид. Зимни омӯзиши маросими дафн аз рӯйи асари Восифӣ «Бадоеъ–ул–вақоеъ» гузаронидани маъракаҳои ин маросим аз қабили саритахтагӣ, панҷшанбегӣ, чил, шашмоҳагӣ, сари сол ва дастархон ҷамъ карданро мушоҳида ва пайдо накардем. Дар он давра яъне асри XVI ин маъракаҳои миёншикан мавҷуд набуданд. Бо беҳтар гардидани сатҳи некуаҳволии халқ ин маъракаҳо хислати бештар хурофотӣ пайдо намуданд. Ҳоло бошад, ин маросимҳо бо тақозои замон қисман барҳам дода шудаанд.

Омӯзиши маросими дафн нишон дод, ки дар замони ҳукмронии Темуриёну Шайбониён анъанаи дар болои қабри ҳокимон гузоштани сангнавиштаҷот расм шуда буд, ки бо навиштаҷоти арабиасос оро дода мешуд. Тавре ки устод С. Айнӣ овардааст, катибаи санги мазори Севунҷхоҷахонро, ки дар тахти Тошканд ҳоким буд, Восифӣ навиштааст [5, с. 273].

Дар бораи унвон ва мансабҳои давлатӣ маъмурии мардумони қаламрави Хуросону Мовароуннаҳр дар аввали асри XVI маълумоти «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Восифӣ ҷолиби диққат мебошад.

Масъалаи унвону мансабҳои давлатӣ–маъмурии халқи тоҷик дар мероси бисёр мутафаккирони тоҷику форс, аз ҷумла Восифӣ яке аз ҷойҳои намоёнеро ишғол намудааст.

Дар охирҳои асри XV оғози асри XVI дар қаламрави Осиёи Марказӣ давлатҳои мутамарказы феодалии Темуриён, Шайбониён ва Сафавиён арзи ҳастӣ намуда, дар сохтори идоракунии маъмурии онҳо як хусусиятҳои хос ба назар мерасид. Муҳаққиқ И.П. Петрушевский усули заминдории вақфро намуди махсуси моликияти феодалӣ гуфтаанд, ки дар аҳди ислом ташаккул ёфтааст. Ба гуфтаи ӯ мақоми таърихии вақф иборат аз он аст, ки манбаи асосии даромади аркони ислом–фақеҳу шайху пирҳо буд [92, с. 249].

Ба андешаи муҳаққиқ Б. Н. Заходер дар замони Темур ва темуриён чунин намудҳои моликияти замин мавҷуд буд: заминҳои давлатӣ, вақф, мулк ва суюрғал [44, с. 76].

Моли вақф пурра аз андоз озод буд. Ба вақф моли манқулаву ғайриманқула–заминҳои кишт бинову иморатҳо,чӯю анҳор, чашмаҳои об, иншооти обёрӣ, об барои обёрӣ, дар шаҳрҳо–устохонаҳо, дӯконҳо, корвонсаройҳо, ҳаммомҳо, инчунин ғуломон, чорвои корӣ, накдина ва дигар чизҳои қиматдор дода мешуд. Дар байни муассисаҳои динии вақфдор вақфи мазорот, масҷидҳо, мактабу мадрасаҳо ва вақфи қорихонаҳо, хонақоҳҳо ва таҳоратхонаҳо мақоми асосӣ доранд [57, с. 75].

Аслан, низоми давлатдории Темуриён аз давлати Сомониён нусхабардорӣ шуда буд. Темуриён аз таҷрибаи давлатдории Сомониён васеъ истифода намуда, минбаъд дар тарзи коргузории давлати худ онро густариш доданд. Шаҳрҳои замони Темуриён сохтори хоссаи худро доштанд, ки аз тарафи раис ё бек ҳамчун намояндаи амир идора карда мешуданд. Ашрофони Темурӣ дар усули идораи ҳокимияти марказӣ унсурҳои нав эҷод мекарданд. Онҳо дар мақомҳои роҳбарикунанда аз тоҷирони бой истифода мекарданд, ки дар ҷомеа ба табақа ва гурӯҳҳо ҷудо мешуданд.

Дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Восифӣ як қатор унвон ва мансабҳои маъмурӣ номбар шудаанд, ки дар асрҳои миёна хеле маъмул буданд. Аз қабили амир, муҳрдор, садри аъзам, девонбегӣ, мирзобошӣ, мирохур, қараулбегӣ, бий, додхоҳ, инок, аталиқ, ясовул, қосид, кадхудо, доруға, навкар, вакил, пайкӣ, муставфии девон, осафҷоҳ–назоратчии бино қутволи қалъа–коменданти қалъа, бек–ҳокими музофот ё вилоят, удайчӣ – мудири тафтишот ва дигарон. Ҳар як унвон ва мансабҳои дар боло зикргардида ба самтҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа, аз ҷумла боҷситонӣ, андозситонӣ, молиёт, артиш, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳифзи оромию амнияти сарҳадоти мамлакат, роҳу об, хабаррасонӣ ва дигарҳо фаъолияти худро нигаронида буданд. Бинобар ин, мо онҳоро чунин гурӯҳбандӣ намудем.

Унвонҳо: амир, маликушшуаро, паҳлавонмир, сипаҳсолор, найман, ҳоқон, садр, бий.

Мансабҳо: бек, тархон, ясовул, ҳоҷиб, муншӣ, садр, муҳрдор, баковул, доруға, додхоҳ, сарҳанг, девонбегӣ, мир, миршаб, мирохур, надим, қосид, кадхудо, навкар, хазинадор, пайки, муставфии девон, осафҷоҳ, кутволи қалъа, удайчӣ ва ғайра.

Амир дар коргузории давлати Темуриён нақши муассир дошт. Дар асари Восифӣ унвони амир дар 305 ҷой дучор омадааст. Тамоми ҳокимияти маъмурӣ, ҳарбӣ ва судӣ низ дар дасти ӯ қарор дошт. Восифӣ дар бораи амир чунин менависад: «Амир шатранҷ мебохт, ки касе даромад» [22, с. 652].

Амир ин унвонест, дар давлати Темуриён хос, ба шахсе, аз ҷумла, подшоҳ сарвари сиёсии давлат мансуб меёфт. Ҳамчун ҳокими мутлақ дар қаламрави хеш амир дорои тамоми ҳуқуқҳо ва ваколатҳо буд. Тамоми ҳокимияти маъмурӣ, ҳарбӣ ва судӣ ба ӯ итоат мекард. Ҳамчун шахси олимақоми мансабдор дар пеш бурдани сиёсати дохилӣ ва берунаи давлат ҳиссаи калоне дошт ва дорои як қатор салоҳиятҳо ба мисли: ҳимояи дин, ба амал баровардани адолати судӣ, ҷангидан барои пок нигоҳ доштани эътиқоди динӣ, ситонидани андоз, идора намудани мамлакат ва ғайра буд.

Ниҳоди мазолим дар ин давра мақомоти муҳимтарини ба амалбароии адлу дод аз тарафи шоҳ ба шумор мерафт. Мазолим ин ниҳоди адолати суди шоҳӣ ба шумор мерафт. Дар таъмин ва барқарор намудани адлу адолат ва ҷори намудани тартиботи ҳуқуқӣ дар дохили кишвар нақши калонеро соҳиб гардида буд. Ниҳоди мазолим ниҳоди олии судии давлат ва механизми муҳимми мусоидат дар раванди ҷори кардани тартиботи ҳуқуқӣ ва қонуният дар қаламрави кишвар маҳсуб меёфт. Ба андешаи мо, баргузории суди мазолим дар бинои махсус мегузашт. Тибқи омӯзиши ин масъала маълум гардид, ки дар ин давраи таърихӣ муассисаи мазкур дар шакли девони мустақим бо номи девони додрасӣ фаъолият мекард.

Дар давраи давлатдории Темуриён девони мазолим иборат аз ҳайати кормандони зиёде буд, ки на танҳо шикояти мардумро қабул мекард, балки парвандаҳоро баррасӣ намуда, қарору ҳукмҳои хешро ба иҷро мерасонид. Ҳамчунин, кормандони ин ниҳод ҳукм ва ҷазоҳои муайяннамудаи мақомоти дигари адолати судӣ–қозӣ, шаҳна, муҳтасибро низ иҷро менамуданд. Ниҳоди мазолим дорои  дастгоҳ ва воситаҳои таъсиррасоние буд, ки дар ин давра дар ҷомеаи феодалии асримиёнагӣ ба эътибори махсус ноил гардида буд.

Фармони амир санади олии ҳокимияти давлатӣ ба шумор мерафт, ки иҷрои ҳатмии он аз ҷониби ҳамаи шахсони мансабдорони давлатӣ ва фақирон воҷиб буд. Амирони Темурӣ ҳамаи мансабдорони олимақомро ба мансабҳои давлатӣ таъйин ва дар ҳолатҳои зарурӣ озод мекарданд ва бо дигар давлатҳо шартномаҳо мебастанд.

Унвонҳоро ҳам ба баъзе ашхос низ мегузоштанд, албатта, бо аъмолашон. Масалан, амир Шоҳвалӣ, амир Ёдгор, Амир Алишер, амиралмуъминин Алӣ. Тавре ки  А. А. Семёнов овардааст, дар асрҳои XIX ва XX қисме аз амирони Бухоро авлоду насаби худро ба «пайғомбар» наздик карда, худро саидзода меномиданд. Ҳамин тавр калимаи сайид дар номҳои амирону хонҳо ҳамеша дар аввал қарор дошт. Масалан, Сайид амир Абдулаҳад–баҳодурхон [109, с. 22].

Дар назди амир як мансаби олии дигар буд, ки онро муҳрдори дарбор меномиданд. Баъд аз амир шахси дуюм дар давлати Темуриён вазири аъзам ёрдамчии подшоҳ ҳисоб ёфта,  бевосита тамоми вазоратҳои дигар ба ӯ итоат мекарданд. Вазири аъзам дар мамлакат ба сохтмони хонаҳо, купрукҳо, иморатҳои муҳташам ва ғайраҳо сарварӣ мекард. Тамоми идораи мамлакат ба таври рӯяки дар дасти  садри аъзам қарор дошт, аз ҷумла, ҷанг ва бастани сулҳ бо давлатҳои ҳамсоя, барқарор намудани тартиботи молӣ, назорат аз болои даромад ва хароҷоти хазина, таъйин ва аз вазифа озод намудани мансабдорони олимақом, аз ҷумла бек, тақсими танҳо, ё унвонҳои фахрӣ ба мулкдорон.

Тамоми мансабдорони аппарати марказӣ ғайр аз руҳониён бевосита ба ӯ итоат мекарданд. Садри аъзам муассисаи олии амрдиҳанда ва идораи иҷроияи давлати амирӣ ба шумор мерафт. Баъзан муаррихон ӯро вазир, нахуствазир ё садри аъзам ном мебаранд. Садри аъзам худ идораи мустаъкил набуда, балки тамоми супоришҳои амирро ба иҷро мерасонид. «Хоҷа Абдуллоҳи садр мефармоянд, ки рӯзе дар маҷлиси султон (Ҳусайн Мирзо) афозил ва акобир ҳозир буданд». Ё ин, ки «Садри подшоҳ омад ва ҷиҳати такфин як ҳазор танга овард» [22, с. 95].

Девони молия ва ҳарбӣ идораҳои асосии давлати Темуриён ба шумор рафта, ба ҷамъоварии андозҳо ва ташкили қушун назорат мекарданд. Қисми зиёди даромади хазинаи подшоҳӣ барои нигоҳ доштани артиш, ҳокимони маҳаллӣ, ҳарами подшоҳ, сохтмони қалъаву қасрҳо ва мадрасаву масҷидҳо сарфа карда мешуд. Сарварони давлати Темурӣ бештар ба қувваи ҳарбӣ такя карда ва ин қишри бонуфузи ҷомеа аз давлат барои хизматҳои содиқона замин мегирифтанд. Ҳамин тавр, оҳиста–оҳиста мавқеъ ва нуфузи ҳарбиён дар давлати феодалии Темуриён мустаҳкам мегардад. Ҳар як мансабдор ё сарлашкар дар давлати Темуриён унвони ҳарбӣ дошт, мувофиқи он аз хазинаи давлат ё аз рӯйи андози замини дар ихтиёраш буда, маош мегирифт.

Муайян кардани мансаби «садри аскар» мушкилтар мебошад. Калимаи «аскар» маънои сарбоз ва артиш, лашкарро дорад. Калимаи «садр» маънои сардор, сарварро дорад. Дар Бухоро «садр» мансабдореро мегуфтанд, ки заминҳои вақфро ҳисобу китоб мекард ва аз болои дахлу харҷи онҳо назорат мебурд. Садри аскар, мансабдореро меномиданд, ки хоҷагии лашкарро идора мекард.

Дар шуъбаи коргузории идораи садри аъзам дигар шуъбаҳо аз қабили ҳисобчӣ, ки барои ба қайдгирии даромад ва хароҷоти хазинаи амир машғул буд, хазиначии шуъбаи ҳифзи боигарии амир, мирохӯрбошӣ мутасаддии аспони амир, муншӣ ва котиб мавҷуд буд.

Дар бораи мансаби мирохӯр Восифӣ чунин менависад: « Қариб намози шом буд, ки саисон аспонро ҷав рехта буданд ва мирохӯр маст афтода» [22, с. 88].

Дар назди муассисаи садри аъзам дар ин давра чунин идораҳои марказии соҳавӣ низ мавҷуд буд:

Девонбегӣ–мутасаддии харҷу дахли дарбори амир буд. Мансабдорони дигар, аз қабили закотчӣ–ҷамъоварандаи закот, дафтардор нигоҳдорандаи дафтарҳо оид ба хироҷ, ушр, истифодаи об, заҳбур, бозор ва ғайра дар итоати девонбегӣ буданд.

Лашкарбошӣ унвонӣ фахрӣ дар назди дарбор буда, дар ихтиёри худ саркардаҳои зиёд дошт, ки ба таъмини сарбозон бо яроқ, сару либос ва даъвои сарбозон сару кор дошт.

Тупчибошӣ вазифаи асосии он муҳофизати арк ва хонаи амир буд, ки дар ихтиёраш дигар мансабдоронро дошт.

Миршаб унвони фахрӣ, ки ба мубориза бар зидди дуздон, роҳзанон, қаллобон ва дигар вайронкунандагони тартиботи шаҳр дар шаб машғул буд. Дар ихтиёраш одамони зиёд дошта, ба ҳимояи шаҳр, зиндон, купрукҳо, амборхонаҳо,ҷойҳои яроқу аслиҳа ва ғайраҳо машғул буд.

Мироб мутасаддӣ оид ба назорат ва тақсими об дар шаҳр ва заҳбурҳо, ки дар ихтиёраш шумораи зиёди аминону арбобони ариқҳоро дошт.

Дар лашкари Темуриён дар асрҳои XV ва XVI мавқеи навкарон низ хеле баланд буд. Амирони Темурӣ ҳазор навкарони мусаллаҳ доштанд. Восифӣ дар ин бора менависад: «Вай ҳазор навкарони мусаллаҳ ва мукаммал дошт» [22, с. 486].

Навкарон дар хизмат дар дарбори амирону хон ва бекҳо қарор дошта, сарбозон номида мешуданд. Онҳо барои ҳаққи хизматашон аз хуҷаинони худ маҳсулот ё пӯл мегирифтанд. Навкарон сарчашмаи пур кардани лашкари Темуриён ба шумор мерафтанд. Дар ҳолатхои ҷанг ва шикаст, навкарон ба сардорони худ хиёнат карда, баъзан ба тарафи

душман мегузаштанд ё майдони ҷангро тарк мекарданд. Онҳо ба дастаҳои сарбозони пиёда ва тупчӣ тақсим шуда, аз қисмҳои хурди даҳбошӣ, панҷакошӣ, нимдаста–қараулбегӣ иборат буда, ба онҳо юзбошӣ ва ишикбошӣ–бий сардорӣ мекарданд.

Дар қӯшуни амир барои сарварии лашкар ду мансаб лашкарбошӣ ба пиёдааскарон ва тупчибошӣ ба таҷҳизоти техникии чархи ҳаракаткунанда ҷорӣ карда шуда буд. Дар лашкари доимӣ бошад, ҳамчунин, вазифаи муфтии аскар ва қозии аскар амал мекарданд, ки доимо дар байни ҷанговарон буда, вайронкунандагони тартиботро ба ҷавобгарӣ ва ҷазо мекашиданд. Сипаҳсолор пешоҳанги артиш ба шумор мерафт, ки дар асари Восифӣ дар як ҷой дучор омадааст. Қаровул дар асари Восифӣ дар як ҷой дучор гардидааст. Чунончӣ: «Дар рӯзи ҷанг дар талаби номус ва нанг мамотро бар ҳаёт муқаддам медоштанд, ба қаровулӣ савор шуданд» [22, с. 444].

Дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ» амир ва муқаррабони ӯро иҳотакарда тасвир гардидааст. Дар вақти ҳаракати амир дар ду тарафи роҳ одамон ба зону зада сар хам мекарданд. Амир савори асп пешопеши ӯ бошад, чор нафар шотир пиёдаи бо чӯбдастҳо мусаллаҳ буда ҳаракат мекард. Шотирҳо дар тан либосҳои танг пӯшида ба сарашон кулоҳи савсори нугдор, дар миён камарбанд мебастанд, ки ба атрофаш зангулаҳо овезон буд. Дар пояшон кафш пойсори афғонии бардӯзӣ пӯшида, ба соқи пойҳояшон пойбанди зангуладор мебастанд. Шотирҳо шахсоне буданд, ки пеш пеши подшоҳ мерафтанд.

Тайфур яке аз пайкҳо–шотирҳои султон буд. Султон ӯро чунон ороста буд, ки ҳар ки бинад, дар ҳайрат меафтод, чиҳил занги заррини мурассаъ ба ҷавоҳир ба даври камар, тоҷе мурассаъ ба гавҳар, ки бар қуббааш дастае аз шоҳпари мурғ шинонида буданд, бар сар  ва либоси танги зарбофт дар бар дошт ва султон ӯро бисёр дӯст медошт. Пешопеши шотирҳо (тезгардон) ду нафар удайчӣ мудири тафтишот медавиданд. Мудири тафтишот яке аз аркони дарбор буда, ба иҷрои маросимҳои дарборӣ роҳбарӣ мекард. Аз паси удайчиҳо марди савори

асп ҷома бар тан ва як савори дигари ба росту чап таъзимкунон, ки шиғавул ном дошт, меомад.

Дигар мансаби дар давлати Темуриён мавҷуд буда, бек ба шумор мерафт, ки дар асари Восифӣ дар 16 ҷой дучор омадааст. Унвони бек аз тарафи амир барои дар итоат нигоҳ доштани баъзе аз ноҳияҳои дур ва сарварии онҳо таъйин карда мешуд. Дар сари ҳар як бекигарӣ бек меистод, ки намояндаи махсуси амир ба шумор рафта, ҳокими мустақил маҳсуб меёфт. Дар маҳалли худ ҳама коргузориҳо ба мислӣ: таъйини мансабҳо, ҷамъоварии андоз ва ғайра аз бек вобастагӣ дошт. Машҳуртарин ҳокими Машҳад Айнулқуззот ва ҳокими Сабзавор Нурулқуззот ба шумор мерафтанд. Дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ» бек зикр гардидааст, ки «садр арздоште навишт ва ба пеши Яъқуббек фиристод». Дар назди идораи бек мансабдорони зерин: девонбегӣ, мирзо ё муншӣ, миршаб ё қурбошӣ, амин ва пайгирчӣ қарор дошт [22, с. 611].

Дар бораи мансаби доруға Зайниддини Восифӣ чунин ишорат намудааст: «Султон Ҳусайн Мирзо ҳар гоҳ ба сафар мерафт Мирзо Шоҳғарибро ба ҷои худ доруға мегузошт. Доруға аслан вожаи муғулӣ буда, назоратчӣ, ҳокими шаҳрро ифода мекард. Доруға мансабдоре буд, ки ба гирифтани рӯйхати аҳолӣ ва ситонидани миқдори муайяни андозғундорӣ машғул буд. Дар шаҳри Ҳирот мансаби доруға мавҷуд буд.

Дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ» доир ба сохтори низоми давлатдории сулолаҳои Темуриён ва Шайбониён маълумоти пурарзише мавҷуд аст. Давлати Шайбониён аз амлокҳо иборат буд. Амлок меросӣ буда метавонист. Дар сари ҳокимият хон меистод. Дар сулолаи Темуриёну Манғитҳо сардори давлатро амир меномидагӣ шуданд. Аъзоёни хонаводаи хониро султонҳо меномиданд.

Восифӣ тарзи дар атрофии хон ҷойгиршавии мансабдорони давлатиро дар сулолаи Шайбониён возеҳ тасвир намудааст. Тибқи омӯзиши унвон ва мансабҳои давлатӣ маъмурии сулолаи Шайбониён аз чап ба рост нақиби олӣ қарор дошт, ки ӯ ҳатто аз шоҳзодагон ва

ҷонишинону вориси подшоҳ боло меистод. Пешвоёни қабилаи ӯзбакӣ: дурмон, қӯшчӣ, наймон ва қунғурот, атолиқи бузург, уғлонҳо маҳсуб меёфтанд.

Дар тарафи рост фармоннавис, шайхулислом, қозии бузург, хоҷагони нақшбандӣ, ҷойгоҳи садр, қозии аскар аълам–муфтӣ, раис, ки вазифаи политсияро иҷро мекард қарор дошт. Дар аҳди Шайбониён ба муқобили тахти подшоҳ аз рост шахсони мартабаашон поёнтар дар ду саф ҷойгир буданд. Аз чап ба рост ясавули хонӣ. Ясавул туҳфаву пешкашҳои салотин ва шоҳзодагонро қабул намуда, маърӯзаи онро ба самъи амир мерасонд, эшик–оғо бошӣ–сардори посбонон, мирохӯр (сардори саисхона), шиғавул (сардори маросимҳои дарборӣ), мирзобошии олӣ, хазиначӣ; девонбегӣ (сардори девон), мудири девонҳои хонигӣ ва мутасаддии харҷу дахл. Дар паси тахти подшоҳ қурчиёни хос (муҳофизони шахсӣ) ва иччиёни анҷуман (хизматгорони дарбор) меистоданд. Сардори муҳофизонро қурчибошӣ меномиданд [133, с. 145].

Шахси дигар наздики ҳокимро «ёсовулбошӣ» мегуфтанд, ки сардори муҳофизони шахсии ҳоким дар назди мирҳо ёсовулбошӣ буда, аз мардуми ӯзбекҳо таъйин карда мешуд. Ӯ дар Қаротегин ҳамроҳ бо мир меомад. Ёрдамчиёни ёсовулбошӣ қароулбегӣ ё ин ки мирохӯр буданд, ки дар якчанд мулки хоҷагии ба онҳо вобаста назорат мекарданд. Ҳамчунин, дар қалъа мансаби дигари «қур–бошӣ» амал менамуд, ки мудири курхонаро пеш бурда, нақши коменданти қалъаро иҷро мекард. Ба ӯ бевосита «лавундбошӣ» тобеъ буд, ки якчанд хидматгор дошт. Қурбошӣ дар ихтиёраш то 10 мулки хоҷагӣ, лавундбошӣ 3–4 мулки хоҷагӣ ва лавундҳои одӣ бе амал 1–2 мулки хоҷагӣ доштанд. Дар назди мир ҳамеша 15–20 нафар одамони наздикаш аз пайвандону наздикон қарор дошт, ки онҳоро «шогирдпеша» номбурда, аз ҳисоби онҳо ясавулҳо ва ноиб (волӣ) амлокдорон таъйин мекарданд [53, с. 133].

Ба ғайр аз ин воҳидҳои дарборӣ, ҳамчунин, судяи асосӣ–«қози калон» ва шахси махсуси хайрхоҳи аҳолӣ–«раис» амал мекарданд. Ҳар

дуи онҳо мансабдорони бузург буда, дар деҳотҷойҳо ҳокимияти шахсии маъмурӣ доштанд.

Вобаста ба ҷамъбасти зербоби дуюми боби дуюм мо ба чунин хулоса омадем:

Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ва заминаҳои пайдоишу ташаккули осори илмӣ–таърихӣ дар асри XVI дар баргузории маросими дафн дар байни аҳолӣ урфияти исломӣ амал мекард, аммо дар байни халқияту, мазҳабҳо дар иҷроиши ин маросим фарқияти ҷузъӣ дида мешуд. Дар вақти омӯзиши асари мазкур мо аз ҳаёти халқи тоҷик дар ибтидои асри XVI воқиф гардида, ба расму оин, урфу одат ва хусусиятҳои ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти он давра шиносоӣ пайдо карда, маълумоти заруриро нисбат ба таъриху фарҳанги ниёгон дастрас намудем. Таъсир ва нуфузи унвону мансаб, вазифа ва мартабаҳои гуногуни динӣ дар давлатҳои Темуриёну Шайбониён нақши устувор дошт.

Дар баробари унвону мансабҳои динӣ унвону мансабҳои маъмули маъмурӣ дар кори идораи ҳокимият, ҳамзамон унвону мансабҳои дигари маъмурӣ ба мислӣ: кутвол, ясовул, саис, доруға, додхоҳ, қосид, мир, сарҳанг, хоқон, тархон, сипаҳсолор, вакил ва амсоли онҳо амал мекард, ки ба ҷиҳати иҷрои вазифа фармонҳои вазиру бегҳоро ба иҷро мерасониданд. Девони додрасӣ барои барқарор намудани адлу адолат, устувории тартиботи ҳуқуқӣ, ҷорӣ намудани тартиботи ҷамъиятӣ дар кишвар нақши хешро мегузошт.

Дар маҷмуъ, зимни баррасии таҳқиқ ва таҳлили боби дуюм чунин натиҷагирӣ намудем:

Новобаста аз мушкилот ва мураккабии авзои сиёсии замон дар қаламрави вилоятҳои Хуросону Мовароуннахр дар замони ҳукуматдории Темуриён маҳфилҳо ва ҷамъиятҳои илмию фарҳангӣ ба таври васеъ дар дарбори ҳокимон, масҷиду мадрасаҳо, хонаҳои аҳли илму фазл, дуконҳои ҳунармандон, бозору хиёбон ва растаҳои алоҳида фаъолият менамуданд. Дар ин давраи таърихӣ ҳавзаҳои адабию фарҳангии Хуросону Мовароуннаҳр марҳалаи рушдро сипарӣ мекард.

Пас аз хатми мадраса Восифӣ дар дарбори ҳокимони Шайбонӣ котиби хусусӣ шуда хизмат намудааст. Ба пешаи муаллими машғул шуда, чанде аз фарзандони Сиюнчҳоҷахонро тарбия додааст. Зайниддини Восифӣ дар ҳамин давра аллакай ҳамчун воқеанигору муншии машҳур шинохта шуда буд. Умуман, ибтидои асри XVI ба сифати як давраи мушахасси таърих дар қаламрави вилоятҳои Хуросону Мовароуннаҳр барои офаридани асари таърихӣ ба мисли «Бадоеъ–ул–вақоеъ» шароит ва заминаҳои ниҳоят мусоид фароҳам гардидааст. Зайниддини Восифӣ тавонистааст, ки аз худ асари «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–ро бароиояндагон ба мерос гузорад.

Дар ин давра, бар асари ҳамлаҳои харобиовар ва истилои шаҳри Ҳирот аз тарафи шоҳ Исмоили Сафавӣ соли 1510 доира ва ҳавзаҳои илмӣ пароканда шуданд. Зайниддини Восифӣ ба таъқиби пайравони мазҳаби шиа гирифтор шуд. Тӯдаи сафавиёни ифротӣ бо сарварии шоҳ Исмоили Сафавӣ мардумро ба кофару мусулмон ҷудо карда, низоъи миллию мазҳабиро дар шаҳри Ҳирот бармеангехтанд. Дар натиҷа дар ҷомеа бенизомию нооромӣ ба амал омада, одамони зиёде қурбони ин дасисаҳои байнимазҳабӣ гардиданд.

Дар тасвироти Восифӣ, ки дар асари ӯ инъикоси худро ёфтааст, бештар намунаи низоъҳои динию мазҳабӣ (байни ду мазҳаб шиа ва суннӣ) ҷойгоҳи хоссаро касб намудааст. Дар асри XVI ин низоъҳо ба дараҷаи олии хеш бо ҳам бархӯрд карданд. Ин низоъҳои мазҳабӣ ба сари мардумони вилояти Хуросон фоҷеаҳои азиму сахти таърихӣ ба бор оварда, ба пешравию инкишофи ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ, илмию фарҳангӣ ва хоҷагии онҳо таъсири манфии хешро расонидаанд.

Осори таърихии «Бадоеъ–ул–вақоеъ» ба сифати сарчашмаи этнографӣ масъалаҳои гуногуни маҷмуи муносибатҳои иҷтимоии замон, урфу одатҳо ва маросимҳои мардумӣ ва исломиро, ки хоси мардуми ин сарзамин буд, таҷассум намудааст. Маълум мегардад, ки дар ба амалбарой ва иҷроиши маросимҳо дар байни халқият ва мазҳабҳо

фарқияти ҷузъӣ дида мешавад. Маросимҳо аз ҷиҳати моҳият ифодагари ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти мардумони ин сарзамин мебошад.

Омӯзиши унвону мансабҳои динию маъмурии мардуми тоҷик ҷанбаи дигари меҳварии асари мазкур ба шумор меравад. Дар заминаи таҳлил ва хулосагириҳои асарҳои илмии олимони варзидаи замони шуравӣ ва муосири тоҷик нақш ва устувории мақоми мансабҳои зиёди динию маъмурии мардумӣ дар кори умури идораи давлат ва ҳокимияти аҳди Хуросону Мавороуннаҳр, ки хоси он замон буд ва мақому мартабаи худро доштанд, ба сифати намуна нишон дода шудаанд.

Дар вақти омӯзиши «Бадоеъ–ул–вақоеъ» мо як қатор унвон ва мансабҳои маъмуриро ки дар асрҳои миёна хеле маъмул буданд, аз қабили амир, муҳрдор, садри аъзам, сипаҳсолор, девонбегӣ, мирзобошӣ, мир, миршаб, мирохӯр, қараулбегӣ, бий, хоқон, додхоҳ, инок, аталиқ, ясовул, қосид, кадхудо, доруға, навкар, вакил, пайкӣ, муставфии девон, осафҷоҳ (назоратчии бино), кутволи қалъа (коменданти қалъа), бек (ҳокими музофот ё вилоят), удайчӣ (мудири тафтишот) ва монанд ба инҳоро дучор омадем. Ҳар як унвон ва мансабҳои дар боло зикргардида ба самтҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа, аз ҷумла, боҷситонӣ, андозситонӣ, молиёт, артиш, тартиботи ҷамъиятӣ, роҳу об, хабаррасонӣ ва ғайра фаъолияти худро нигаронида буданд.

Омӯзиши унвону мансабҳои динию маъмурӣ дар асоси асари Восифӣ «Бадоеъ–ул–вақоеъ» нишон дод, ки дар асрҳои XV ва XVI онҳо ба таври хеле зиёд мавҷуд буда, ҳар яке дар самти фаъолият, коргузорӣ ва корбарии дохили қаламрави мамлакат вазифаҳои хешро пеш бурда, амалҳои муайянеро ба сомон мерасонид.

# БОБИ 3. «БАДОЕЪ–УЛ–ВАҚОЕЪ» ҲАМЧУН САРЧАШМАИ ТАЪРИХӢ–ЭТНОГРАФИИ АСРҲОИ XV–XVI

## 3.1. Инъикоси ҳаёти меъморӣ ва ҳунармандӣ дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ»

Роҷеъ ба ёдгориҳои санъати меъмории мардуми Хуросон ва Осиёи Миёна дар асри XVI маълумоти «Бадоеъу–лвақоеъ»–и Зайниддин Восифӣ, ҳамчун сарчашмаи таърихӣ арзиши баланд дорад. Мардуми эронитабор, ки дорои таъриху фарҳанги муштарак мебошанд ва аз лиҳози ҷуғрофӣ ҳамоҳангӣ ва ҳамхунии усулӣ доранд, дар ташаккули санъати меъмории мардумӣ, маводи сохтмонӣ саҳми арзанда гузоштаанд.

Дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Восифӣ сухан дар хусуси ёдгориҳои меъмории тоҷикон меравад, ки он аз ҳунари меъморӣ ва лоиҳакашии гузаштагони мо дарак медиҳанд. Мо онҳоро аз диди хеш чунин тақсимбандӣ намудем: биноҳои маъмурӣ, динӣ, иҷтимоӣ, хоҷагӣ ва фарҳангӣ.

Биноҳои маъмурӣ: ба биноҳои маъмурӣ мадраса, манора, қалъа, девонхона, корвонсарой, работ, зиндон, маҳкама, миршабхона, қаср, қасобаҳо дохил мешаванд.

Биноҳои динӣ: ба ин намуди биноҳо масҷид, мазор, мақбара, чиллахона, хонақоҳ, хонаҳо ва ҳуҷраи мадрасаҳо дохил мешуд.

Биноҳои иҷтимоӣ: гармхона, болохона, ҳаммом, ишратхона, шаробхона, сардоба, хайма, кушк, хиргоҳ, ҳарам, бом, китобхона, бурҷ, сарой, майхонаҳо шомили ин намуд биноҳоянд.

Биноҳои хоҷагӣ: ба ин намуди биноҳо анҷомхона, ҳезумхона, ганчинахона, амборхона, долон, ҳавлӣ, хона, хайма, суфа, ҳуҷра, сароча, айвон, қазнок, ҳавз, ҳочатхона, тоқ, чуғулхона, болохона, оғилхона, саисхона, ахтахона, ҷомахона, обгинахона, меҳмонхона, кафшгоҳ, ошхона дохил мешуд.

Биноҳои фарҳангӣ: биноҳо боғҳои беруни шаҳрӣ, тарабхона, маҷмааҳои варзишӣ, осорхона, ҳавзҳои шиноварӣ, чойхонаҳо ва монанди инҳо ба намуди биноҳои мазкур мутааллиқанд.

Дар сохтани бино истифодаи хишти пухта мавқеи асосӣ дошт. Баъзан дар бинокорӣ ҳам хишти хом ва пухтаро дар як вақт ба кор мебаранд. Масалан, девори биноро аз хишти хом ва гунбади онро аз хишти пухта месозанд.

Дар замони мавҷудияти давлати Темуриён дар қаламрави Хуросону Мовароуннаҳр сохтмони иморатҳо авҷ гирифта буд. Ба андешаи мо дар меъмории ин давра ҳотамкории рангу ба ранг бештар ба назар намоён буд. Хиштҳои қошинкорӣ нақшҳои зебо ва рангҳои кабуд, сафед ва нилобӣ ва нақшҳои бо усули кундал кашидашуда дар ороиши биноҳои ин давра аз санъати ҳунармандӣ гувоҳӣ медод. Масолеҳи асосии иморатсозӣ аз гил, хиштҳои хому пухта ва чӯб иборат буд. Дар иморати қасрҳо нақшу нигор ва тасвири муҳорибаҳою ҷашнҳои дарбориён бештар дида мешуд.

Маркази давлати Темуриён шаҳри Ҳирот ва шаҳри Самарқанд марказҳои асосии ободониву маъмурӣ қарор доштанд, ки иморатсозӣ дар онҳо бештар ба назар мерасид. Бояд ибрози андеша намуд, ки сулолаи темуриён ба сохтмони бозорҳои болопӯшида, мадрасаю масҷид, китобхона, ҳаммом, мақбара, пулу корез, боғу бустонсарой ва роҳҳо диққати бештар медоданд. Иморатсозӣ дар шаҳрҳои Ҳирот, Сиистон, Балх, Кобул, Марв, Бухоро, Самарқанд, Уротеппа, Тошканд, Сайрам, Саврон ва шаҳрҳои дигар авҷ гирифта буд. Дар бораи бурҷ Восифӣ чунин менависад: «Фақир шунидам, ки дар сари хиёбон, дар гирди бурҷи дарвеш Мунис, ки буруҷи мушайядаи афлок аз шарми ӯ дар кунҷ ва буруҷи сипеҳр мухтафӣ гаштаанд» [22, с. 4].

Бурҷ бинои манорашакли мустаҳкамест дар гӯшаҳои қалъа ва ҳисор аз гил, хишт ва санг сохта мешавад. Ҷой барои қаровул, ё нишони махсуси роҳ хизмат мекард.

Яке аз намунаҳои санъати меъмории ин давра қалъа ба ҳисоб меравад. Восифӣ дар бораи қалъаи Ихтиёруддин маълумот дода, менависад, ки дар канори оби Мурғоб ҷойгир буд. Дар ёддоштҳо баён шудааст, ки Восифӣ ҳамроҳ бо падараш дар вақти қатли Низомулмулк

ва фарзандони ӯ дар қалъаи Ихтиёруддин иштирок намудааст. Калъаи Ихтиёруддин ҷойи нигоҳ доштани маҳбусон ба шумор мерафт.

Дар асри XVI шаҳри Бухоро қалъаҳои зиёд вуҷуд дошт. Восифӣ дар ин бора чунин менависад: «Чун ба қалъаи Бухоро расидем, шаҳри дидем, ки рафъату баландии бораи шаҳр ба мартабаест…» [22, с. 231].

Дар гузашта ҳар як шаҳр қалъаи худро дошт, ки дар ҳимояи мамлакат нақш мебозид. Ҳамчунин, дар ҳолатҳои зарурӣ ҷойи пинҳоншавии аҳлу аёли ҳокимон хизмат мекард. Дар вақти ҳуҷуми Шайбонихон ба шаҳри Ҳирот Хадичабегим–модар ва аҳлу аёли Музаффар Ҳусайн Мирзо дар қалъаи Ихтиёруддин паноҳ мебаранд. Шаҳри Ҳирот аз қалъаи Ихтиёруддин ва Найарат иборат буда, дорои зиндонхона, таҳхона ва роҳравҳои тангу торик буд. Девори гирдогирди қалъа баланд аз хишти пӯхта бо омехтаи гилмоя бино сохта, аз якчанд сурохӣ иборат буд. Ин сурохиҳо нақши тиркашҳоро иҷро мекард. Дар манораи қаср аскарони мусаллаҳ қарор мегирифтанд.

Дар бораи қасрҳо маълумоти Восифӣ ҷолиб аст. Яке аз қасрҳои зебои шаҳри Ҳирот қасри Тарабафзо ном дошт, ки дар боғи Ҷаҳоноро воқеъ буда, ҷои қабули меҳмонон ва вохӯрии ҳокимони темурӣ бо аҳли ҳунар ба ҳисоб мерафт. Дару тирезаҳои қаср бо намуди арк сохта шуда, дар дохилаш хонаҳои зиёд, ибодатгоҳ, хонаи хоб, ошхона ва хонаҳои корӣ ва айвонҳоро дучор омадан мумкин буд. Баъзеи онҳоро бо панҷараҳои оҳанӣ ороиш медоданд.

Дар замони мавҷудияти ҳокимияти темуриён дар даргоҳи султонӣ ҷомахона ҷое буд, ки тамоми мансабдорон пас аз ба вазифа расидан ба он ҷо рафта либоси ба он вазифа муносибро ба бар мекарданд.

Дар бораи масҷид ва тарзи меъмории он маълумоти Восифӣ хеле муҳиманд. Дар шаҳри Ҳирот яке аз намунаҳои санъати меъмории асри XVI масҷиди ҷомеи Маликон ва масҷиди Гавҳаршод мебошад. Дар бораи масҷиди ҷомеи Ҳирот Восифӣ чунин менависад: «Баъд аз адои салавоти ҷумъа дар сари суфаи мақсура ҷамъе аз шуаро ва фузало, ки

чашми рӯзгор назири эшон ҷуз акси эшон дар оинаи сипеҳр надидӣ…». [22, с. 136].

Бунёди иморати масҷиди ҷомеи Ҳиротро Восифӣ бо ибтикори Навоӣ алоқаманд иборат медонад. Аз ҷумла: «…дар вақте, ки Амири Кабир Амир Алишер, раҳматуллоҳи алайҳ иморати масҷиди ҷомеъи Ҳиротро ба итмом расонида буданд» [22, с. 209].

Дар пештоқи масҷидҳо навиштаҷоти форсӣ ва арабӣ дида мешуд. Аз ҷумла: Саид Ихтиёриддин Ҳасан ду торих фармуда буданд: яке арабӣ ки бар китфи шимоли айвони мақсура сабт ёфта, дигаре форсӣ ки бар пеши тоқи айвон марҳум гардида ва ҳар ду торих. Тибқи маълумотҳои Восифӣ шаҳри Самарқанд низ дорои масҷиди ҷомеъ буд: «Вақти намози ҷумъа Убайдуллохон бо ҷомеи акобир ва аолӣ ва ашрофи Самарқанд ба масҷиди ҷомеъ ҳозир омаданд». Дар бораи шаҳри Самарқанд Восифӣ менависад: «Бозорҳои ӯ монанди рӯйи арӯсон ороста» [22, с. 44].

Дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Восифӣ дар бораи дигар санъати меъмории маъруфи ин давра масҷиди Гавҳаршод низ маълумот дода шудааст. Тибқи маълумоти адабиёти илмӣ масҷиди Гавҳаршод дар қисми шимолу шарқии шаҳри Ҳирот ҷойгир буда, аз хишти пухта бино ёфтааст. Ин масҷид чор айвони бузург ( бо чор манораи баландиаш 25 м.), панҷ дарвоза, 460 гумбаз ва чандин мадраса дорад [132, с. 181].

Омӯзиши санъати меъморӣ нишон дод, ки мадрасаҳоро тавре бино месохтанд, ки аз чор тараф айвонҳои бузург иҳота намудаанд ва саҳни мадраса мармарфарш буда, дар васаташ ҳавзи калон ҷой дошт. Дар сохтмон, пеш аз ҳама, мавқеи ҷойгиршавӣ, таъмини системаи обтаъминкунӣ, амният ва дигар омилҳо ба инобат гирифта мешуд. Ҳамаи амалҳои сохтмонӣ бо қувваи даст ба иҷро мерасид. Масолеҳи сохтмонӣ аз хишти хом, пухта, чӯб, болору васса ва наю бурё иборат буд.

Масҷиди Гавҳаршод ёдгории беназири меъмории асри XV дар шаҳри Ҳирот буда, бо фармони Гавҳаршод (зани Шоҳрух) аз ҷониби меъмори машҳури Хуросонӣ Қавомуддини Шерозӣ солҳои 1418-1438 сохта шудааст. Вай ансамбли меъмории мукаммалест, ки аз масҷиди

калон–намозгоҳ, мадраса ва мақбара иборат буда, бо номи масҷиди Гавҳаршод маъруф гаштааст. Дар мақбара худи Гавҳаршод бо дигар аҳлу аёли ин хонадон дафн шудаанд. Баъдтар дар паҳлуи ин ансамбл мадрасаи Ҳусайн Бойқаро бино мегардад.

Мақбараи Гавҳаршодбегим 106 х64 м. (ҳавлиаш 52 х 49 м.) андоза дошта, аз пештоқи баланди даромадгоҳ, 4 айвон, 8 манора ва роҳрави ду ошёна, ки давродаври ҳавлиро иҳота кардааст, иборат мебошад.

Мадрасаи дуошёна аз ҳуҷраҳои зиёд иборат буд. Манораи бино мудаввар буда, болои пойдевори қиррадор сохта шудаанд ва се қабат марзаҳои қамарии муқарнас доранд. Манораи Гавҳаршод яке аз балантарин манораҳо дар шаҳри Ҳирот буда, бинобар маълумоти Восифӣ қуббаи гулдастаи манора аз мис сохта шудааст. Анъанаи сохтани манораҳо дар ин давра дар шаҳри Ҳирот хеле интишор ёфта буд. Мақбараи Гавҳаршод дар яке аз толорҳои даромадгоҳи мадраса ҷойгир буда, бо нақшу нигори рӯйкашҳои қошинкорӣ оро ёфтааст. Дар сохтмони он ба ғайр аз Қавомуддин меъмор Имомуддин, наққошон Хоҷа Миралии Ҳиравӣ ва Хоҷа Мираки Ҳиравии Ҳиротӣ иштирок намудаанд.

Тибқи маълумоти Восифӣ дар шаҳри Ҳирот дар асри XVI чунин мадрасаҳо буданд: Шайхулислом, Амирфирӯзшоҳ, Султон Ҳусайн Мирзо, Қози Нуриддин, Амир Валибек, Мирзо Шоҳрух бинни амир Темури Кӯрагон, Гавҳаршодбегим, Ҳусайн Бойқаро.

Аз маълумоти Восифӣ бармеояд, ки дар ҳудуди Осиёи Миёна чунин мадрасаҳои машҳур қомат афрохта буданд: хони шаҳид Сайид Улуғбек Кӯрагон (Самарқанд), Хоҷа Убайдуллоҳи Аҳрор ( Тошканд), хони шаҳид Муҳаммад Шайбонихон (дар чорсӯи Самарқанд), Мавлоно Хоҷагӣ ва дигарон.

Таҳлил нишон дод, ки асри XVI давраи нави равнақи шаҳрсозӣ ва бунёди биноҳои боҳашамат дар таърихи меъмории халқи тоҷик мебошад. Ба андешаи Бобоҷон Ғафуров «хусусан сохтмони биноҳои

маъмурӣ, хоҷагӣ ва маданию маишӣ вусъати зиёде пайдо намуд, ки ин яке аз ҷиҳатҳои хоси ин давр ба шумор меравад» [31, с. 45].

Устод Бобоҷон Ғафуров дар бораи маданияти моддии халқи тоҷик дар замони Темуриён маълумот дода, оид ба яке аз шоҳкориҳои санъати меъмории ин давра бо номи  ансамбли меъмории Чорбакр чунин навиштааст: «Ансамбли меъмории Чорбакр, ки дар наздикии Бухоро воқеъ аст, боз ҳам бузургтар мебошад. Маркази композитсионии онро се иморати бо ҳашамати дар як суфа  гузошташуда хонақо, масҷид ва айвони пайвасткунандаи онҳо, ки аз ду тарафи он дар ду табақа ҳуҷраҳо сохта шудаанд, ташкил менамояд» [29, с. 544].

Дар усули меъмории ин давра нисбат ба давраҳои гузашта, як қатор дигаргуниҳо ва навовариҳоро мушоҳида кардан мумкин буд, ки асоситарини он тағйир ёфтани шакли ҳаҷму гунбаду қуббаҳои биноҳо буд [86, с. 178].

Ба андешаи мо, дар ин давра дар бунёди биноҳои ҷамъиятӣ аз иморати масҷиду мадрасаҳо як фарқият ба назар мерасид. Масҷид ин ҷои тоат ва ибодати мусулмонон ба ҳисоб рафта, дар он инчунин адабиёти динӣ вуҷуд дорад, ки баъзе масъалаҳои диниро онҳо байни худ таҳлил намуда ба ҳамдигар баррасӣ менамоянд. Бунёди масҷидҳо дар шакли меъмории замон сохта шуда, дорои  гунбази махсус буда ва дар болои он нишони мазҳабии мусулмонон моҳ дар доираи нопурра тасвир ёфта, гузошта мешуд.

Муҳаққиқ Н. Ф. Гулянитский дар бораи сохтмонҳои  меъмории ин давра навиштааст: «Миёни иншоотҳои асрҳои XIV–XV мавқеи муҳимро мадрасаҳо ишғол менамуданд, ки барои додани донишҳои олии динӣ хизмат менамоянд. Набеараи амир Темур Улуғбек дар Самарқанд мадраса бунёд карда, заминаи пайдоиши комплексҳои мавҷуда бо номи Регистон–мадрасаи Улуғбек (с. 1417 – 1420), мадрасаи Шердор (соли 1636 анҷомидааст) ва мадрасаи Тиллокорӣ (с. 1646–1660) –ро асос мегузорад» [34, с. 195].

Санъати меъмории давраи Темуриён бо хусусиятҳои фарқкунанда ба назар мерасид. Бештар дар санъати меъмории аҳди темурӣ сохтани гунбаз ва қуббаҳо дар иморатҳои давраи асрҳои миёна ба ҳукми анъана даромада буд, ки инро Н.Ф. Гуляницкий дар меъмории асри XVI ба нуқтаи кулминатсионӣ расида нишон додааст

Аз рӯйи маълумоти «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Восифӣ дар шаҳри Ҳирот дар дарбори Шоҳрух китобхонаи бузурге мавҷуд буд, ки дар он беҳтарин хаттотон, лаввоҳон, саҳҳофон, мусаввирон ҷамъ омада буданд.

Масҷид дар асари Восифӣ «Бадоеъ–ул–вақое» дар 44 ҷой дучор мегардад. Зайниддин Восифӣ дар ин бора чунин менависад: «Алқисса бо вай ҳамроҳ шуда, ба мазори султони Хуросон рафтем ва дар даруни масҷиди ҷомеъ поёбест, ки мардум он ҷо вузӯъ месозанд» [22, с. 377].

Дар асри XVI масҷидҳо дар қаламрави Хуросону Мовароуннаҳр аксаран дар маркази шаҳр сохта мешуданд ва пайравони дини ислом дар дохили он ба тоату ибодат машғул мешуданд. Масҷидҳои маъруфи ин давра тавре ки Восифӣ маълумот медиҳад, масҷиди ҷомеи Ҳирот, масҷиди маликони Ҳирот, масҷиди имом Абумансури Мотиридӣ, масҷиди ҷомеи Самарқанд ва масҷиди Бозори Атторон ба шумор мерафт. Масҷиди ҷомеъ ё ин ки панҷ вақта ва масҷидҳои одии як вақта амал менамуданд. Масҷидҳои биношуда аз манора ё худ ҷои азон гуфтан, ки дар баландии 30 метр, меҳроб ҷои саҷдаи имом ва минбар барои амри маъруф ва наҳй аз мункар, чиллахона ва ҷанозагоҳ, таҳоратхона ҷой барои шустани сару тан–вузӯъ кардан, ҳоҷатхона дар беруни саҳни ҳавлии масҷид иборат буд.

Зайниддин Восифӣ, инчунин, дар бораи хона ва масолеҳи сохтмонӣ аз гил, чӯб ва ғайра маълумоти зарурӣ медиҳад. Девори хонаро аз гил, хишти хом ва пухта бино месохтанд. Хонаҳои мардуми тоҷик шакли мураббаъ дошта, иборат аз ду се, чор ҳуҷраи алоҳида буд. Дар маркази яке аз ҳуҷраҳо сандалӣ ҷойгир буд, ки дар болояш аз чӯб чорпоя ва ё курсӣ сохта мегузоштанд. Баъзан дар болои ин курсӣ чодареро партофта, аҳолӣ нишаста тафӣ медоданд.

Болопӯши ин кулбаҳо аз ғулачӯб ба таври тоқ 5 ё 7 то мегузоштанд. Дар болои ғулачӯб навдаҳои дарахти шулашро давонида, аз болои он пахоли шолӣ, зағер ва ё қамиш гузошта, рахт андова мекарданд. Каме гил, коҳ ва обро ба воситаи олоти меҳнати дастӣ каланд омехта андова мекарданд. Ин омехтаро ду–се рӯз нигоҳ медоштанд, то ин ки турш шавад. Ду се нафар ин омехтаро ба зарфҳо кашида, фарш, девор ва боми кулбаро рахт мекард. Хонаҳо бештар ба таври харпӯш бино гардида, обаш ба ду ҷониб мешорид.

Толори меҳмонпазирой даҳлез ном дошта, ки ҷузъи асосии меъморӣ ба ҳисоб мерафт. Хона аз айвон ва пешайвон иборат буд. Айвон қисми пеши биноро меноманд, ки ҳамчун нишастгоҳи тобистона хизмат мекард. Хонаҳои мардуми одӣ аз суфа ва ҳавз иборат буд. Суфа дар саҳни ҳавлӣ бо андозаи гуногун аз гил сохта мешуд. Суфаро бо омехтаи гил ва коҳ рахт карда, дар фасли гармо дар болои он шабу рӯз истироҳат мекарданд. Дар фарши кулба аз най бурё бофта баъд гиламу намадро мепартофтанд. Ҳавз бошад, аз санг сохта шуда, дар он гулоб ва гулқанд тайёр мекарданд.

Ишратхона бо номи доруллутф ё хароботи шаҳри Ҳирот маълум буд. Дар ин ҷо духтарон дар паси панҷара бо мусиқӣ, нушокӣ, хӯрок ва ҳуҷраи алоҳидаи ишрат варзидан мавҷуд буд. Восифӣ дар ин бора чунин навиштааст: «Рафта–рафта гузорам ба масраҳ афтод, ки он доруллутфи Хуросон ва хароботи шаҳри Ҳирот аст. Ва дар тамоми рӯи макон мисли он ишратхона ҳеҷ раванда ёд намедиҳад. Дар он ҷо ба кӯчае расидам, ки тӯлаш як мил буд. Аз ду ҷониб иморат буд, се ошёна ҳама муштамил ба дар ва панҷара ва тобадони тилло ва лоҷувард» [22, с. 973].

Восифӣ ҳамчун намояндаи бузурги таърихшиноси тоҷик тавассути «Бадоеъ–ул–вақоеъ» тавонистааст дар хусуси касбу ҳунар маълумоти мушаххасро дастраси баъдояндагон гардонад. Профессор А.Н. Болдырев низ дар таҳлил ва омӯзиши ин асар ба ин нукта такя намуда, менависад, ки «Ҳамин одамон–одамони одӣ ва беэътибори шаҳр, ки худи Восифӣ ҳам дар байни онҳост, қаҳрамонони ҳақиқии ёддоштҳои ӯ

мебошанд. Саргузаштҳои аҷибу ғарибӣ онҳо дар бозору хиёбонҳо, дар гузаргоҳҳое, ки сокинонашон мардуми одии шаҳр мебошанд, дар дӯконҳо, масҷиду мадрасаҳо ва ҳавлии мардуми одии шаҳр ба амал меоянд. Ёддоштҳои Восифӣ ягона асари адабиест, ки манзараҳои дурахшони ҳаёту маишати ҳаррӯзаи шаҳриёни охири асри XV ибтидои асри XVI тасвир менамояд» [22, с. 10].

Дар асрҳои миёна кишвари Хуросон шаҳрҳои Ҳирот, Нишопур, Астаробод, Бағдод, Машҳад, Сиистон, Исфаҳон, Марв ва кишвари Мовароуннаҳр шаҳрҳои Самарқанд, Бухоро, Кеш, Насаф, Қаршӣ, Тошканд, Шоҳрухия ва Оҳангарон, Ҳисор сераҳолӣ ва марказҳои ҳунармандӣ ба шумор мерафтанд. Мардумони ин шаҳрҳо ба касбу пешаҳои гуногун, аз қабили кӯлолӣ, чармгарӣ, оҳангарӣ, заргарӣ, сангтарошӣ, наққошӣ, сартарошӣ, бофандагӣ, рағзабофӣ, сабадбофӣ, тайёр намудани силоҳи ҷангӣ, олотҳои корию шикорӣ ва ҷарроҳӣ машғул буданд.

Дар шаҳрҳои ин давра маҳаллаҳои алоҳидаи ин ё он намуди касбу ҳунарҳоро мушоҳида намудан мумкин буд. Махсусан , дар ноҳияҳо ва қисмати зиёди деҳаҳо марказҳои ҳунармандӣ пайдо шуда буданд. Шумораи корхонаҳои ҳунармандӣ афзуда буд. Маҳз дар ҳамин давра институти махсуси устоду шогирд ва анъанаи махсуси устодию шогирдӣ ба амал омада буд, ин соҳаро дар доираи анъанаи худтанзим мекард.

Восифӣ дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ» ашёҳои зиёди ҳунармандӣ, ба мисли хум, кӯза, табақ, коса, қошуқ, табар, қайчӣ, корду шамшер, гурз, ханҷар, қамчин, зини асп, лаҷом, эзангу, кафш ва ғайра маълумот додааст, вале дар бораи корхона ё ҳунарманде, ки онҳоро офаридааст, маълумоте надодааст, исми чанд тан аз устоҳои номбардори шаҳри Ҳирот, ба мисли: Мири шонатарош, Хоҷа Муҳаммади сарроф, усто Ҳусайни мисгар, Хоҷа Миракои заргар, Ахии заргар, Султонмуроди заргар, Мир Шоҳмансур, Шайхи ҷарроҳ, Зайнулобидини шикастабанд ёдоварӣ гардидааст.

Аз чӯб кафлез ва чумча метарошиданд. Кафлез нисбати чумча калонтар буд. Чумчаро барои каф задани суманак, сангфатир, ки ба шӯрбо ва дигар намудҳои хӯроки обакии дар кӯҳистон истеъмолшаванда истифода бурда мешавад [116, с. 123].

Рушди касбу ҳунарҳои гуногун тақозои замон буд. Ҳар як касбу ҳунар мавқеъ, талабот ва бозори алоҳидаи худро дошт. Дар ҳар як шаҳр ва атрофу акнофи он дӯконҳои зиёди ҳунармандон мавҷуд буд. Касбу ҳунарҳои мардумӣ дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ» номбаршударо чунин гурӯҳбандӣ намудем:

1. Тайёр намудани ашёҳои кӯлолӣ ва чӯбтарошӣ: тағора, пиёла, табақ, хум, коса, қошуқ, қубури сафолӣ, хурма ва монанди инҳо;

2. Тайёр намудани олотҳои меҳнат: бел, шохин, каланд, сипор, табар, теша, қайчӣ, корду кордча ва амсоли инҳо.;

3. Тайёр намудани матоъ ва намаду гилем: гилем, карбос, суф, ҷувол, алоча, шоҳӣ, адрас ва монанд ба инҳо;

4. Тайёр намудани либосҳои занона ва мардона: ҷома, тоқӣ, фута, дастор, пӯстин, пироҳан, чакман, тунбон, кулоҳ, рӯймол, тагбанд, фаранҷӣ, карбос ва ғайра;

5. Тайёр намудани ашёҳои заргарӣ ва сангҳои қиматбаҳо: ашгуштарӣ, дастмона, гушвора, ҳалқа, лаъл, ёқут, забарҷад, зумуррад, марворид, тилло, ҷавоҳир, гарданбанди нуқрагин, қасоба ва дигар ҷиҳози арӯсӣ;

6. Тайёр намудани абзорҳои ҳайвонот: зин, лаҷом, наъл, эзангу, қамчин, мула, ҳайил, чиргӣ, ҷил, хурҷин, лаҷом ва монанд ба инҳо;

7. Тайёр намудани асбобҳои мусиқӣ: най, доира, даф, чанг, уд, табл, дуҳул, ғиҷҷак ва монанд ба инҳо;

8. Тайёр намудани ашёҳои баққолӣ–рангтайёркунӣ;

9. Тайёр намудани асбобҳои ҷарроҳӣ, шикастабандӣ, асбоб барои анҷоми хатна, дорутайёркунӣ, дандонпизишкӣ, момодоягӣ ва ғайр;

10. Тайёр намудани асбобҳои ришгирию сартарошӣ, пашми гӯсфандтарошӣ, дарахтбурӣ, дарахттозакунӣ;

11. Тайёр намудани сару либосҳои ҷангӣ: ҷавшан, зиреҳ, тоскулоҳ ва силоҳи ҷангӣ: табарзин, шамшер, корд, ханҷар, гурз, найза, камон, фалахмон, сипар, зиреҳ, занҷир, меххои оҳанини гуногунандоза.

Дар сарзамини Хуросон ва Мовароуннаҳр қавмҳои дигари этникӣ аз қабили лақайҳо, қунғуротҳо, қарлиқҳо, батошҳо, қаттағанҳо, қирғизҳо, муғулу қазоқҳо ва ғайра умр ба сар мебурданд, ки пешаҳои матобофӣ ва пахтагини тоҷиконро аз худ намуда, дар ҳаёт истифода мекарданд. Ҳамчунин, гурӯҳи этникии арабҳо ва лулиёни қаламрави Осиёи Миёна хусусиятҳои ҷудогии миллии хешро гум карда, оҳиста оҳиста ба тоҷикон ва ӯзбекҳо наздик шуданд.

Бисёр шаҳрҳо ба воситаи облулаҳои сафолӣ аз сарбанди дарё ва ҷӯйҳои дур бо об таъмин карда мешуданд. Аз маълумоти оварда маълум мешавад, ки лулаҳои обгузар диаметрашон зиёда аз 1 м. буданд. Дар шаҳри Ҳулбук пойтахти хатлоншоҳон облулаҳои диаметрашон 60–80 см. дарозӣ дошта, пайдо шуданд. Чунин облулаҳо дар ташновҳо болои ҳам гузошта шуда буданд [42, с. 32].

Дар асри XVI санъати кулолӣ дар қаламрави давлати Темуриён равнақ дошт. Кулолгарон ба воситаи чархи кулол аз хокаи махсус ашёҳои кулолӣ месохтанд. Дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ» дар ин бора чунин гуфта шудааст: «Мақсуди хаммор пешгири сиёҳе бар миён баста ва тоқияи гулгунро бар сари худ нимшикаста, дар пеши хум бода соф мекард». Мақсуди хаммор аз Шаҳрисабз омада, дар Пули Сафед шаробхона кушодааст [22, с. 286].

Дар ин давра зарфҳои кулолиро барои нигоҳ доштани равған, шароб, об, ғизоъ ва анвои зироатҳои гуногун истифода мебурданд. Куза нисбат ба хум хурд буда, миқдори ғунҷоишаш 1,5–2 литр ва кузаҳои калон ғунҷоишаш аз 5 то 7 литр об ё равған мебошад. Хум зарфи сафолини бе дастаи байзашакл, фароҳдаҳон буд. Андозаи ғунҷоиши хуми калон 150 литр ва хуми хурма 5–10 литр буд.

Оҳангарӣ. Ҳунари оҳангарӣ низ тибқи маълумотҳои Зайниддини Восифӣ дар шаҳрҳои Ҳирот, Сиистон, Самарқанд, Бухоро, Тошканд, Саброн тараққӣ карда буд. Устоҳои оҳангар бо лавозимоти корӣ: кӯра, сандон, путк, дам, болға амбур, гиро,чарх, обдон таъмин буданд.

Дар ин давра аз оҳан олоти гуногун месохтанд ва мо онҳоро дар вақти омӯзиши «Бадоеъ–ул–вақоеъ» хеле зиёд дучор омадем ва ба чунин гурӯҳҳо тақсимбандӣ намудем:

– олотҳои хоҷагии қишлоқ: корд, қайчӣ, табар, зиреҳ, занҷир, дос, бел, каланд, панҷара, мех, ҳалқа, арра, қулф;

– силоҳи ҷангӣ: шамшер, корди дудама, яккакорд, ханҷар, теғ, табарзин, найза, гурз, милтиқ, тири милтиқ, ҷавшан;

– асбобҳои мусиқии оҳанӣ: чанг, най, сурнай ва карнай, лабчанг;

– заргарӣ: дастпона, гӯшвор, ҳалқа, пойбанд, пешибарӣ ва ғайра.

Дар асри XVI санъати заргарии мардуми Хуросон низ пеш рафта буд. Онҳо тиллоро чунин шуста ба даст медароварданд: чаҳорчӯбаи аз навдаҳои борики бед омода карда, болояшро намад кашида, бо ин роҳ шустани реги тиллоро ба даст меоварданд. Дар баробари тилло ва нуқра истеҳсол ва коркарди сангҳои қиматбаҳои фирӯза, лоҷвард, ақиқ, лаъл, ёқут ва марворид авҷ мегирифт. Дар ин бора Зайниддини Восифӣ овардааст: «Дар он ҷо даҳ сандуқ буд, мо онҳоро кушодем. Панҷ сандуқ пур аз тангаҳои нуқрагин, ду сандуқ аз тилло ва якеи он пур аз кордҳои қиматбаҳои дастӣ, шамшеру ханҷарҳо буд. Дар ду сандуқи боқимонда лаълҳо, забарҷад, зумурад, ёқут, дурру марворидҳо буд» [20, с. 42].

Сангҳои қиматбаҳоро на танҳо дар маснуоти заргарӣ, инчунин, дар ороиши тахти амирони Темурӣ ва сару либос, аз ҷумла, ҷомаҳои шоҳон аз гиребон то ба доман ҷавоҳиркорӣ мекарданд. Тибқи маълумоти Восифӣ яке аз амирони султон Ҳусейн Мирзо амирҳоҷӣ Пир ном бақовул буд. Ӯ дар кӯчаҳо бо ҳашамати подшоҳона ба тахти равон

савор шуда мегашт. Ин тахти равони мурассаъ бо ҷавоҳири пурқиммат, ки машъали он офтоброро хира мекард, оро дода шуда буд.

Заргарӣ касби хеле нозук ва мушкил буда, заҳмати зиёдеро талаб мекард. Дар аҳди Темуриён баробари гулгулшукуфии заргарӣ аз ҳадди эътидол ва меъёри зебоипарастӣ берун рафтани он ба монанди дару панҷараҳои нуқракӯб ва зарандуд, нахлҳои тиллоӣ ва ғайра мушоҳида шудааст. Осори заргарии ин давр дорои услуби хос ва бадеияти баланде буд. Заргарон усулҳои рехтагарӣ, кандакорӣ, ҳаккокӣ, зарробӣ, сайқалдиҳӣ, ҳаллоҷиро истифода намуда, ангуштарин, ҳалқа, гарданбанду пойбанд, дастмона ва дигар маснуоти ороишӣ тайёр мекарданд. Шаҳри Ҳирот маркази бузурги ҳунари заргарӣ ҳисоб мешуд. Санъати заргарӣ алоқаманд ба ҳаёти иҷтимоӣ буда, дар он дарки чуқури зебоипарастӣ дида мешавад. Маснуотҳои заргарии мардуми тоҷикро дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ» аз қабили дастмона, ангуштарин, гӯшвора, гулӯбанд, гарданбанд, пойбанд, зангулача, ҳалқа, зиреҳ дучор гардидем.

Ҳалқа, гушвор, ангуштарин аз нуқра тайёр мешуд, талабгоре, ки мехост соҳиби дастмона шавад, ба назди устои заргар 60 – 70 тангаи нуқрагин мебурд. Усто аз ин миқдори муайяни ин тангаҳо дастмона тайёр карда, қисми дигари онҳоро ба ҷои ҳаққи хизмат мегирифт. Баъзан устои заргар ороишотро аз ҳисоби худ тайёр мекард, ҳаққи хизматашро аз муштарӣ бо пул ё маводи озуқа мегирифт. Маснуоти заргарӣ дар Ҳирот бо табъ ва урфияти онҳо тайёр карда мешуд.

Асбобҳои заргарии ин давра аз қолаби ситора, қолаби баргак, симкаш, сангдон, косаи нуқрагудозӣ, қайчии нуқрабурӣ, амбури нугтез ва борик иборат буд. Барои тоза намудани маснуоти заргарӣ, заргарон он ашёҳоро дар оташ сӯзонида, хунук мекарданд ва баъд дар косаи мисӣ онҳоро дар маҳлули ҷавҳар тар карда, сафед мекарданд. Аз ин маълум мегардад, ки ороишоти занонаи ин давра аз нуқра ва тилло, қисман аз мис ва биринҷ сохта мешуданд. Аз заргарони маъруфи ин давра тибқи маълумоти Восифӣ  Ахии Заргар, Султонмуроди Заргар, мавлоно

Мираки Заргар ҳаёт ба сар бурдаанд. Мавлоно Мираки заргар, ки дар фанни заргарӣ ва ҷавоҳиршиносӣ ҳунарманде буд, таҷрибадор.

Аз рӯйи маълумоти Восифӣ мавлоно Мираки Заргар аз шаҳри Тошканд буда, дар дарбори Шайбониён ба ин пеша машғул буд. Нуқра ба ҳама дастрас буд. Табақаи аёну ашроф, занону фарзандони Темуриён бештар ашёҳои нуқрагинро супориш медоданд. Восифӣ дар ин бора менависад: «Ҳамшираҳо ва хешовандон ҳалқаҳо ва ангуштаринҳо, ки доштанд аз гӯшҳо ва ангуштони худ бароварда ба он зан нисор карданд» [22, с. 151].

Маснуоти ороишии заргарӣ аз рӯи муқаррарот ба қисмҳои зерин тақсим мешавад: сар ва гӯш, гардан, пеши бар ва даст.

Ороишоте, ки дар сар ва гӯш овезон карда мешаванд: қасоба, силсила, каҷак, гушвора, пешонабанд;

Ороишоте, ки дар гардан андохта мешаванд: гарданбанд, зиреҳи гардан, муҳра бо танга, ороишоти гардан–тангаҳои тиллоӣ, нуқрагин ва мисӣ;

Ороишоте, ки пеши бари занонро зинат медиҳанд: қулфи гиребон, сӯзани қубба;

Ба ороишоти даст: дастмонаи зиреҳдор, дастмонаи чаладор, ангуштарин, ангуштарини тангадор, ангуштарини ду–се тангадор, ангуштарини нигинадор, ангуштарини бе нигина, ангуштарини тоҷикӣ ва бозубанд.

Ороишоте, ки дар пой андохта мешавад: зангула, зангулаҳои зонубанд, занҷир ё зиреҳи пой.

Зевароти заргарӣ дар он давра воситаи туҳфа ба ин ё он муносибат, аз ҷумла ҷашн, тӯю маросими мардумӣ, ба ёру дӯстон ба ҳисоб мерафт.

Дар бораи ангуштарин ё чала дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ» омадааст, ки «духтарони амир Шоҳвалӣ ангуштаринҳо ва гушвораҳои (худро) ба фақир доданд». Ё ин ки «Ҷузвдони кухнае доштам рахтҳои тилло олотро

аз даствона ва ангуштарӣ ва гушвора дар вай карда, дар бағал ниҳодам». [22, с. 327].

Ангуштаринро аз тилло, нуқра, мис сохта ба ангушт меандозанд. Баъзе аз заргарон ангуштаринро мувофиқи табъи мизоҷон ҳотамкорӣ ва нақшу нигор мекарданд. Ангуштарини мардона низ мавҷуд буд. Нигини ангуштаринро бо катиба ва тасвирот зиннат медоданд. Духтарон онро дар ангушти хурди ҳар ду даст меандохтанд. Ангуштарин гирифтани духтарон дар замони муосир бо ташаккули анъанаҳои нав расм шудааст. Ангуштаринро ҷавонон дар рӯзи ақди никоҳ ҳамчун рамзи ягонагӣ, садоқат ва вафодорӣ ба ангушти дасти ҳамдигар меандозанд. Ангуштарин навъҳои гуногун дорад: ангуштарини чашмакдор, ангуштарини нигинадор, ангуштарини бенигина, ангуштарини тангадор, ангуштарини дутангадор.

Даствона (дастмона) ашёи зинати банди даст аст. Аз тилло, нуқра ва мис бо шакли ҳалқаи нопайванд ва ё ҳалқаи бо ёрии каҷакҳо васлшаванда сохта мешавад. Занони аёну ашроф дастмонаҳое доштанд, ки барашон 7 сантиметр буд. Дастмона дутогӣ дар ҳарду даст андохта мешуд. Дастмона навъҳои гуногун дорад: дастмонаи зиреҳдор, дастмонаи нигинадор, дастмонаи чаладор, дасмонаи гулдор, дастмонаи дандонакдор, дастмонаи бе нигина.

Гӯшвор, ҳалқа ашёи зинати занона, ки ба гӯш овезон карда мешуд, аз тилло ва нуқра тайёр мешуданд. Гӯшвораҳои одӣ аз 2 то 4 овеза (поя) дошт. Гӯшвораҳои идона аз 5 то 10 овеза (поя) иборат буд. Гӯшвораҳои қиматбаҳоро дар тӯю маъракаҳо ва идҳо меовезанд, ки бо сангу шаддаҳои марҷон ороиш дода мешуданд. Гӯшвор навъҳои гуногун дорад: гӯшвори қафасӣ, гӯшвори чапарак, гӯшвори балдоқ, гӯшвори муҳаммадӣ, гӯшвори зиреҳдор, гӯшвори нигинадор, гӯшвори гӯякчадор ва ғайра.

Омӯзиш ва таҳқиқи касбу ҳунар нишон дод, ки дар асри XVI мардум аз зеваролоти зеби гардану пойбанд низ васеъ истифода менамуд.

Гарданбанд–гулӯбанд, муҳра, зеби гардан, танга аз нуқра ва тилло сохта бо марҷон шадда, садаф ва ғайра ба гардан овезон мекарданд. Ин анъана то ба рӯзҳои мо побарҷост.

Пойафзолдӯзӣ. Дар бораи пойафзолҳои мардумони қаламрави давлати Темуриён ва атрофу акнофи он дар асрҳои XV–XVI овардаҳои Зайниддин Восифӣ дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ» хеле ҷолиб аст. Ҳунарҳои мардуми авлодӣ буда, онҳо аз насл ба насл ҳамчун мерос мегузаранд. Ҳунари чармгарӣ шуғли қадимаи ниёгон маҳсуб ёфта, аз чарм ҳунармандон чоруқ, мӯза, тасма, кафш, ғилофи корду шамшер, афзори асп (нухта, лаҷом, айил, ҷаҳлуқ, рӯйпӯши болои зин, қамчин), машқ, маҳсиҳои занона ва мардона тайёр мекарданд. Дар бораи чарм Восифӣ маълумот дода чунин навиштааст: «Баъд аз он аспе бо зин ва лаҷом ба ин камина инъом фармуданд» [22, с. 136].

Чармгарӣ  ҳамчун касб дар деҳот ва шаҳрҳо равнақ дошт. Устоҳои маҳаллӣ пӯстро дар об намак медоданд, то ин ки пашмаш рехта тоза шавад. Баъд бо решаи гиёҳ ва пӯсти бодом онро меҷӯшониданд, ки дар натиҷа ранг мегирифт. Каҷова ном маҳлулест, ки ҳангоми дар вай тар кардани чарми сурх, ранги он сиёҳ мегардид. Каҷоваро аз донаҳои ғомук, пораи оҳани зангзада тайёр мекарданд. Ҳунари пойафзолдӯзӣ дар байни мардуми тоҷик таърихи қадима дорад.  Ин ҳунари қадимаи пойафзолдӯзӣ дар ибтидо аз деҳот пайдо шудааст, зеро дар деҳот устоҳои кафшдӯз умр ба сар мебурданд.

Бар замми пойафзолҳо ҳунармандон аз пӯсти буз машк тайёр мекарданд. Тавре ки  устоди фанни кимиё Қ. Худоёров овардааст, пӯстро бо як маҳорати хоса аз бадани бӯз ҷудо карда, баъд бо маҳлули об, решаи чукрӣ ва каме намак ба он илова менамоянд, ки дар натиҷаи он ҳама гуна равған ва чармҳои боқимондаи пӯст оҳиста оҳиста аз пӯст ҷудо мешавад ва дере нагузашта, пас аз чайқонидан оби дохили машк софу нӯшиданбоб мегардад. Дар шароити деҳот дар айёми корҳои саҳроӣ аз ин навъ обгирак васеъ истифода мебаранд. Машк обро хеле хунук нигоҳ медорад [124, с. 149].

Пойафзолҳои мардуми тоҷикро дар асрҳои XVI ба ду гурӯҳ тақсим намудем:

– пойафзолҳои бесоқ: кафши чӯбин ва чармин, кафши сарипои бе муза, туфлӣ;

– пойафзолҳои соқдор: муза,чорук ва хомак.

Аҳолӣ дар фасли тобистон аз кафш навъи пойафзоли чармӣ, ё чӯбин бештар истифода мекард. Кафш аз тагчарм, рӯя, пуштак, пошна иборат буд. Аз пӯсти гов тайёр карда шуда, таги пойафзол аз якчанд қабат пӯст иборат буд. Аз қисми болои таги пойафзол як қабат рӯя ва пуштаки чармиро гирд медӯхтанд. Ҷое, ки аз боло пой андохта мешуд, лабҳои чармро ба тарафи дарун гардонида медӯхтанд. Тамоми амалҳои кафшдӯзиро дастӣ иҷро мекарданд.

Дар вақти дӯхтани кафш аз табена, дарафш, ресмон, қайчӣ истифода мекарданд. Аксар маврид мардум маҳсиро бо кафши чармин пӯшида мегаштанд. Шотирҳои султон Ҳусайн Мирзо ба пой кафш–пойсори афғонии зардӯзӣ мепӯшиданд. Кафши чӯбин навъи пойафзоли занон ва мардон буда, дар фасли тирамоҳ ва зимистон истифода мешуд. Кафши чӯбинро аз дарахти зардолӯ, тут ва чормағз омода мекарданд. Ғуллаи чӯбро бурида дар об то як муддати муайян нигоҳ медоштанд, то ин ки дар вақти тарошидан ва кофтани дохилаш бо теша ё каҷкорди оҳанӣ накафад.

Аҳолӣ пойафзоли мӯзаро аз пӯсти гов ва буз тайёр мекарданд. Пораҳои чармро дар қолаби чӯбин гузошта аз қисми таги мӯза бо ду–се қабат чарм медӯхтанд. Мӯза пойафзоли соқдор буд. Аз эҳтимол дур нест, ки дар он давра мардум аз хомак низ истифода мебурд. Хомак пойафзолест, ки бештар аз пӯсти хоми гов, асп ва буз тайёр карда мешавад. Дар вақти дӯхтани хомак устоҳои маҳаллӣ онро зайле медӯхтанд, ки мӯи пӯст ба тарафи даруни пойафзол меомад. Хомакро ба воситаи қолаб медӯхтанд. Андозаи соқи хомак тахминан 20–30 см. буд. Хомакро баъди пӯшидан бо ресмон маҳкам мебастанд. Хомакро дар фаслҳои баҳору тирамоҳ ва зимистон ҳангоми корҳои хоҷагии қишлоқ,

кишту кори баҳорӣ ва шикорчиён дар вақти шикор мепӯшиданд. Дар фасли тобистон хомакро дар оби намакдор тар карда, то мавсими дигар нигоҳ медоранд.

Рағзабофӣ. Рағза матои дурушти пашминиест, ки риштааш аз пашми гӯсфанд тайёр карда мешуд. Ин ҳунар дар байни мардуми тоҷикони кӯҳистон, баъзан водиҳо, ки ба парвариши гӯсфанд машғуланд, аз замонҳои қадим мавҷуд буд.

Рағзабофӣ амали занҳо ба шумор рафта, дар фасли дай (зимистон) ришта ресида, аз он дар дӯкон матои рағза мебофтанд. Матои рағза бештар барои дӯхтани пойтоба, шалвори ғафс, чакман, истифода мешавад. Чагман либос ё афзори болопӯши чӯпонҳо ба шумор мерафт. Аз рағзаи дурушт, инчунин, хурҷин, чоруқбанд ва арғамчин тайёр карда мешуд. Рағза дорои се ранг буд: сафед, сиёҳ ва тирранг. Навъи арзишманди рағза рағзаи сафед ба шумор мерафт, ки он дар дӯконҳои муқаррарӣ ба мисли карбос бофта мешуд.

Хатна. Ин ҳунари қадимаи мардуми мусулмон дар давраи асрҳои миёна низ мавҷуд буд. Дар бораи оини дигари мардумӣ–хатна Зайниддин Восифӣ маълумоти ҷолиб додааст. Дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ» дар бораи хатна гуфта шудааст, ки «Тарсубачае мусулмон шуд. Муҳтасиб фармуд то ӯро хатна карданд…» [22, с. 70].

Дар асрҳои XV–XVI мансаби диние бо номи муҳтасиб вуҷуд дошт, ки ба гузаронидани маросими хатна назорат менамуд.

Дар якчанд маҷмуа ва рисолаҳои илмию оммавӣ оид ба баргузории хатна маълумот пайдо намудем.

В.А. Руднев чунин ибрози ақида намудааст: «Маросими хатнаи олоти мардҳо ба таври васеъ на танҳо дар байни пайравони ислом, яҳуд, ҳамчунин, дар байни намояндагони дигар динҳо ва парастишҳо ба таври васеъ паҳн гардидааст. Дар илми таърихшиносӣ дар ин бора андешаҳои гуногун мавҷуд аст. Қисме ин маросимро ба урфу одати беҳдошт, дигарон чунин меҳисобанд, ки хатна ба барвақт ба балоғатрасии мардҳо

мусоидат намуда, барои афзоиши насл дар қавм аҳаммияти муҳим дорад» [101, с. 19].

Далелҳои муътамад шаҳодат медиҳад, ки анъанаи хатнаи писарбачаҳо эҷоди суннати ислом набуда, ҳанӯз дар давраи гузариш аз давраи модаршоҳӣ ба падаршоҳӣ ба вуҷуд омада буд.

Хатнаро устоҳои хатнагар мегузарониданд, ки онҳо дар ноҳия ва шаҳрҳо ҳаёт ба сар бурда, хеле ангуштшумор буданд. Устои хатнагар бо худ теғ, қайроқсанг, ҷағк ва хокистари ишқор ва ё ҷанда дошт. Теғ асбоб ё олоти асосии хатнакунонӣ буда, шаклҳои гуногун дошт. Қисман дастаи теғ  аз устухон ва ё аз чӯби сахт, худаш аз  пулод сохта мешуд, ки бисёр тез мебошад.

Қайроқсанг сангест, ки ба воситаи он теғҳоро молиш дода, тез мекарданд. Дар байни тоҷикони минтақаи Кӯлоб олоти ҷағк, ки аз ғараб сохта мешуд, паҳн гардида буд. Ба воситаи ҷағқ писаронро хатна мекарданд. Онро дар кафи даст барои осеб надидани олоти кӯдакон дошта, ба воситаи теғ хатнаро анҷом медоданд. Баъди амали хатна, ки пӯсти олотро мебуранд, аз ҷои ҷароҳат хуни зиёд мебарояд. Дар асрҳои миёна дору ва дармони тиббӣ вуҷуд надошт. Барои пеши хунравиро гирифтан, пахтаро сӯзонида, ба гирди олоти кӯдак мепечониданд. Пахтаи сӯхта ё хокистари ҷанда барои бо тези манъ кардани хун хизмат мекард.

Писарбачаҳоро дар хона бо тахтапӯшт хобонида хатна мекарданд. Ин ҳодисаро дар байни мардумони водии Кӯлоб «дастҳалолкунӣ» ё «хатнасур» меноманд. Ба устои хатнагар барои амали хайраш ҷелаки карбосӣ ё рӯймол медоданд. Дар синни хурдсолӣ падару модарон олоти мардии кӯдаконро бо хоки сафед мемолиданд, то ин ки пӯсти олоти мардии онҳо тунук ва мулоим шуда, буриданаш осонтар гардад.

Дар байни баъзе аз ноҳияҳо одате буд, ки ба пеши кӯдаки хатнашуда даромадан манъ буд. Барои он ки одамон ба хонаи бемор надароянд, як пора аз матои сурхро дар болои дар мебастанд, ки онро

пай бастан мегуфтанд. Пай чӣ маънӣ дорад? Пай аз калимаи по ё ҷои по гирифта шудааст. Мақсад аз пай бастан ин аст, ки одамон, ки пайваста ба кори хоҷагӣ машғуланд, рӯз то бегоҳ дар саҳро кор мекунанду монда шуда омада, ба аёдати хатнашуда мераванд, ӯро намегузоранд, ки ба хонаи хоби ӯ дарояд.

Мардум дар гузашта бар он ақида буданд, ки гӯё хастагии онҳо боиси дер шифо ёфтани кӯдак мегардад. Одамон матои сурхро дида, мефаҳманд, ки пай баста шудааст ва ба хонае, ки бемор хоб аст, намедаромаданд. Ин ба ҷиҳати тез сиҳат ёфтани наврасон мусоидат менамояд. Баъди сиҳат шудан ҳамсояҳо кӯдаки хатнашударо ба мисли шоҳбача дида, ба хотири ӯ дар табақҳо намудҳои таъомро гирифта меоварданд ва дуои хайр мекарданд, ки тезтар шифо ёбад. Шахсе, ки хатна намекард, ӯро мусулмон намешумориданд.

Моҳияти суннати иҷрои хатнаро гузаштагон бештар дар чунин манфиатҳо мебинанд: аввалан тоза нигоҳ доштани олоти мардӣ; аз нигоҳи дини ислом; хатна маънои онро дорад, ки дар вақти ёфтани ҷасади фавтида муайян мекунанд, ки вай аз кадом дину мазҳаб аст; барои ҳамхоба шудан бо занҳо бисёр мувофиқ будан, тезонидани ҷараёни бордоршавӣ ва амсоли инҳо. Ҳунари хатнакунонӣ аҷдодӣ мебошад. Аз бобо ва падар ба писарон ҳамчун мерос мегузарад.

Дар натиҷаи таҳқиқ ва таҳлили зербанди аввали боби сеюм– «Инъикоси ҳаёти меъморӣ ва ҳунармандӣ дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ» имконият медиҳад, ки хулосаҳои зерин пешниҳод карда шаванд:

Моҳияти илмии асари «Бадоеъ–ул–вақоеъ» ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этнографии асрҳои XV ва аввали асри XVI натиҷагириҳои минбаъдаи омӯзишии асари «Бадоеъ–ул–вақоеъ» собит менамояд, ки дар ин давра новобаста аз ноороmиҳо, низоъҳои гуногуни мазҳабӣ ва ҷангҳои байниҳамдигарии ҳокимон, ки ба ҳаёти иҷтимоию сиёсии ҷомеа таъсири ногувори худро мерасонид, намунаҳои ҷудогона ва хосаи санъати меъмории мардуми тоҷик дар мисоли: биноҳои маъмурӣ, динӣ,

иҷтимоӣ, хоҷагӣ ва фарҳангӣ пойбарҷо буданд ва дар хизмати аҳолӣ қарор доштанд.

Дар заминаи равнақи ҳунармандӣ, касбу ҳунарҳои гуногун вобаста ба талаботи бозор инкишоф ёфта, мавқеъ ва нақши худро то имрӯз пойбарҷо нигоҳ медорад. Инкишоф ва рушди ҳунарҳои мардумӣ боиси беҳдошти сатҳи зиндагӣ, равнақи кори тиҷорат, тақсими меҳнат, пайдоиши гурӯҳҳои нави иҷтимоӣ–ҳунармандон ва тоҷирон, афзоиши аҳолӣ, машғулиятҳои нави касбӣ, васеъшавӣ ва устувор гардидани мавқеи сукунати аҳолӣ мегардид. Ҳар ду вилоят ба низоми ташаккули касбу ҳунар дар қаламрави хеш манфиатдор буданд.

## 3.2. Инъикоси санъати мусиқӣ ва этнографӣ дар асари таърихии «Бадоеъ–ул–вақоеъ»

Санъати мусиқӣ ва сурудхонии халқи тоҷик дар замони ҳукмронии амирони Темурӣ ва хонҳои Шайбонӣ ба дараҷаи баланди инкишофи худ расида буд. Мусиқӣ, бахусус дар замони ҳукмронии амир Ҳусайни Бойқарои Темурӣ дар қаламрави Хуросону Мовароуннаҳр ба дараҷаи баланд тараққӣ карда, амирони Темурӣ барои санъаткорони мумтоз подошҳо дода, ҳунармандони ин соҳаро бештар тарғибу ташвиқ карда, онҳро дар сафарҳои худ ҳамроҳ мегирифтанд. Ҳамин тариқ, санъати мазкур ривоҷи комил пайдо кард.

Дар асри XVI дар қаламрави Хуросону Мовароуннахр бисёр нишонаҳои анъанаҳои маданӣ ба монанди иду маросимҳо, санъати мусиқӣ, сурудхонӣ, рақс ва санъати рассомӣ пайдо шуда, то ба рӯзгори мо боқӣ мондаанд. Шумораи зиёди бастакорон, ҳофизон, раққосон ва навозандагони маъруфи мусиқии классикии зиёде ҳаёт ба сар бурдаанд. Мутаассифона, сарчашмаҳои таърихӣ, адабӣ ва мусиқӣ, ки дар онҳо номи ҳунармандону ҳофизон ва асбобҳои мусиқии онҳо зикр гаштааст, омӯхта нашудаанд. Бинобар ин, мо мақсад гузоштем, ки ба маълумоти «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Зайниддин Восифӣ такя карда, дар бораи бастакорону ҳофизон, навозандагону рақкосон ва асбобҳои мусиқии онҳо маълумоти муфассал диҳем. Ба андешаи мо, асари «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Восифӣ барои омӯхтани таърихи санъати мардумони қаламрави Афғонистон, Осиёи Миёна ва Эрон дар асри XVI сарчашмаи муҳимми таърихӣ ба шумор меравад.

«Бадоеъ–ул–вақоеъ» ба сифати сарчашмаи арзишманди таърихӣ, роҷеъ ба масъалаҳои мардумшиносии халқи тоҷик аҳамияти бузургро касб намудааст. Дар бораи санъат дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ» маълумотҳои ҷолиби диққат дода шудааст. Восифӣ номи ҳофизон, рақкосон, навозандагон, номи асбобҳои зиёди мусиқиро дар асар нишон додааст. Сарфи назар аз ҷангҳои байниҳамдигарӣ, ҳаёти фарҳангӣ дар дарбори

ҳокимони Сафавӣ ва Шайбонӣ, асосан, дар анъанаҳои дарбории асрҳои пеш дар марказҳои бузурги фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросон, Эрон, аз қабили Бухоро, Самарқанд, Марв, Ҳирот, Табрез, Машҳад, Шероз, Исфаҳон ва ғайра пеш мерафт.

Бисёре аз фарҳангиён ба дарбори Шайбониён ва Сафавиён дар Самарқанд, Бухоро, Табрез, Кошон ва Исфаҳон, бархе аз онҳо ба Марв, Машҳад, Ҳирот ва дарбори Бобуриёни Ҳинд (1526–1857) кӯч бастаанд ва ин инкишофи минбаъдаи санъати мусиқӣ ва назмро шарҳ медихад [94, с. 72].

Омӯзиши ин сарчашмаи таърихӣ нишон дод, ки дар замони салтанати Темуриён асрҳои XV–XVI мақоми волои созҳои миллӣ мушоҳида карда мешуд. Дар бораи дараҷаи баланди инкишофи маданияти мусиқӣ дар нимаи дуюми асри XV ибтидои асри XVI рисолаҳои мусиқию назариявӣ (рисолаи мусиқӣ), антологияҳои мусиқию назмӣ (баёзи мусиқии–Мулло Туғро Машҳадӣ), рисолахои мусиқии шакли шеърӣ (рисолаи назми мусиқии–Кавкабии Бухороӣ, Сайфиддини Ғазнавӣ, Боқиёи Наийинӣ), бахшҳои махсуси санъати мусиқӣ дар донишномаҳо, солномаҳои таърихӣ, ёддоштҳо, луғатҳои тафсирӣ маълумоти фаровон медиҳанд. Хусусияти хоси маданияти мусиқии ин давра дар забони илмии он–форсии тоҷикӣ (форсӣ–тоҷикӣ), сарфи назар аз системаи сиёсии ин ё он минтақа мебошад. Ин далели муҳимми нақши бартаридоштаи фарҳанги мусиқии халқҳои эронӣ мебошад, ки барандагони ин фарҳанги бузурганд [94, с. 80].

Созҳои миллӣ ва навозиши асбобҳои мусиқии халқӣ, аз қабили: доира, даф, табл, най, чанг, уд, ғиҷҷак, барбат, дуҳул, рубоб, танбур дар авҷ буд. Ба ақидаи Восифӣ ҳофизон ва навозандагон мебоист аз илми мусиқӣ хабардор бошанд, онро на танҳо омӯзанд, балки бағоят хуб донанд. Ҳамчунин, дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ» як зумра ҳофизон ва навозандагони асбобҳои мусиқӣ устод Ҳусайни Кӯчакноӣ, Ҳасани Нойӣ, Ҳофиз Мири Хонанда, Ҳофиз Басир, Ҳофиз Миросӣ, Зӯҳраи Чангӣ,

Сайид Аҳмади Ғиҷҷакӣ, Ҷигарии Чангии Муғаннӣ, Муҳибалии Балабонӣ, Ҳасанӣ Удӣ, Алӣ Кучаки Танбурӣ, Қосималии Қонунӣ, Мирзо Байрами Қонунсоз, Мақсуд Алии Раққос ва Моҳчучуқи Раққос номбар гардидаанд, ки дар ҳаёти мадании ин давра саҳми зиёд доштанд. Восифӣ махсус қайд кардааст, ки дар замони ӯ «аҳли созу арбоби навоз бисёр буданд» [22, с. 29].

Олим ва муҳаққиқи барҷастаи тоҷик дар соҳаи таърихнигорӣ устод Аҳрор Мухторов дар бораи Восифӣ, санъаткорону навозандагони замони ӯ чунин маълумот додааст: «Восифӣ дар асараш «Бадоеъ–ул–вақоеъ» ҳофизонеро ба қалам овардааст, ки онҳо на танҳо дар Ҳироту Хуросон, балки дар мамлакатҳои Арабу Аҷам маъруф буданд. Аз маълумотҳои мазкур маълум мешавад, ки овози хуши ҳофизон, мақомҳои ихтироъкардаи бастакорон, шоирони забардасти замони худ, ба мисли мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ, Зайниддин Восифӣ ва дигаронро водор менамудааст, ки дар ҳаққи онҳо шеър гӯянд. Ин одат дар навбати худ дастгирии аҳли санъат дар назди оммаи мардум буд» [77, с. 64].

Тибқи маълумоти «Бадоеъ–ул–вақое»–и Восифӣ пас аз ба шаҳри Ҳирот ҳамла намудани шоҳ Исмоили Сафавӣ соли 1510 ва ба иллати сиёсати мазҳабии ӯ аз қаламрави Хуросон ба тарафи Мовароуннаҳр қариб 500 нафар аҳли фазлу камол ва ҳунар ҳиҷрат мекунанд. Дар байни ин муҳоҷирон Восифӣ, Қосималии қонунӣ, Муҳибалии балабонӣ, Саидаҳмади ғиҷҷакӣ, ҳофиз Басир ва чанд тани дигар низ буданд [85, с. 8].

Аз маълумоти «Бадоеъ–ул–вақоеъ» бармеояд, ки дар асрҳои XV–XVI чунин шаклҳои санъат, аз ҷумла, санъати мусиқии овозӣ, навъҳои гуногуни мусиқии созӣ, санъати ҳунарнамоии саҳнавӣ (ҳаҷву масхара, лухтакбозӣ), санъати рақсӣ (рақси маҳаллӣ, классикӣ, варзишӣ, рақс дар рӯйи дор, ракси якка ва гурӯҳӣ), санъати адабию бадеӣ (бадеҳа, достонхонӣ, марсияхонӣ, фалакхонӣ, савтхонӣ, гурӯғлӣ) хеле рушд намуда буд.

Дар бораи Қосималии Қонунӣ ном марди ҳунарманди чирадаст Восифӣ чунин маълумот дода гуфтааст, ки «Қосималии Қонунӣ созандае буд, ки моҳи гардун аз барои торҳои қонунаш аз ҳола калобаи сим овардӣ ва ҳаврои айн аз баҳри намунаи гӯшҳои он қонун ғунчаҳои гулбуни равзаи ризвонро ба пеши қонунтарош бурдӣ ва руҳул–амин агар нағмаи руҳафзояшро шунидӣ, шохи дарахти сидраро аз барои сози вай буридӣ ва сипеҳри худро ҷиҳати мизроб пеши вай кашидӣ» [22, с. 22].

Ба андешаи мо, ҳар як соҳа, аз ҷумла, соҳаи санъати мусиқию навозандагӣ, раққосӣ ва амсол ба ин ба худ илми қонун, ё қонунсозии худро дорад, аз ҷумла, соҳаи санъат, ки барои гузаронидани маъракаҳо ва чорабиниҳои шаҳрӣ, ноҳиявӣ истифода мешавад. Қосималии қонунӣ беҳтарин оҳангсоз, ҳофиз ва навозандаи тоҷик буда, охири асри XV ибтидои асри XVI дар шаҳри Ҳирот ба дунё омадааст. Санъати мусиқиро ӯ дар зодгоҳаш омӯхта, дар ҷодаи сурудхонию навозандагӣ ва таҳлили таркиботи мусиқӣ шуҳратёб гардида буд. Аҳли мусиқӣ салиқаи баланди мусиқифаҳмии ӯро эътироф кардаанд. Қосималии қонунӣ сарвари дастаи ҳунармандони дарбори ҳокими Машҳад Иброҳим Мирзоро ба уҳда дошта, чандин шогирдонро ба олами мусиқӣ ҳидоят намудааст. Аз ӯ асаре доири илми мусиқӣ то ба мо омада расидааст, ки «Нозу ғамза» ном дорад.

Дар замони ҳукумати амир Султон Ҳусайн Мирзо дар Хуросон ҷавоне буд, Мирзо Байрам, ки қобилияти хуб доштааст. Воқеанигори барҷаста Восифӣ дар бораи ӯ чунин навишааст: «… ва қонунро боқонуне менавохт, ки Зуҳраи Чангӣ (аз рашки ӯ) чанги худро бар замин меандохт. Қонун, қонунсозӣ дар асари Восифӣ «Бадоеъ–ул–вақоеъ» дар 11 ҷой дучор омадааст [22, с. 72].

Дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ» дар бораи дигар сози мусиқӣ, аз ҷумла, чанг дар 16 ҷой маълумот дода шудааст. Чангнавозони беҳтарини ин давра Зуҳраи Чангӣ, Чакари Чангии Муғаннӣ ба шумор мерафтанд. Восифӣ дар бораи Чакари Чангии Муғаннӣ ном ҳунармандони халқӣ маълумот додааст: «Ҳар гоҳ, ки чанг дар канор гирифтӣ Зӯҳра дар базми

фалак сози худ бар замин задӣ ва аз осмон бар замин омадӣ ва мӯйи гесӯи худро тори чанги ӯ сохтӣ» [22, с. 23].

Чанг сози қадимаи тории мардумони тоҷикону афғонҳо ба шумор рафта, овози хоси худро дорад. Дар шароити муосир ин асбоби миллии халқӣ дар мусиқии миллӣ ба таври васеъ истифода бурда мешавад. Чанги миллӣ ду намуд аст: тории бе парда ва чанги лабӣ ё лабчанг.

Дар асрҳои X–XI чанг бо чӯби ним доира сохта шуда, дар он торҳо ва симҳои яклухт пайваст мешуданд, ки садоҳои гугогунро пайдо мекард. Аз ҳафт тор иборат аст, ки ҳар як тор садои гуногун дорад. Намуди дуюми чанг асбоби фулузӣ буда, дар назди устоҳои оҳангар бо истифодаи санъати нафистарини оҳани суфта шуда, ки аз ду шоха иборат аст ва дар қисми мобайни он оҳани хеле тунук ва нафиси лаппишдиҳанда ҷой карда мешавад, ки онро чанги лабӣ ё лабчанг меноманд. Навозанда чангро ба лабҳо гирифта, қисми мобайни онро бо ангуштонаш лаппиш дода, бо ёрии забонаш оҳанги мусиқиро менавохт.

Дар асари Восифӣ, инчунин, дар бораи сози мусиқии ғиҷҷак ва дар бораи устод Саид Аҳмади Ғиҷҷакӣ ном шахс маълумот дода шудааст: «Ва саромади созандагон устод Саид Аҳмади Ғиҷҷакӣ буд, ки гардуни ҷоми заррини хуршеди ховариро аз барои тоси ғиҷҷаки ӯ муносиб медид».

Восифӣ Саид Аҳмади Ғиҷҷакиро беҳтарин ғиҷҷакнавози он давра шуморида, ба ҳунари волои ӯ баҳои баланде додааст: «Дар 12 мақом ва бист ва чаҳор шаъба ва шаш овоз ва ҳафтдаҳ (баҳр) усул, ки куллиёти мусиқӣ аст, амале баста ва сози ғиҷҷакро бисёр хуб менавохт» [22, с. 113].

Ғиҷҷак сози мусиқии тордорест, ки бештар ду намуди он маълум аст. Ғиҷҷаки тоҷикӣ ва скрипка. Ҳар ду асбобҳои бепардаи халқӣ шуморида мешавад. Бо шаклҳои гуногун сохта мешаванд. Яке аз он шаклҳо дар шакли доира сохта шуда, болояш бо пӯсти гов ё, пӯсти буз кашида мешуд. Аз ду тор иборат буд, барои садо броварданаш камонак сохта мешуд. Камонак аз қилҳои думи асп иборат буда, онро бо ширaи

дарахти зардолу омезиш дода, дар мавриди бо симҳо лаппиш додан, садои мусиқии форамеро ба вуҷуд меовард.

Сози мусиқии тории дигар уд ном дошта, дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ» дар чор ҷой дучор омадааст. Зайниддин Восифӣ дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ» перомуни беҳтарин уднавозони ин давра чунин менависад: «Яке аз навозандагони олам устод Ҳасани Удӣ буд». Ё ин ки дар ҷои дигар навиштааст: «Беҳтарин уднавоз устод Қулмуҳаммади Удӣ буд» [22, с. 24].

Уд як навъ сози тории мусиқии тоҷикон ба шумор рафта, давраи пайдоиши онро муҳаққиқон ба замони ҳукмронии Сомониён мансуб медонанд. Аз чӯби чормағз, зардолу ва тут сохта шуда, ба шакли асбобҳои помирӣ шабоҳат дорад. Уд косаи калони мурудшакл ва дастаи кутоҳе дорад. Аз се то панҷ тор дошта, торҳояш аз рӯдаи ҳайвонот тайёр карда мешуд. Удро бо мизроби чӯбин ва устухонӣ менавозанд.

Рубоб дар асари Восифӣ «Бадоеъ–ул–вақоеъ» дар ду ҷой дучор омадааст. Ин асбоби тории мусиқӣ дар байни халқҳои Осиёи Миёна, Афғонистон, Эрон дар ҷашну маъракаҳои тӯёна васеъ истифода бурда мешуд. Рубоб аз косахонаи калон, ду қош, даста, гӯшакҳои ҷӯрӣ иборат аст. Аз ду то панҷ тор дорад. Ба рӯи косааш пӯсти оҳу кашида, торҳояшро аз рӯдаи ҳайвонот, сими махсус ва ё зӣ тайёр мекарданд. Дарозии он 80 см. буда, мувофиқи микдори торҳо дар нӯги даста гӯшак дошт ва ҷӯри он тавассути гӯшакҳо баланду паст карда мешуд.

Рубоб асбоби пардагӣ ба шумор рафта, бо мизроб навохта мешуд. Рубобро аз чӯби тут, зардолу сохта, ба рӯи косааш пӯсти бузу гӯсфанд мекашанд. Дар гарданаи дастааш аз ду тараф шохҳои камоншакл дорад, ки дарозиашон 10–12 см. аст. Нуги даста ба қафо тоб хӯрда, дар он гӯшакҳо ҷой гирифтаанд. Дар болои пӯсти коса харак гузошта мешуд, ки барои ҳосил кардани садои оҳанг хизмат мекард. Харакро аз чӯб ё аз устухон месохтанд ва аз болои он торҳои созро мекашанд. Барои рубоб, дутор, думбра хараки дарозу рости ду тарафаш поядорро месозанд. Рубоб ду намуд аст: рубоби қошғарӣ ва рубоби тоҷикӣ. Аз намуди сохти зоҳирӣ онҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Дутор сози мусиқии тории тоҷикону афғонҳо, эрону ӯзбекҳо ба шумор рафта, аз чӯби тут, зардолу, чормағз сохта шуда, асбоби бепарда буда, аз коса, даста, дутор, сарпӯш ва харак иборат аст. Торҳои онро аз ресмони шаст месозанд. Дутор аслан асбоби якканавозӣ буда, бештар дар байни гурӯғлисаройҳо, фалаксароён ва сурудҳои халқӣ истифода карда мешуд.

Танбур сози тории тоҷикон буда, аз чӯби зардолу, тут сохта мешавад. Косаи танбурро бо тахтаи тунук рӯйбаст мекунанд. Танбур аз се тори симӣ иборат буда, бо мизроб навохта мешуд. Дарозиаш 110–120 см. аст. Сарпӯши косаро аз чӯби чормағз метарошиданд. Сози пардавӣ аст. Дар замони давлатдории Сомониён торҳои танбур аз рӯдаи ҳайвонот тайёр карда мешуд. Бештар бо сози қадимаи уд шабоҳат дорад. Ду навъи танбур: хуросонӣ ва бағдодӣ машҳур аст. Фарқашон дар он аст, ки танбури бағдодӣ дастаи кутоҳ ва панҷ парда дошта, танбури хуросонӣ дастаи дароз ва пардаҳои бисёр дорад. Сетор, панҷтор, ҳафттор, навъҳои гуногуни танбур мебошанд. Танбур дар асари «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Восифӣ дар се ҷой дучор омада, тибқи маълумотҳои ин сарчашмаи таърихӣ беҳтарин танбурнавозони давраи Темуриён устод Алӣ Кӯчаки Танбурӣ ба шумор меравад.

Барбад сози миллии арабӣ буда, истифодаи онро Борбади Марвазӣ ба хубӣ иҷро мекард, аз ин хусус, номи барбадро гирифт. Барбад аз косахонаи калон, дастаи кутоҳ ва аз панҷ то ҳашт тор иборат буда, бо мизробак навохта мешуд. Имрӯз тоҷикон низ дар навохтани ин асбоб ҳунарнамоӣ мекунанд. Дар замони ҳумронии Темуриён дар ҷашну маросимҳои дарборӣ истифода бурда мешуд.

Дуҳул дар асари Восифӣ «Бадоеъ–ул–вақоеъ» дар як ҷой дучор омадааст. Дуҳул сози зарбии мусиқии қадима буда, аз чӯбҳои тут, зардолу сохта мешуд. Шакли дегмонанди болояш бо пӯсти гов рӯйкаш карда мешуд. Бо чӯбҳои махсус навохта мешавад. Асбоби зарбии размӣ ба шумор меравад. Дар маросиму базмҳои дарборӣ истифода бурда мешуд.

Табл сози зарбии мусиқии қадима буда, аз косахонаи гирди калон, думғозааш гирди майда иборат аст, ки аз рӯйи он пӯсти гов кашида шуда, ба воситаи зарби даст навохта мешавад. Табл низ асбоби мусиқии размист. Ду шакл дорад: хӯрд ва калони дарозрӯя. Дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ» дар шаш ҷой дучор омада, дар ин бора чунин ишорат шудааст: «Дар боми хона таблиро овоз диҳем» [22, с. 215].

Доира дар асари Восифӣ «Бадоеъ–ул–вақоеъ» дар нуҳ ҷой дучор омадааст. «Ва доира аз ҷалоҷил дастакзанон, ки дар чунин ишратгоҳи ҷаннатосо чангро чи маҳалли сина кандану нолаву афғон аст». Доира сози мусиқии гирдшакл буда, ба гурӯҳи асбобҳои зарбӣ дохил шуда, дар ҳамаи шаклҳои мусиқӣ истифода бурда мешавад. Бештар аз чӯби тут, зардолу ё чӯби ангур, ки қайсоқ номида мешавад, ба шакли давра баста мешавад. Ба рӯйи чӯби даврашакл пӯсти буз, гов ё той кашида мешавад. Баъзан устоҳо дар даруни чӯби гирд шилшилаҳои оҳанӣ мечаспониданд, ки ҳангоми навохтан ба танаи чӯб бархӯрда, садои нафис мебароранд. Доираро бо зарби ангуштони даст менавозанд. [25, с. 35].

Даф сози қадимаи мусиқии гирдшакли ба доира монанд буда, дар фолклор бештар истифода мешавад, ки ба ин шомил аст, мардумони Бадахшон, гурӯҳи ноҳияҳои Хатлон, ки дар сурудҳои фолклории фалак истифода бурда мешавад. Даф асбоби даврашакл буда, бо ҳалқаҳои симӣ оро дода шуда, бо пӯсти гов ё буз кашида шуда, бо кафи даст навохта шуда, овози хоси худро дорад. Даф дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ» дар як ҷой дучор омадааст.

Дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ» дар бораи най сози мусиқии нафасӣ низ маълумот дода шудааст. Сози нафасии най дар асар дар ҳаждаҳ ҷой дучор гардид. Восифӣ аз хусуси ҳофизон устод Ҳусайни Кӯчакнойӣ ва устод  Ҳасани Нойӣ дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ» маълумоти зиёде додааст. Тибқи маълумоти Восифӣ ин чеҳраи ҳунар дар Хуросон ҳаёт ба сар мебурд. Дар бораи Ҳусайни Кӯчакнойӣ сухан ронда, Восифӣ қайд менамояд, ки ӯ ҳама намуди  асбоби мусиқиро хуб навохта метавонистааст. Бештар ба навохтани най сару кор доштааст. Дар бораи

ин чеҳраи ҳунар Восифӣ чунин менависад: «Ва устод Ҳусайни Кӯчакноӣ, ки дар камоли ҳусн ва ҷамол буд ва дар Ироқу Араб ва Аҷам овозаи сози ӯ ба авҷи иштиҳор расида буд», ё ин ки дар ҷои дигар навиштааст: «Ҳуззори маҷлис аз ҳофиз Мир ғазале ва аз устод Ҳусайни Кӯчак фазли най илтимос намуданд» [22, с. 26].

Ба андешаи мо, най сози мусиқии нафасӣ буда, дар байни мардуми тоҷик, афғон, ӯзбеку эронӣ ба таври васеъ паҳн гардидааст. Бештар дар вақти разм, тӯю маросимҳо истифода мешавад. Аз чӯби зардолу ва тут сохта мешуд. Аз ҳафт то нуҳ сӯрох иборат буда, ҳангоми пуф кардан, бо ангуштон сӯроххоро дошта, лаппишҳои мусиқӣ пайдо мешавад.

Дар аксари оилаҳои тоҷик истифодаи созҳои мусиқӣ ба назар мерасид. Хурду калон ба навохтани ин созҳои мусиқӣ сару кор доштанд. Ин аст, ки ин пеша аз насл ба насл ба мо мерос мондааст. Муҳаққиқ О. В. Кременсова дар ин бора андешаи дуруст баён карда, чунин навиштааст: «Барои оилаи тоҷик сурудхонии умумии оилавӣ ва навохтани асбобҳои мусиқии анъанавӣ буд. Бозӣ, сурудхонӣ ва рақсро хурдсолон дар оила аз калонсолон меомӯхтанд. Дар оила рубоб, думбра, доира, ғиҷҷак, таблак, най, лабчанг навохта метавонистанд» [56, с. 48].

Асбобҳои торӣ ва асбобу анҷоми мусиқии динӣ барои мардумони минтақаи Аврупо ва қисми зиёди Осиё хос мебошанд. Барои аҳолии минтақаи Осиёи Шимолӣ, қисми зиёди Африқо ва ҷанубу Шарқии Осиё, дар мадди аввал асбобу анҷомҳои мусиқии зарбӣ хос аст.

Дар асрҳои XV–XVI санъати рақс дар байни мардуми тоҷики Хуросон ва Мовароуннаҳр хеле рушд намудааст. Санъати рақс низ, ба мисли асбобҳои мусиқӣ санъати қадимаи халқӣ буда, яке аз ҳунарҳои фолклории миллати тоҷик маҳсуб ёфта, иҷроиши хоси худро дорад. Ҳар як миллати маскуни сайёраи Замин бо рақсҳои офаридаи худ фаркияти миллати дигарро ҷудо мекунад. Ба рақсҳои фолклории миллати мо дохил мешаванд: рақси чӯпонӣ, рақси чакан ва рақсҳои мардуми шимолу бадахшӣ.

Рақси чӯпониро як мард иҷро мекунад. Чӯпони раққос дар саҳро бо таёқ дар даст мерақсид. Ҳаракатҳои мавзуни ин санъати халқӣ ифодаи амалҳои некӣ онҳоро нишон медод. Ин рақси халқӣ бо сару либоси миллӣ иҷро карда мешуд.

Рақси чаканро занҳо ба иҷро мерасониданд. Онҳо бо сару либоси чакан дӯхта, дар идҳои миллии Наврӯз ва маъракаҳои расмии дигар бо санъати воло мерақсиданд. Ин санъати миллӣ тарзи иҷроиши хос дошт. Ҳаракати даст ва пой, чархидани раққоса ҳар яке мазмуни алоҳидаи худро дошт.

Рақси якка гуфта, рақси алоҳидаи як кас иҷро мекардагиро, рақси якка мегӯянд. Дар шумораи бисёрӣ рақси гурӯҳӣ (умумӣ) шуморида мешавад. Рақси тоҷикӣ бо ҳамовозии доира ё дастаи созҳои халқӣ, асбобҳои нафасӣ ва зарбӣ, аз қабили сурнай, карнай, най ва ғайра иҷро карда мешуд.

Ҳар як насл рақси худро дошта, оҳанг назокату зарофати онҳо то андозае зиндагонӣ, рӯҳияи маънавӣ, хусусияти муомиларо дар рақс инъикос менамояд. Тибқи маълумоти Восифӣ, рақсҳои давраи асримиёнагии тоҷикон баъзан то ҷое пурҳаяҷон мегузашт, ки бо муштзанӣ ва даридани сару либос меанҷомид. Дар ҳаёти мадании халқи тоҷик дар асрҳои миёна санъати рақс мавқеи арзанда дошта, дар инкишофи анъанаҳои бои иҷрокунандагони ин навъи эҷодиёти бадеӣ саҳми мутриб, раққоси номӣ Мақсуд Алии Раққос бе мислу монанд аст.

Дар сарчашмаи таърихии «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Восифӣ нимаи аввали асри XVI роҷеъ ба санъати баланди иҷрокунандагии ин ҳунарманди нотакрор ахбори зиёд ба мушоҳида мерасад. Восифӣ ҳамчун муаррихи беҳамто бештар санъати ҳунарнамоии раққосии Мақсуд Алиро васф менамояд. Восифӣ Мақсуд Алиро дар санъати рақс қутбнамо шуморида чунин мегӯяд: «Мақсуд Алӣ ҷавоне буд, ки ҳар гоҳ ба рақс даромадӣ, хуршеди ховару моҳу анвар ба гарав рафтӣ ва чун аз рақс боз истодӣ ҳуззори маҷлисро ба гирди сари худ дар гирд ёфтӣ» [22, с. 28].

Аз омӯзиши «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Восифӣ бар меояд, ки дар иҷроиши санъати рақс баробари занон мардон низ машғули ин санъати халқӣ мебошанд. Ба андешаи мо онҳо дар вақти рақс дар майдончаи рақсӣ дар иҳотаи одамон ду кас бо ҳам рақсида, бо ҳаракатҳои мавзуни даст ва пойи хеш бинандагонро дар ҳайрат мегузоштанд. Дар ин бора Восифӣ дар асараш чунин маълумот додааст: «Он раққос дар ҳини рақс сар ё пойи худро дар пеши димоғи ӯ меовард ва ҳаракат мекард, то ғояте, ки ӯ бармехост ва ҳарду ба якдигар мечаспиданд ва ҷомаҳои якдигар медариданд ва мушт дар ҳам мебастанд ва сару рӯйи якдигарро мешикастанд. Ҳуззори маҷлис бо сад ташвиш эшонро ҷудо месохтанд ва боз дар бозӣ мепайвастанд» [22, с. 68].

Дар байни халқ ҳикмате ҳаст: «Аз хурсандӣ ба рақс даромад». Моро оҳанг, вазну қофия, зебоии иҷрои рақс мафтун месозанд. Дар сабукӣ ва озодии ҳаракат мо ҳисси хушнудӣ ва озодиро таҳаммул менамоем. Аз ин рӯ рақсро тавонистан, омӯхтан лозим аст. Мутаассифона, рақсҳои умумии халқӣ, ки дар онҳо анъанаи халқ таҷассум меёбад, аз байн рафта истодаанд.

Ҳамин тариқ, тавре аз тадқиқи «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Восифӣ бармеояд, дар аҳди давлатдории Темуриён созҳои мусиқии зиёде истифода бурда мешуд, ки мо онҳоро ба гурӯҳҳои зерин тақсимбандӣ намудем:

1. Созҳои мусиқии зарбӣ: доира, даф, табл, дуҳул.
2. Созҳои мусиқии нафасӣ: най, карнай, сурнай.
3. Созҳои мусиқии торӣ: рубоб, чанг, дутор, танбур, уд, борбад, ғиҷҷак ва ғайра.

Умуман, дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Восифӣ санъат ҳамчун шакли шуури ҷамъиятӣ қаламдод шуда, аз таъсири дин озод буда, ба соҳаи алоҳидаи фаъолияти инсон мубаддал гардида, баробари инкишофи ҷамъият рушд менамуд.

Масъалаи дигари тадқиқи асари мазкурро масъалаи пайдоиши санъати наққошӣ ва суратгирӣ ташкил медиҳад. Зайниддини Восифӣ дар

асараш «Бадоеъ–ул–ваќоеъ» аз хусуси санъати наққошӣ ва суратгирӣ маълумоти зиёди илмӣ додааст. Ба андешаи мо, ибтидои пайдоиши санъати наққошӣ ба фаъолияти амалдорони давр вобаста буд. Дар асрҳои XV–XVI муҳити созгор ва заминаҳои мусоид ба вуҷуд омад, ки ба ривоҷи санъати наққошӣ ва рассомӣ мусоидат менамуд. Шароити ҳамин давраи таърихӣ тақозо менамуд, ки рассом беҳтарин лаҳзаҳои зиндагонӣ, аз қабили тӯй, манзараҳои табиат ва ғайраро тасвир намояд. Ба қавли устод Аҳрор Мухторов « Зарфҳои биринҷӣ, сафолӣ, матоъҳои бофандагон ва ашёи заргарон, санъати хаттотӣ, наққошӣ, ҳаҷҷорӣ ва миниатюрӣ писанди мамлакатҳои ҷаҳон гардида буданд [77, с. 12].

Сардафтари адабиёти рассомии тоҷик устод Камолиддини Беҳзод мебошад, ки ҳаёт ва фаъолияти ӯ ба замони ҳукмронии султон Ҳусайн Бойқаро ва вазири донишманди ӯ Алишер Навоӣ рост меояд ва ин пешаи ниёгони аҷдодӣ тобиши нав мегирад. Тибқи маълумоти «Бадоеъ–ул–ваќоеъ» подшоҳ Ҳусайн Бойқаро аз миёни ҳунармандони ин санъат устод Беҳзоди наққошро баргузида, ӯро «Монии Сонӣ» лақаб дода буд» [22, с. 901].

Камолиддини Беҳзод мусаввири номии мактаби минётурии шаҳри Ҳирот ба шумор рафта, ҳунари хаттотиро дар зодгоҳаш омӯхтааст. Камолиддини Беҳзод соли 1455 дар шаҳри Ҳирот дар оилаи камбағал ба дунё омадааст. Ӯ нозукиҳои санъати тасвириро аз устод Пир Саид Аҳмади Табрезӣ ва Мираки Наққош омӯхтааст. Вале аз сабаби нотинҷии замон соли 1510 ба Табрез мекӯчад. Беҳзод дар Табрез гурӯҳи калони шогирдонро тарбия намудааст, ки дар байни онҳо Ҳоҷӣ Абдулазиз, устод Музаффар Алиро номбар кардан мумкин аст. Беҳзод ҳамчун наққош дар тамоми Шарқ шуҳрат пайдо кардааст. Ӯ бо ҳунари худ дар офаридани симоҳои мутафаккирони бузурги Шарқ Абдураҳмони Ҷомӣ, Алишери Навоӣ, Султон Ҳусайн Бойқаро ва як қатор ҳамзамонони худ ҳисса гузошта, аз нозукиҳои санъати рассомӣ хеле моҳирона истифода намудааст.

Беҳзод бо ҳунари воло ва рангини худ аз рассоми машҳури Шарқ–Монӣ бо комёбиҳои бачастаи бадеии худ пеш гузаштааст. Рассом асарҳои худро ба манзараҳои табиати рангини кишвари азизаш бахшида, дар онҳо зебогии манзараҳои ҳамешасабзро тараннум кардааст. Инчунин, Беҳзод мазмуни расмҳояшро ба саҳнаҳои базм, ҷангу муҳорибаҳо, лавҳаҳои шикор, шуғлҳои мардумӣ, сару либос, ашхоси алоҳида, манзараи табиат, ҳайвонот, танқиди амалдорон ва ғайра бахшидааст. Таносуби ранг ва ҷилою таровати он хеле ба маврид афтода, ҳама ҷузъиёт мутобиқи мазмун ва ғояи аслиаш нигошта шудааст.

Дар бораи пайдоиши санъати рассомӣ якчанд фикрҳо вуҷуд дорад, қисме ватани пайдоиши онро Ҳиндустон, Покистон, Рим ва давлатҳои Аврупоӣ, Яҳуд, Араб мансуб медонанд.

Дар санъати наққошӣ истифодаи сиёҳидон (рангдон), муқалам, ранг, тахтаи рассомӣ, пӯст, сангчӯбе ки тасвирро мекашиданд, ҳатмӣ буд. Рангдонро аз санг, гил, дарахт ва шиша месохтанд. Муқалам аз қили ҳайвонот тайёр карда шуда, бо он амалҳои тасвириро иҷро мекарданд. Расмро дар болои тахтаи рассомӣ мекашиданд. Дар санъати тасвирӣ бештар рангҳоеро, ки аз хок, оҳаксанг, рангҳои санг тайёр карда мешуд, истифода мебурданд. Рангро аз гилу хоки рангоранг, бо омехтаи равған, пӯстлохи дарахтон тайёр мекарданд. Дар асрҳои XV–XVI бештар санъати тасвирии маҳаллӣ ташаккул ёфта буд.

Пайдоиши санъат аз умқи таърихи мардумон маншаъ гирифтааст. Дар бораи санъат ва шаклҳои он Восифӣ дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ» маълумоти пурарзиши илмӣ додааст ва шаклҳои санъати адабӣ бадеии охири асри XV ибтидои асри XVI мо чунин муайян намудем: бадеҳа, латифа, назира, шеърхонӣ, чистонхонӣ, марсияхонӣ, мушоара, мубоҳаса, ҳаҷв, масхара ва амсоли инҳо.

Инкишофи санъати адабию бадеӣ ба андешаи мо, пеш аз ҳама, бештар ба чигунагии сохтори сиёсию иҷтимоии ин ва ё он давраи

мавҷудаи ҷамъиятӣ ва ривоҷи шаҳрҳо ва тараққиёти онҳо алоқаманд мебошад.

Ҳаёти фарҳангию мадании нимаи дуюми асри XV ва ибтидои асри XVI аз ҷониби адабиётшиноси шуравӣ Е. Э. Бертелс хеле хуб омӯхта шудааст [17, с. 498].

Дар нимаи дуюми асри XV мактаби адабии Ҳирот бо сарварии Мир Алишери Навоӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ фаъолияти худро давом дода, дар тарбия ва ба камол расонидани як қатор адибон саҳми бузурге гузошт. Ҳамчунин жанрҳои гуногуни адабӣ рӯйи кор омаданд ва дар рушду нумуи адабиёти ин давра саҳми муносиб гузоштанд.

Латифа яке аз жанрҳои асосӣ ва маъмули эҷодиёти шифоҳии халқи тоҷик мебошад. Дар латифа халқ ҳамеша фикрҳои муҳими рӯз ва дархури ҳаётро баён мекард. Дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ» зиёда аз 45 латифаҳои халқӣ ба назар мерасад. Ба андешаи мо, таввасути истифодаи латифа Восифӣ намояндагони дину давлат, хулқу хуи одамони табақаҳои олӣ, назарбаландӣ, шуҳратпарастӣ ва ғайраро зери танқиди сахт қарор додааст.

Дар вақти истифодаи латифаҳои халқӣ Восифӣ онҳоро ба ҳаёти даврони худ бештар алоқаманд менамояд. Восифӣ дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ» ин латифаҳоро тағъир ва ба ҳаёт шароитҳои замони худ алоқаманд сохтааст. Дар варианти халқӣ қаҳрамонони асосии латифа амири Бухоро ва мулло Мушфиқӣ бошанд, аммо дар варианти Восифӣ ба таври мушахас шахсон ва ҳамзамонони нависанда амир Зунун, мир Фозил ва мавлоно Субҳӣ нишон дода мешаванд. Агар дар варианти халқӣ давлат аз зулм ва истисмори амир номуайян ба вайронию парокандагӣ рафта расад, дар варианти Восифӣ бошад, аллакай ба таври муайян гуфта мешавад, ки аз истисмору зулми мир Фозил деҳаи Ғизев ва аҳолии он мефавтад.

Дар мазмуни ин латифа муаллиф ба таври эҷодкорона ҳақиқати воқеиро ба қалам додааст. Восифӣ муқобили зоҳирпарастӣ баромад мекунад. Зоҳирпарастӣ ба андешаи ӯ садди роҳи инкишофи хулқу хуи

одамони накукор гардида буд. Зоҳирпарастӣ хоси рӯҳониёни диндор буд. Масалан, Восифӣ сару либоспӯшӣ ва орою торо додани қозӣ Низомидинро тасвир намуда, чунин менависад: «…саллаи худро яке аз паси дигар тобиш ва ҷунбиш дода, ӯ онро чунон калон сохт, ки монанди чарх буд» [22, с. 912].

Танқиди рӯҳониёни мутаассиб дар эҷодиёти Восифӣ низ ба назар мерасад. Восифӣ дар эҷодиёти худ латифаҳои халқиро ба таври васеъ истифода кардааст. Дар латифаи «Муллои ришдарози аҳмақ» ин латифа шакли аниқ ва муайянеро гирифтааст. Муаллиф менависад, ки дар ин давра танҳо як одам қомати баланд либосҳои зебо пӯшида ва риши дарозе дошт ин мавлоно Хоҷа Исмоили Ҳисорӣ (аз Ҳисор) буд, ки дар як китоб чунин мехонад, ки риши дароз ва қомати баланд аломати аҳмақӣ аст. Бинобар ин хост, ки қисми аз ришашро нест кунад. Дар вақти иҷрои ин амал на танҳо ришаш ҳамчунин мӯйлаб ва миҷгону абрӯяшро пурра сӯхтааст.

Дар эҷодиёти Восифӣ латифаҳои зиёде ба назар мерасад, ки чунин хислатҳои инсонӣ ростқавлӣ, ҳалолкорӣ, одоб, беғаразӣ ва ғайраҳоро сифот кардааст. Дар латифаи «Боғбон суфӣ ва хирс», ин хислатҳоро дидан мумкин аст. Восифӣ ба таври устокорона ва дар ҷойҳои лозимӣ ин латифаҳоро истифода мебарад. Маълум мегардад, ки Восифӣ ҷонибдорӣ чунин латифаҳо буд.

Дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ» чунин латифаҳоеро низ во хурдан мумкин аст, ки зимни истифода кардани онҳо адиб аз доираи ахлоқу одоб баромадааст. Чун қоида гӯяндагони чунин латифаҳо намояндагони табакаҳои болоӣ ба монанди Абдулвосеи Муншӣ, вазири Султон Ҳусайн Бойкаро, Мавлоно Маҷудин ва дигарон баромад мекунанд. Ҳамин тариқ, Восифӣ қайд менамояд, ки дар вайрон намудани одобу ахлоқи инсонӣ табақаи болои ҷомеаи феодалӣ мансабдорон ва амалдорони олимақом нақши асосиро мебозанд.

Истифодаи афсонаҳои халқӣ дар эҷодиёти нависанда нақши калоне дорад. Дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ» 25 афсонаҳои халқӣ истифода

карда шудааст. Дар кушодани фикри муаллиф чунин афсонаҳо ба монанди «Дарвеш ва аждаҳо», «Нону чурғотро хуш мехурам», «Қозии хаққи мардумхур», «Тоҷуннасаб», «Ғуломи дуруғгӯй» ва дигарон нақши калон мебозанд. Масалан, дар афсонаи «Қозии ҳаққи мардумхур» фиребгарӣ, макру найранг, қаллобии қозиёни исломро хеле хуб тасвир намудааст. Вай бо номи Мирзо Улуғбек ва қозӣ Низомуддин алоқаманд аст.

Восифӣ дар бораи ҳаромхурии қозиён чунин навиштааст: «Рӯзе шахсе пеши Улуғбек омада гуфт: банда ба сафари Рум тайёрӣ медидам. Маро 5 ҳазор тилло аз ҳоҷат берун буд. Хостам он маблағро ба соҳибдиёнате супорам ва дар бозгашти сафар аз вай талаб намуда гирам. Ҳарчанд фикр кардам ғайр аз қозии замонамон дигар касе соҳибдиёнате ба хотирам наёмад. Ва он маблағро ба офтобае андохта пеши қозӣ бурда, ба ӯ амонат супурдам. Чун аз сафар бозгашт омадам аз қозӣ он амонатро талаб кардам, гӯфт: «Ту магар девона шудаӣ ки ба ман туҳмат мекунӣ? Ман туро ҳаргиз надидаам ва намешиносам. Баъд аз ин ба пеши ман омада ин гуна ҳарфҳо занӣ, мефармоям, ки зада дандонҳои туро мешикананд ва забони туҳматгаратро аз қафои сарат мебароранд» [25, с. 265].

Дар асари Восифӣ якчанд афсонаҳои ҳаҷвиро, ки ба мавзуъҳои муҳаббат ва дӯсти бахшида шудаанд, дида мешаванд. Ин гуна афсонаҳо «Тоҷуннасаб» ва «Писари нақиби Нишопур» мебошанд. Тақрибан солҳои 1507–1509 писари нақиби Нишопур ба шаҳри Ҳирот барои саёҳат меояд. Дар вақти сайру гашт дар Ҳирот бо духтари нозанин ва парипайкари хушманзаре вохурда, ба ӯ ошиқ мешавад ва аз тасвирӣ Восифӣ маълум мегардад, ки бо миёнаравии зане бо номи Тоҷуннасаб бояд онҳо бо ҳам мерасиданд. Дар аввал ин зан бо ҳушёрӣ онҳоро шинос карда, ошиқӣ меварзанд. Аз ҳамин ҷо ҳодисаҳо хислати ҳаҷвӣ мегиранд. Бо ҳушёрӣ ва фиребгарии ин пиразан пӯлу мол ва боигарии писари нақиби Нишопурро гирифта, ӯро ба як духтари дигар ки « як чашми вай монанди донаи ангур аз косахонааш берун баромадагӣ буд ва доғҳои

обилаи нағзак ба рӯйи сиёҳаш аз чашмҳои кафгир « фузун менамуд» хонадор карданд. Восифӣ дар афсонаҳои «Тоҷуннасаб», «Зангирии шоир» воқеаҳои порахурӣ, ришваситонии намояндагони гурӯҳҳои гуногуни табақаҳои ҷамъияти замони худро тавсиф кардааст.

Истифодаи латифа ва афсонаи халқӣ дар эҷодиёти шоир ду аҳамияти калонро бархурдор аст. Аввало Восифӣ дар бораи он ки образҳои фолкрориро ҷамъ орад, заҳмат кашидааст, то онҳоро ба наслҳои оянда ҳамчун ёдгории пурарзиши халқӣ ба мерос монад. Баъдан забони одӣ ва услуби ин гуна офариниши асарҳо барои омӯзиш ва шиносоӣ бо забони давраи мутафаккир маводи фаровоне медиҳад.

Дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ» мо бисёр латифа ва афсонаҳоро дар бораи мавлоно Субҳӣ, Котибӣ, Савдоӣ, Улуғбек Мирзо вомехӯрем. Истифодаи чистонҳои халқӣ дар эҷодиёти Восифӣ ҷои асосиро ишғол мекунад ва дар онҳо андешаҳои пешқадами мутафаккир тасвир ёфтаанд, ки аҳамияти фолклорӣ, илмию фарҳангӣ ва мардумшиносиро доро мебошад.

Чистонҳои шеърӣ дар эҷодиёти мутафаккир ҷои асосиро дорост. Яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи чистонҳои Восифӣ дар муқоиса бо дигар адибони классик дар он аст, ки чистонҳои вай ҳаҷман калон аст. Масалан, чистонҳои «Шатранҷ» ва «Офтоб» аз 14 то 24 байтро ташкил медиҳанд. Аммо чистонҳои Рӯдакӣ, Ибни Ямин, Шарафуддин, Алии Яздӣ, танҳо ҳамагӣ 3–4 байтро ташкил медиҳанду халос. Дигар фарқияти чистонҳои Восифӣ дар онҳо дар шакли ғазал ва қасида низ офарида шудаанд, ба монанди чистони шатранҷ. Чунин хусусиятро мо дар чистонҳои дигар мутафаккирон во нахурдаем.

Имрӯз, ҳам чистонҳое, ки пештар Восифӣ истифода бурда буд, бо каме тағйирот дар байни халқ вуҷуд доранд. Дар масъалаи истифодаи зарбулмасал ва мақолҳои халқӣ Восифӣ аз шоирони пешқадам ва нависандагони классикӣ ақиб намемонад. Қариб тамоми асари ӯро зарбулмасал ва мақолҳои халқӣ зиннат медиҳанд. Восифӣ ба

таври устокорона аз зарбулмасалу мақолҳои халқӣ барои тасвир ва кушодани олами ботинии ҳамзамонони худ истифода мебарад.

Баъзан Восифӣ зарбулмасал ва мақолҳои халқиро аз нутқи қаҳрамонҳои худ меорад ва бо ин симои онро мекушояд. Аз ҷумла, Восифӣ мегӯяд: «Рӯзе дар бозори Ҳирот ман шоир Ҳофизи Ҳусайниро, ки бо лақаби «Ҳофиз Ҳамза» машҳур аст вохурдам. Дар дасти ӯ китоби «Рисолаи муаммо»–и мавлоно Сайфии Бухороӣ буд. Ман аз Ҳофиз Ҳамза илтимос намудам, ки ин рисоларо ба тариқи орият–муваққатан ба ман барои истифода диҳад. Ҳофиз хандид ва гуфт:

Ғори мушу гулоб,–яъне чӣ.

Гӯши кару рубоб,–яъне чӣ? [22, с. 486].

Ин зарбулмасал, ки аз забони Ҳофиз Ҳамза оварда шудааст, моҳияти симои каҳрамонро ба таври пурра мекушояд. Дар пеши назари хонанда худситоӣ, баландназарӣ ва беақлии инсонро нишон медиҳад, ки худро нисбати дигарон бузург меҳисобад.

Ин зарбулмасал имрӯз дар байни халқ қариб истифода намешавад. Бештар чунин зарбулмасал ва мақолҳои халқӣ истифода мешаванд:

Хар чӣ донад маззаи қанду набот,

Турбаи коҳ бошаду кунҷӣ работ [12, с. 77].

Дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ» мақолҳои халқӣ, аз ҷумла « Илоҷи воқеа пеш аз вуқуъ», «Ташна дар хоб об мебинад», «Ҳар, ки зар дорад хурад оби набот», «Оби дарё бо лақидани саг ҳаром намешавад», «Табли пинҳон чӣ занам, ташти ман аз бом афтод», «Кабобро кӣ хурад ҳоким, калтакро кӣ хурад ятим» ва дигарон хеле хуб ва устокорона истифода шудаанд.

Зайниддин Восифӣ санъати мушоара ва мубоҳасаро низ васеъ истифода кардааст. Ба андешаи устод С. Айнӣ бо ҳам шеър гуфтан ба таври мусобиқа, мусобиқаи шоирон дар шеър гӯиро ифода мекунад [119, с. 787].

«Рӯзе дар бозори Атторони Самарқанд бо ҷамъе аз шуаро ва фузало дар дукони муллозода Муҷаллид нишаста будем ва монанди авроқи китоб муҷаллад ба шерозаи мувофиқат бо ҳам пайваста, гуфтугӯи бадеҳа ва мушоара дар миён доштем» [22, с. 154].

Бинобар маълумоти Восифӣ дар шаҳри Ҳирот дар болохонаи дукони амакаш мавлоно Амонӣ, дар хонаи Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишер Навоӣ, дар шаҳри Самарқанд, Бухоро низ дар раста ва дӯконҳои ҳунармандон маҳфилҳо ва ҷамъомадҳои фарҳангӣ баргузор мешуд.

Мубоҳаса ба маънои баҳс кардан дар атрофи ягон масъала, фикру рои гуногун изҳор карданро мефаҳмонад. Маҳфилҳои мубоҳисавӣ дар шаҳри Ҳирот дар хонаи шахсии Абдураҳмони Ҷомӣ баргузор мешуданд. Дар ин нишастҳо ашхоси гуногун иштирок мекарданд. Санъати мушоара ва мубоҳаса, ки ин санъати адабӣ бадеии мардумӣ ба ҳисоб меравад, минбаъд низ идома кард. Дар айёми мо бошад, санъати мушоара ба маҳфилҳои адабӣ мубаддал гардидааст. [119, с. 713].

Ба санъати мушоара монанд, санъати байтбарак дар байни мардуми тоҷик вуҷуд дошт, ки миёни ду шахс баргузор мешуд. Байтбарак ҳамин аст, ки як шахс як байт аз ёд мехонад, охири он бо кадом ҳарф тамом шавад, шахси дуюм байте мехонад, ки авали он бо он ҳарф сар шавад. Ҳамин тавр, байтбарак то он даме идома меёфт, ки яке аз он ду нафар дар ҷавоб додан музтар монад. Нафари музтармонда шахси бойдода ҳисобида мешуд [147, с. 4].

Устод Бобоҷон Ғафуров барои ривоҷу равнақи эҷодиёти даҳонии халқ диққати калон дода, мақоми зарбулмасалу мақолҳои тоҷикӣ, афсонаҳо, таронаҳои халқӣ, латифа ва дигар эҷодиёти халқро чун сарчашмаи асосии илми таърих нишон дода, худ яке аз таҳқиқотчиён ва тарғиботчиёни фолклор ба ҳисоб мерафт [32, с. 169].

Зайниддин Маҳмуди Восифӣ дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ» ба таври васеъ қариб дар тамоми жанрҳои эҷодиёти шифоҳии халқ: афсона, латифа, қиссаю ривоят, чистон, зарбулмасалу мақолҳо қувваозмоӣ

намуда, баъзан дар истифодаи ин санъатҳои баланди адабию бадеӣ маҳорати хеле хуб нишон додааст.

Масъалаи дигари мавриди назари мо қарор дода, масъалаи либосҳои миллӣ мебошад. Тоҷикон аз замонҳои дури гузашта дорои либосҳои миллии хеш мебошанд, ки дар бобати шинохти ҳамаҷонибаи ҳаёти илмӣ, маданӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ниёгонамон мусоидат менамояд. Агар мо ба пайдоиши сару либос ва таҳқиқу баррасии он назар афканем, таърихи пайдоиши сару либос ба рӯзгори қадимтарини инкишофи ҷомеаи инсонӣ рост меояд. Аз ин рӯ, омӯзиши ин масъала аҳамияти хоссаро касб намудааст. Дар байни мардуми соҳибтамаддуни тоҷик ҳунарҳои гуногуни дӯхти сару либосҳои гуногун аз қабили ҷома, чакман, яктаҳ, фута, дастор, тоқӣ, пӯстин, тунбон, курта, рӯймол ва амсоли инҳо пайдошуда ба пешаи ҳунари дӯзандагӣ дар ҳаёти мардумони қаламрави минтақаҳои Осиёи Миёна ва Марказӣ таъсири мусбии худро расонидааст.

Вобаста ба авзои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ одамон сару либосҳоро ба бар мекунанд. Пӯшидани сару либос фарҳанги инсонҳоро нишон медиҳад. Вақте ки шахс ба меҳмонӣ, сайру саёҳат равона мешавад, мувофиқи он либос мепӯшад. Ҳар як халқу миллат либоси миллии худро дорад, аммо робитаҳои байни ҳамдигарии онҳо ба тарзи либоспӯшиашон таъсир мерасонад. Дар дӯхт ва интихоби либос мардуми олам диққати калон медоданд, то ин ки ба тани шахс шинаму зебанда ва ҷавобгӯй бошад. Ба ҷавонон ба бар кардани ҷомаи зардӯзӣ, ҷомаи беқасаб, қандил, миёнбанд, тоқӣ, тунбон, куртаи карбосӣ, ба бонувон ҷома, поҷома, канзул, хилъат, сарандоз, рӯймол, куртаи шоҳӣ ва адрас, тоқӣ хеле зебо мебошад.

Ҳар як сару либос мавқеъ ва ҷойи пӯшидани худро дорад. Дар асрҳои XV ва ибтидои асри XVI ҳар як либос аз нигоҳи мазмун ба ягон маросим ва ё воқеаи муҳиме алоқамандӣ дошт. Дар ин давра дар маданияти либоспӯшии мардум тақлидкорӣ вуҷуд надошт. Мардҳо ва занон ба қаду қомати худ либоси мувофиқ мепӯшиданд. Аз ин рӯ, мо

либосҳои асримиёнагии сарзамини тоҷиконро ба чунин тарз тақсимбандӣ намудем: либосҳои рӯзмарра, идона, тӯёна, азодорӣ, ҷангӣ, шоҳона, сайёҳӣ, меҳмонӣ, сафирӣ, рӯҳонӣ, қозӣ, толибилмон, оташхомӯшкунон, варзишӣ ва ғайра. Либосҳои занҳо, мардон ва кӯдакон аз ҳам фарқ доранд.

Восифӣ дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ» зикр намудааст, ки ҳар як миллат ба худ либоспӯшии хосса дорад. Либоспӯшии тоҷикон аз дигар қавму қабилаҳо дар баробари қаробат фарқ низ дошт.

Каллапӯши кулли халқҳо дар ҳама ҷо аз тоқӣ (туппӣ) ва кулоҳ иборат аст. Дар асари Восифӣ «Бадоеъ–ул–вақоеъ» дар бораи тоқӣ гуфта шудааст, ки «Тоқияи ҳазор бахияи гули шафтолу бар сар касе мегузашт» [22, с. 553].

Дар гузашта ҳар як маҳаллаю минтақа намунаҳои фарқкунандаи дӯхти тоқии худро дошт ва онро бо риштаҳои маҳаллӣ нақшу нигор мекарданд. Чунончи тоқии бадахшӣ дигару тоқии чакани кӯлобӣ дигар аст ва тоқии чоргули зебо, асосан, ба мардуми шимол хос мебошад [138, с. 6].

Дар шаҳри Самарқанд бозори махсус барои истеҳсол ва фурӯши тоқӣ мавҷуд аст, ки мардум ин пешаи аҷдодиро такмил дода, нигоҳ дошта, истодаанд. Дар ин ҷо беҳтарин навъи тоқиҳо, аз ҷумла тоқии чустӣ тайёр ва фурӯхта мешавад.

Тоқӣ, туппӣ яке аз навъҳои маъмули каллапӯши халқҳои Осиёи Миёна, аҳолии ҷануби Қирғизистон, Афғонистон, Эрон ва Туркия мебошад. Тоқӣ аз тора, кизак, абра,ҷияк (шероза,зеҳ) иборат аст. Хелҳои маъмулӣ тоқӣ: чуст, чоргула, ироқӣ, тагдӯзӣ, зардӯзӣ, пӯпакдор, арақчин, духоб, кабуд, тавилбегӣ ва ғайра мебошад [134, с. 931].

Кулоҳ дар асари Восифӣ «Бадоеъ–ул–вақоеъ» дучор омадааст. Чунончӣ: «Агар шахсе кулоҳе ки бар вай зангула ва думи рубоҳ таъбия карда бошанд…. Ё «Қизилбошсифат аз диёри мағриб бо кулоҳи сурхи шафақ…» [22, с. 125].

Кулоҳро аз матоъ ва мӯина, чарм, моҳут, махмал дӯхта истифода мекарданд. Кулоҳи қизилбошии аҳолии ироқ бо зангула ва думи рубоҳ доштан аз кулоҳи мардумони маҳаллӣ фарқ мекард ва хосияти динӣ низ дошт. Қисми болоии каллапӯши туркманҳо, ӯзбекҳо, қароқалпоқҳо бо матои мӯина пӯшонида мешуд, кулоҳи қазоқу қирғизҳо бошад, аз намад, ӯзбеку тоҷикон то давраҳои наздик аз арақчин ба болопӯш–салла бо урфитяти динӣ марбут иборат буд [114, с. 325].

Кулоҳи занона шакли гуногун дошт. Онҳо бештар хусусияти миллӣ ва фарқияти қабилавиро нишон медод. Бахусус, фарқи қабилавиро дар ашёҳои каллапушӣ низ дида мешуд.

Дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ» дар бораи сару либосҳо маълумоти фаровон оварда шудаанд. Ин нишонаи он аст, ки ҳамин халқҳо дар як макон бо ҳамдигар пайваста зиндагонӣ мекардаанд. Сару либоси анъанавии мардумони Осиёи Миёна дар баробари тафовутҳои ба худ хоси миллӣ ва музофотӣ ҳусусиятҳои бисёри умумиро низ дорост.

Ҷомаҳои серпахтаю кампахтаи абраю астардор, ки дар лаби доман, сари остин зеҳ мешинониданд, инчунин, чакмани моҳутӣ, пашмин ва пӯстин либосҳои зимистона ҳисоб мешуданд.

Восифӣ дар бораи ҷома менависад: «Сандуқҳои ҷомаро кушоданд ва ҷомае берун оварданд, аз гиребон то ба домон мурассаъ ба ҷавоҳир. Мир Ёдгор гуфт дар ин ҷома си ҳазор танга харҷ шуда». Ҷома либоси тани аёну ашрофони олӣ низ буд. Восифӣ дар бораи либоси ҳокими Машҳад Айнулқуззот чунин менависад: «Ҷомаи зарбофт дар бар ва тоҷӣ шоҳӣ бар сар ва футаи зардузӣ пӯшида…» [22, с. 176].

Алишер Навоӣ дар бораи сару либоси Абдураҳмони Ҷомӣ чунин навиштааст: «Ҷомӣ бошад, дар тобистон ва зимистон як ҷомаи серпахтаи оддӣ пӯшида, миёнашро аз рӯй бо футаи ҳаммомиён мебаст, нугҳои футаро овезон сар медод. Ба сараш тоқии убайдӣ–каллапӯши сафедӣ бегули самарқандӣ мепӯшид, аз рӯйи вай саллаи хурде мебаст» [2, с. 166].

Ҷомаҳои маъмули ин давра аз ҷомаҳои чинӣ, зарбофт, ҷомаи сиёҳ (туркҳо), ҷомаҳои хос–мулаббас, ҷомаи катон–гули пунбон, ки ҷайб ва тирози он бо зар ва гуҳар музайян буд, ҷомаи кабуд, ҷомаҳои ҳисорӣ иборат буд. Ҷома аз матоҳои гуногуни мушки зафар, атлас ё худ шоҳӣ, балх, банот дӯхта мешуд. Ҷомаҳои беқасабу балхро мардумони минтақаи ҷануб истифода мекард. Аввал қад, триз, остинро бо андозаи муайян чен карда пора менамуданд. Пахтаро ба воситаи пахтапай, паида, дар даруни астари ҷома гузошта, бо риштаю сӯзан медӯхтанд. Қисмҳои ҷомаро ба таври алоҳида–алоҳида дӯхта сонӣ васл менамоянд. Ҷома ду намуд духта мешавад: майдадӯзӣ ва калондӯзӣ. Баъд аз дӯхта тамом кардани ҷомаҳои мардона дар нугҳои остин ва гирдогирди ҷома шероз гузошта медӯхтанд. Аз дохили ҷома кисса ё ҷебак мугузоштанд. Асбобҳои дӯхти ҷома аз сӯзан, ришта ва уймоқ иборат буд.

Пӯстин либоси маъмули мардуми кӯҳистон мебошад, ки дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ» дучор омадааст. Чунончи: «Ҳаво сард буд, пӯстине ба ӯ инъом фармуд», ё ин ки «Ва ишонро ба меҳмондорӣ ба хона талабида аз барои ин камина пӯстини мӯина ва сару пои муносиб ва аз барои ҳар яке аз талаба пӯстини барра ва пироҳан ва тунбони гарм намуда» [22, с. 85].

Шаклҳои маъмули пӯстин инҳоянд: пӯстини самур, пӯстини кешӣ, пӯстини бур, пӯстини барра, пӯстини мӯина. Пӯстини Кешӣ, ки абраҳи он аз атласи хитоӣ иборат буд, дар он давра хеле маъруф буд. Чакман дар асари Восифӣ низ дучор меояд. Чунончи: «Шайхулислом мавлоно шайх Ҳисайнро канор гирифтанд ва чакмани сақирлот, ки дар бар доштанд, бар китфи вай андохтанд».

Чакман либоси мардонаи пешкушоду дарозро гӯянд. Чакманро аз моҳут ё аз матои ғафси пашмин медӯзанд, ки аз болои ҷома мепӯшиданд.

Яктаҳ либоси сабуки тобистонаи мардон аст. Пешкушоди дароз, гиребонаш рост аст. Дар бари пеш ду камарча ё тугма ва сурохии тугмагузаронӣ дорад. Аз карбос, тик, суфи сафед ва матои сабзи рахдор бе астар медӯхтанд. Яктаҳ либоси куҳансолон буд.

Фута либоси миллӣ дар асари Восифӣ дучор мегардад. Чунончӣ: «Фута ва кавш ва фараҷи худро ба вай додам». Фута аз порчаи матои сербари дароз, ки ҳамчун миёнбанд, лунгӣ ё салла истифода мебурданд. Аз матоҳои гуногун тайёр карда мешуд. Ҳамчунин, барои даструймол ва ҷойнамоз низ истифода мебурданд. Футаҳои маъмули асрҳои миёна инҳоянд: футаи зарбофти язидӣ, футаи зардӯзӣ, футаи ҳаммомӣ ва ғайра. Футаро аз рӯи тоқӣ то ба пеши абрувон мепечониданд.

Вобаста ба синну сол подшоҳони шайбонитабор, аз ҷумла, «Мирзо Бойсунғур дар сар дастор мебастанд». Либоси тунбон як навъ шалвори чармини гушигирӣ буда, аксаран паҳлавонон мепӯшиданд. Чунончи: «Подшоҳ фармуд, ки паҳлавонон тунбон пӯшиданд» [22, с. 656].

Фаранҷӣ ё курта либоси рӯ (рӯйпӯш) буда, ҳамчун яктаҳ истифода мешуд. Дар он давра фаранҷии маъмули махмалини қирмизӣ маъруф буд. Либосҳои занон аз курта, поҷома, сарбанд, фаранҷӣ иборат буд. Куртаҳои занона аз духтарона танҳо бо духти гиребон фарқ мекард. Либоси болоӣ аз халат иборат буд. Шакли гуногунранги халат болопӯш ё сарпӯш фаранҷӣ дар байни ӯзбеку тоҷикдухтарон бо чачван (тур аз болои мӯй овезон) рӯйро мепӯшонид, ба бар мекарданд. Бе ин гуна фаранҷӣ онҳо ба берун намебаромаданд.

Либоси тагпӯши мардон аз поҷомаи дароз ва курта иборат буд. Дарозии либоси тагпӯши мардон аз зону поён буд. Дар аксар ноҳияҳо аз болои курта яктаҳ, ҷелаки беастар мепӯшиданд. Яктагҳои пешкушодро ба ҷои курта мепӯшиданд.

Зимни омӯзиши «Бадоеъ–ул–вақоеъ» як идда одамон вомехӯранд, ки танҳо ба ороиши зоҳирии худ машғул буданд. Ин бештар хоси рӯҳониён буд. Масалан, Восифӣ сару либоспӯшиҳои қозӣ Низомуддинро тасвир карда, менависад: «Саллаи худро яке аз паси дигар тобиш ва гардиш дода, ӯро чунон калон сохт, ки монанди чарх буд» [22, с. 912].

Восифӣ дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ» ба тарбияи маънавӣ, ахлоқӣ, пӯшидани сару либос диққати бештар додааст. Либоси тозаю озода ва

мувофиқ пӯшидан шаҳодати маданият, идрок ва ақлу тамизи волои шахс аст. Тафсири сару либос бо хусусиятҳои хоси давр баён ёфта, дар он бештар омехтагии халқиятҳоро дидан мумкин аст. Ба сатҳи маданият, одоб, олами зебоӣ ва ғановати маънавии инсонҳо ва мардумони гуногун аз рӯи либоспӯшӣ метавон баҳои арзанда дод.

Масъалаи дигари мавриди назар қарордодаи мо ин масъалаи хӯрокҳо мебошад. Тоҷикон дар масири таърихи башар дар фарҳанги пухтани анвои таъомҳо ҷой ва мақоми сазоворе доранд. Ҳунари таббохи (таъомпазӣ)–и тоҷикон дар тӯли садсолаҳо ташаккул ёфтааст. Мардуми тоҷик дар гузашта анвои гуногуни таом, нон, ширинӣ, шарбат ва нӯшокиҳоро доштанд.

Асари Восифӣ «Бадоеъ–ул–вақоеъ» дар бораи таърихи таббохӣ ва таомҳо маъхази муътамад мебошад.  Восифӣ дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ» дар бораи навъҳои хӯрокҳои мадумӣ шӯрбо, ош, сихкабоб, кабоб, хӯрокҳои шоҳона чолоб, нӯшокиҳо, навъҳои нон, шириниҳо, шарбатҳо, навъҳои ҳавло, маҳсулоти дар дуконҳо тайёркардашуда, таъомҳои камбағалон нони аз орди ҷуворӣ ва арзан, шурбои сабзавотӣ, кадушӯрбо ва анвои гуногуни таомҳо маълумот додааст. Дар таббохии мардуми тоҷик гӯштбирён, кабоб ва сихкабоб мавқеи махсус доранд.

Тоҷикон муаллифи бисёр асарҳо бахшида ба таом мебошанд. Дар ҳаёти онҳо ғизои гуногуни кабоб, шурбо, ош, шир, ҳавло, қаймоқ, ҷурғот, ширинӣ, газак ва ғайра омода карда мешуданд.

Хӯрокҳои мардумии дар  асри XVI мавҷударо мо аз рӯйи тартиб чунин тақсимбандӣ намудем:

– хӯрокҳои субҳона: як хӯроки гарм, салатҳо, маҳсулотҳои ширӣ, чой, асал, маҳсулоти хамирӣ, меваҳои хушк, шир, қаймоқ, ҳалво, нон, шириниҳо, меваҳои тару тоза гулқанд;

– хӯрокҳои нисфирӯзӣ: як хӯроки тунук, таъомҳои гуштӣ, моҳигӣ, хамирӣ, меваҳо, шарбатҳо, нӯшокиҳо, полезиҳо, баррабирён, мурғбирён, кабоб, сихкабоб;

– хӯрокҳои шом: як таоми гарми ғафси гӯштӣ, сабзавот, ярмаҳо, маҳсулоти ширӣ, нӯшокиҳо, меваҳо, шӯрбо, моҳибирён, ҷурғот, шароб, газак, нуқл ва ғайра дохил карда мешаванд.

Аз рӯи шароити тайёр намудани ғизоҳо онҳоро ба хӯрокҳои хонагӣ, саҳроӣ ва ҷамъиятӣ ва аз рӯи маънию эътибор онҳоро ба хӯрокҳои ҳаррӯза, идона ва маросимӣ тақсим намудан мумкин аст.

Дар ҳаёти мардуми тоҷик дар давраи асрҳои миёна хӯрокҳои гуногун дар рӯзгор ва ошхонаҳои шаҳр ба назар мерасид. Дар тайёр намудани хӯрокҳо шароитҳои таърихӣ, ҷуғрофӣ ва иҷтимоии халқҳо, кадбонувони маҳал ё хонадон, шахсони соҳибкасби бовурчӣ яъне ошпазону ҳавлогарон нақши муҳим мебозиданд. Мардуми тоҷик дорои маданияти қадима ва бое мебошад, чун дигар халқҳо анъана ва таомҳои хоси худро доранд [128, с. 3].

Тоҷикон барои тайёр намудани ғизо матбах (ошхона) ё хонаи ошпазӣ (ошпазхона), яъне ҷои махсус барои омода кардани ғизоҳоро доштанд, ки дар асари Восифӣ ошпазхона ишорат гардидааст. Восифӣ дар бораи бовурчӣ Абу Малеҳ ва хӯрокҳои тайёр намудаи ӯ маълумоти ҷолибе додааст. Дар шаҳри Ҳирот дар асри XVI калони ошпазонро бовурчӣ мегуфтанд.

Хӯрокҳои хонагӣ, ҷои хӯрокпазӣ, зарфҳои хӯрокгирӣ, таомкашӣ, гӯштро намак додан ва хӯрокро пухтан маҳорати махсуси касби пазандагиро талаб мекард. Барои хӯрокҳои ҷамъиятӣ ҳама ошпаз шуда наметавонист. Бар замми ин ҳаҷми хӯроки ҷамъиятӣ аз хӯроки хонагӣ фарқ дошт. Зайниддин Восифӣ дар рафти баёни хӯрокҳои хонагӣ ва ҷамъиятӣ, маҳорати махсуси таомтайёркуниро баён кардааст, ки ин раванд, то ба ҳол дар байни мардуми Шарқ равнақ дорад.

Яке аз хӯрокҳои маъмули мардуми тоҷик дар асри XVI ош буд, ки Восифӣ дар хусуси он ва тайёр шуданаш изҳори ақида кардааст. Таъоми ош дар ошхонаҳои шаҳр ва дар хонадони мардум омода карда мешуд. Ошро аз маҳсулоти растанӣ, биринҷ, нахуд сабзӣ ва гӯшт тайёр мекарданд.

Тарзи тайёр кардани ош чунин аст: ба дег равған андохта, онро метафсонанд. Баъд гӯштро меандозанд. Баъд аз сурх шудани гӯшт, сабзиро андохта, таф медиҳанд. Намак ва каме зира меандозанд. Пас аз ин ба дег об мерезанд ва нахуд андохта 10–15 дақиқа мечӯшонанд. Баъди ҷӯшонидани ҳамаи онҳо биринҷро ба дег андохта, то хушк шудани об мечӯшонанд. Баъди хушк шудани об ошро дам меандозанд. Ош 45–50 дақиқа дам мехӯрад. Дар вақти дамдодани ош байни онро бо дастаи кафгир сӯрох намуда, думбаи гӯсфанд, сир, ғуруки зелол, зарчӯба меандозанд. Пас аз дам хӯрдани ош онро канда, бо сабзӣ ва гӯшт омехта карда, барои тановул дар табақҳо мебардоранд. [134, с. 421].

Дар тайёр намудани ош чунин зарфҳо: дег, таҳдегӣ, кафгир, тахтачаи гуштмайдакунӣ лозим мегардад. Имрӯзҳо дар байни мардумони тоҷик ва ӯзбек ош ғизои маъмул ба ҳисоб меравад. Дар минтақаи шимол ва ҷанубии мамлакатамон дар вақти баргузории маросимҳои тӯю хайру садақот ба аҳолӣ ош медоданд. Дар асрҳои XV ва XVI аҳолӣ аз биринҷ таъомҳои дигар ба монанди шавла, ширбиринҷ, мастоба, биринҷова низ тайёр мекарданд.

Барои истеъмоли баъзе ғизоҳо дар ин давра мардум хуришҳои гуногун (салат) омода мекарданд. Дар луғатҳо салат чунин шарҳ дода шудааст: «Салат–(аз италиявӣ салато–шӯр, намакдор)–хӯроки хунуки аз бодиринг, помидор, кабудӣ, гӯшт, тухм ва ғайра тайёр кардашуда». Салатҳо ва газакҳо дар таркиби таомҳои тоҷикӣ ҷои махсусро ишғол мекунанд. Онҳоро ҳамроҳ бо таомҳои гарми ош, кабоб, сихкабоб ва ғайра дар хӯрокҳои чошт ва шом медоданд [125, с. 274].

Таоми дигаре, ки дар байни мардуми тоҷик маъруфият дорад ва он бештар ба хотири меҳмонони хосса ва иззатманд омода карда мешавад, баррабирёну мурғбирён аст.Чунончи: «Баъд аз чанд рӯз он ҷавони қассоб хони барраи бирёнтартиб карда ҳамроҳи хоҷа пеши фақирон омада…» [22, с. 90].

Тарзи тайёр намудани мурғбирён ва баррабирён монанд аст. Миқдори муайяни равғанро дар дег ширин карда, баъд гӯшти барра ё

мурғро андохта толаҳзаи сурх шудан меҷӯшонанд. Баъди сурх шудан аз равған гирифта, майда карда бо пиёзи хом истеъмол мекунанд.

Парвариши чорвои калони шохдор манбаъи асосии гӯшт ва шир буд. Шир ва маҳсулоти аз шир омодакардаро мардуми тоҷик ба таври васеъ истифода мекард. Аз шир таомҳои гуногуни ширчой, ширкаду, ширравған тайёр мекунанд. Аз маҳсулоти шири турш чунин хӯрокҳо ба монанди ҷурғот, чакка, дӯғоба, қурут тайёр мекарданд.

Восифӣ дар асари худ таомҳои аз шир омодашударо дар рӯзгори мардуми Хуросону Мовароуннаҳр бо кадом сабаб бошад, ҳатто номҳои онҳоро зикр накардааст.

Ширчой таъоми хоси мардуми кӯҳистони тоҷик аст. Ширро бо об ва каме чойи кабуд ё решаи каҳвар якҷоя меҷушонанд. Баъди ҷӯшонидан ширчой тайёр мешавад ва бо нон истеъмол карда мешавад. Ҳоло дар Бадахшон як пиёла шири бузро бо об ва каме чои қоқ дар зарфи чойнӯшӣ меҷӯшонанд, ки дар натиҷа ширчой тайёр мешавад. Таъму лаззати ширчойи бадахшӣ, лаззати ширчойӣ кӯлобиро надорад. Сабабаш дар он аст, ки шири буз тунук аст ва вақте, ки онро ба об андохтанд, боз тунуктар мешавад. Шири гов бошад, нисбатан ғафс аст ва, аз ин, рӯ таъми ширчойӣ бадахшӣ аз ширчойӣ кӯлобӣ фарқ дорад.

Ширруған ширро ҷӯшонида, баъд ба он каме маска ё равғани зард омехта, дар табақу лаълӣ кашида, бо нон истеъмол мекарданд.

Ширбиринҷ биринҷро бо каме об омехта карда меҷӯшонанд ва баъд аз оне ки биринҷ нимпаз шуд, ба он шир ва каме намак ҳамроҳ намуда, то пухтан бо кафгир кофта меистанд. Сипас, таомро дар табақҳо кашида, ба рӯяш равғани зард мерезанд.

Ширбат аз равған, орд, шир намак тайёр мешавад. Равғанро бо орд ҳамроҳ карда, мекобанд то ин ки омехта шуда, сурх шавад. То тайёр шудан онро бо қошуқ мекобанд, то ин ки сахт нашавад. Вақте ки ба ҷӯш омад, онро дар зарфҳо кашида, истеъмол мекарданд.

Ширкаду ё ин ки кадубашир аз шир, каду, намак ва об иборат аст. Кадуро майда карда дар дег меандозанд ва ба он каме об ҳамроҳ карда

меҷӯшонанд. Ба он шир ва намак низ ҳамроҳ мекунанд. То ба дараҷае меҷӯшониданд, ки каду шира дода пазад. Ин таомро дар тамоми фасли сол тайёр намудан мумкин буд.

Гардоб аз равған, шир, намак ва об тайёр карда мешуд. Миқдори муайяни равғанро бо каме орд дар дег андохта мекобанд то ин ки гард сурх шавад. Пас аз сурх шудани гард ба он каме об, шир ва намак меандозанд. То ҷӯш омадани гардоб онро мекобанд, то он вақте ки гард дар об ҳал шавад. Ин таъомро дар ҳама фасли сол субҳгоҳон тайёр намуда, истеъмол менамуданд.

Таоми дигар ҷурғот аст. Дар ин бора Восифӣ чунин ишорат намудааст: «(Ва) пеши ман маҳзаре аз нон ва ҷурғот ҳозир кард». Ҷурғот аз шир тайёр мешуд. Миқдори муайяни ширро ҷӯшонида сард карда, ба он як ё ду қошуқ ҷурғоти пешина омехта карда, дар зарфҳо рехта болояшро бо ягон мато мепечониданд. Баъди гузаштани ду–се соат ҷурғот омода мешавад. Дар шаҳри Ҳирот бо номи ҷуғрот ва дар водии Кӯлоб бо номи ҷурғот машҳур аст. Ҷурғотро нисфирӯзӣ ва шомгоҳон истеъмол мекарданд.

Дуғ аз ҷурғот ҳосил карда мешавад.Ҷурғоти тайёршударо дар чахдег меандозанд. Бо чахчӯб, ки аз чахник, тир ва тасма иборат аст, мекашанд. То он даме кашида мешавад, ки маска дар болои дуғ ҷамъ шавад. Баъд аз он ки маска ҷамъ шуд, онро бо қошуқи чӯбин гирифта, дуғи кашидашударо дар халта рехта нигоҳ медоранд, то он вақте ки обаш тароваду дуғи тоза боқӣ монад. Об, ки таровид, дуғ сахт мешавад, онро чакка меномиданд. Чаккаро бо намак ҳамроҳ карда, мисли хамир омезиш медиҳанд. Ба андозаи муайян бо кафи даст дуғи сахтро молиш дода, қурут тайёр мекарданд.

Восифӣ дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ» дар бораи шӯрбо чунин ишорат намудааст: «Монанди нахуде, ки ба шӯрво фиканандаш». Шӯрбо таоми миллии мардуми тоҷик аст. Баъди доғ кардани равған дар дег аввал гӯшт, баъд пиёзу помидорро сурх карда, ба дег об меандозанд. Вақте ки об ҷӯшид, ба он сабзавоту намак илова карда, дар оташи паст як соат

меҷӯшониданд. Шӯрборо ба табақ кашида, ба рӯяш кабутӣ пошида, истеъмол мекарданд [25, с. 104].

Хомшӯрбо таоми мардуми тоҷик аст. Пораҳои хоми гӯшти серравғани думбаро ба деги обдор андохта оҳиста–оҳиста меҷӯшониданд. Бо кафгир кафки рӯйи дегро гирифта меистанд. Си–чил дақиқа пеш аз пӯхтани гушт ба дег сабзӣ, шалғам, пиёз, қаланфур, занҷабил, зира, баъди 15–20 дақиқа картошка, намак, андаке мурчро андохта меҷӯшонанд, то ин ки маззадору ширадор гардад.

Дар ҷашни Наврӯз, иди Рамазон ва Қурбон аҳолӣ ду намуди ҳавло: ҳалвои сурх ва ҳалвои сафед тайёр мекарданд, ки ин ҳавлоҳо дар байни халқ бо номҳои ҳавлои сурхак ва сафедак машҳуранд. Дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ» Восифӣ дар бораи ҳалво ишорате кардааст. Чунончи: «Дар бозори Чаҳорсӯи Нишопур омадам, дӯкони ҳавлогаре дидам, ки бо он оростагӣ ҳаргиз надида будам». Ё дар ҷои дигар чунин навиштааст: «Устоди ҳавлогар табақчае аз ҳавло пеши ман овард» [22, с. 88].

Дар шаҳрҳои Ҳирот, Нишопур, Машҳад, Тошканд, Самарқанд, Бухоро дуконҳои ҳавлогарӣ мавҷуд буданд. Ҳавло аз равған, орд, қанд тайёр карда мешуд. Аввало равған ва баъд ордро дар дег андохта мекобанд, то он даме, ки гард сурх шавад. Баъди сурх шудани орд онро аз рӯйи оташ гирифта, дар табақ мерезанд ва бо кафи даст кафмол мекарданд. Раванди кафмол то сурх шудани орд давом мекард. Баъди сафед шудани орд қанди майдаро андохта, боз кафмол мекарданд, то ки қанд бо орд омехта гардад. Ҳавлои қадима ва болаззат ҳавлои Самарқанд буд. Ҳавло хӯроки миллии мардуми тоҷик маҳсуб ёфта, бештар барои тӯйю ҷашнҳо тайёр карда мешуд. Дар маросими тӯйи тоҷикон ҳавлобарӣ ном як расме мавҷуд аст, ки дар рӯзи дуюми тӯй аз хонаи арӯс ба хонаи домод ҳавло мебурданд. Чанд намуди ҳавлоҳо маълум аст: ҳавлои сафедак, сурхак, ҳавлои ширру шакар ва ғайра.

Ширинӣ хӯришест, ки аз тут, ангур ва меваҳои дигар тайёр карда мешуд. Миқдори муайяни тутро дар халтаи аз сон дӯхташуда андохта,

меҷафанд. Вақте ки оби тут аз баҷааш ҷудо шуд, онро полонида дар дег меандозанд ва меҷӯшонанд. Вақте ки ширинӣ ҷӯшида ғафс мешуд, аз болои оташ гирифта, баъди хунук кардан дар зарфҳо гирифта, дар ҷойи хунук, аз ҷумла, таҳхона нигоҳ медоранд. Ширинии ангурро низ ҳамин тавр тайёр мекарданд.

Нон яке аз анвои ғизоҳои тоҷикон маҳсуб меёфт. Ҳамаи халқҳои Осиёи Миёна аз нон васеъ истифода мебаранд. Нонро аз орди гандум, ҷав, ҷуворӣ ва арзан, нахуд низ мепазанд. Дар ибтидо тоҷикон нонро дар тобаи сангӣ мепухтанд. Нонҳои тоҷикиро ба ғизои мардумони дар водӣ ва кӯҳистон тақсим менамоянд. Тарзи пӯхтани нон дар ноҳияҳои кӯҳӣ дар оташдон ё танӯр ба роҳ монда мешуд. Аз рӯйи шакл ва ҳаҷм нонҳо аз ҳам фарқ доранд.

Нонҳоро дар танӯр мепӯхтанд. Танӯр дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Восифӣ дар 5 ҷой дучор омадааст. Чунончи: «Танӯри тунукипазӣ дар гӯшаи айвон ниҳода буданд». Танӯрро дар пеши айвону ошхона аз гил, коҳ ва регсанги майда месохтанд, баландиаш 1метр ва қутри даҳонаш 60–70 см ташкил медод [25, с. 540].

Нон аз орди гандум, ҷав, нахуд, арзан, ҷуворимакка пӯхта мешуд. Дар ибтидо мардум бештар аз нонҳои товагӣ истифода мекарданд, ки онро дар саҳро мепухтанд. Ин навъи нонро кумоч меномиданд. Дар асари Восифӣ дар ин бора чунин ишорае пайдо кардем: «Хокистаре, ки дар таҳи ӯ пухта шуд қумоч». Ин навъи нони ғафсро дар саҳро дар болои тахтасанг бо лахчаи оташ мепазанд. Танӯр дар асрҳои миёна ё шояд барвақттар пайдо шудааст. Восифӣ дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ» дар бораи нони тунукӣ (саҳ.1066 – 1083) ва фатири хом (саҳ.798) маълумот додааст. Чунончи, Восифӣ дар бораи нон чунин навиштааст: «Ва пеши ман маҳзаре аз нон ва ҷурғот ҳозир кард» [22, с. 183].

Дар асри XVI зиёда аз 10–15 намуди нон истифода бурда мешуд. Тарзи тайёр намудани нон: Як табақ ордро аз элак гузаронида, дар табақе оби гарм, каме намак ва хамиртуруш андохтаякҷоя онҳоро мехеланд. Хамиртуруш ин хамирест, ки ду рӯз пеш гирифта шуда, дар

зарфе нигоҳ дошта мешуд. Хамиртуруш барои тезтар варамидани хамир ёрӣ мерасонид. Баъд аз ҳал кардани хамиртуруш дар об ордро меандозанд. Орди дохили табақро бо даст мехелиданд. Баъд аз хелидани орд онро печонида ду–се соат нигоҳ медоранд, то ин ки расад. Хамири расидаро зувола гирифта, рост мекарданд ва мухпар зада, дар танур часпонида мепухтанд. Дар косае намакоб гирифта ба болои нон мепошанд.

Нони хамирии гирдча қутраш 30–40 см. ва ғафсиаш 2–3 см. буд. Нони ғафс 50–60 см. ва ғафсиаш 5–6 см. аст. Нони тунукиро аз орди гандумии навъи сафед ва фатири хомро аз орди сиёҳ омода мекарданд. Хамири нони тунукиро мулоим мехелиданд ва зуволаи онро майда гирифта, рост мекарданд. Рафидаи нони тунукӣ калонтар мебошад, ки вайро бо даст дар болои рафида тунук карда, гирдашро чида мепазанд. Ғафсии нони тунукӣ 0,5 см. ва қутрашон 50–60 см. пӯхта мешуд, ки онро чаппотӣ меноманд. Хамири нони фатирро сахттар мехеланд ва мухпар мекарданд. Фатирро аслан дар фасли зимистон барои таомҳои қурутоб, шакароб, фатирмаска истифода мебаранд. Нонҳои тунукиро бошад, дар ҳама фаслҳои сол мепазанд ва истифода мебаранд [41, с. 17].

Шаклҳои нон: гирдача, нони ғавсак, чаппотӣ, нони ҷавӣ, кулча, товасангӣ, омоч, тагиалобӣ, сатригӣ, фатир, хамфатир, фатири ҷаззадор, фатири пиёздор, фатири ҷавин, кулчафатир ва ғайра мебошанд, ки дар гузашта ва имрӯз низ дар ҳаёти мардумон ба таври васеъ истифода бурда мешуданд. Дар байни тоҷикон маросимҳое чун нонбандон, кулчапазон, суфракушоён ва ордбезон ба мақсади дастаҷамона пухтани нон дар ҷашну маросимҳо дида мешаванд. Меваҳои зиёд аз қабили анор, биҳӣ, амруд, зардолу ва ғайра аз ҷониби мутафаккир инъикос ёфтааст [25, с. 67].

Ҳамин тариқ, дар натиҷаи таҳқиқи зербанди дуюми боби сеюм – «Инъикоси санъати мусиқӣ ва этнографӣ дар асари таърихии «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Зайниддини Восифӣ имконият дод, ба хулосаҳои зерин омадем:

Моҳияти илмии асари «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Зайниддини Восифӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этнографии асрҳои XV-XVI оид ба намунаҳои осори санъати халқӣ, адабию бадеӣ ва дигар ҳунарҳои фолклорӣ, ки хоси мардуми сокинони вилоятҳои Хуросону Мовароуннаҳр буданд, дар ҳоли рушд қарор дошта, бо ҷаззобӣ, гуногунрангӣ ва тарзи иҷроиши хоси худ аз дигар минтақаҳои ҳамсоя ба куллӣ фарқ мекард.

Асари «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Зайниддини Восифӣ ҳамчун сарчашма ва осори нодири таърихӣ оид ба сару либос нишон дода шудааст, ки бо шакл ва намудҳои гуногуни худ аз ҳамдигар фарқ мекарданд ва вобаста ба мавсими сол мавриди истифода қарор мегирифтанд.

## 3.3.Инъикоси суннатҳои мардумӣ ва анъанаҳои миллӣ дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ»

Яке аз масъалаи мавриди омӯзиш қарордодаи мо дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Зайниддини Восифӣ ин маросими тӯйи арӯсию домодӣ мебошад. Ҷашни арӯсии тоҷикон дар ҳаёти маънавию иҷтимоӣ мақоми махсусро ишғол мекунад. Ин маросим намунаи барҷастаи иҷтимои созии муносибатҳои оилавӣ аст. Иҷтимоисозӣ дар маросимҳои марбут ба таваллуди кӯдак, хатнатӯй ва мӯйсартарошон низ баръало мушоҳида мешавад [105, с. 7].

Мақсади асосии тӯйи арӯсию домодӣ аз бо ҳам пайвастани сарнавишти ду ҷавон иборат аст. Ин анъанаи миллӣ дорои ҷиҳатҳои педагогию психологӣ буда, ҳиссиёту ҳаяҷон, хурсандӣ, баробарии зану мард, ташкили оила, уҳдадории мард, инсондӯстиро ифода мекунад. Вожаи тӯй аз забони туркӣ гирифта шуда, маъноӣ ҷашн, ид, маросими хурсандӣ, ки ба муносибатӣ арӯсӣ барпо мегардад, ифода мекунад [133, с. 182].

Яке аз масъалаи мавриди омӯзиш қарордодаи мо дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Зайниддини Восифӣ ин маросими тӯйи арӯсию домодӣ мебошад. Ҷашни арӯсии тоҷикон дар ҳаёти маънавию иҷтимоӣ мақоми махсусро ишғол мекунад. Ин маросим намунаи барҷастаи иҷтимои созии муносибатҳои оилавӣ аст. Иҷтимоисозӣ дар маросимҳои марбут ба таваллуди кӯдак, хатнатӯй ва мӯйсартарошон низ баръало мушоҳида мешавад [105, с. 7].

Маросими тӯйи тоҷикон аз рӯйи анъанаи миллӣ ба чунин давра тақсим карда мешавад: хостгорӣ, тӯйи фотиҳа, қалинг ё туқузбарӣ, никоҳ, рӯйбинон.

Қадами нахустини тӯй аз хостгорӣ шуруъ мегардад. Хостгорӣ дар асари Восифӣ «Бадоеъ–ул–вақоеъ» дучор гардидааст, ки «...ба хоҷаи бозаргон гуфт, ки бархез (ва) Табрез рав ва фалон духтар, ки мазкур шуд (аз барои ин писар) хостгорӣ кун» [22, с. 807].

Нақши хостгорон дар бунёди оила бузург аст. Хостгорон аз ду нафар зан ва мардони рӯзгордида иборат буда, барои интихоби арӯс мебаромаданд. Онҳо барои розӣ кунонидани падару модари духтар нақш мебозиданд. Пурсуҷӯи онҳо тӯл мекашид. Онҳо дар ҷустуҷӯи духтари зебо ва қоматбаланду тарбиядида мебаромаданд.

Духтари боинтизом, боадаб, бошарму ҳаёро келин интихоб менамуданд. Ҷустуҷу ва интихоби арӯс моҳҳо ва баъзан солҳо давом мекард. Зарбулмасали «Хока гирӣ аз хоктӯдаи баланд гир», «Як дар баста сад дар кушода» дар вақти интихоби арӯс ва духтаркобӣ дар байни тоҷикон бештар маълум буданд. Мурод аз «хоктудаи баланд» оилаи сарватманд ва ба обрӯй аст. Хостгоронро дар водии Кӯлоб ва Варзоб духтархушкун, авсақол, дар Суғд, Самарқанд ва Ҳисор завҷӣ, дар ноҳияи Айнӣ духтарталб, дар Қаротегину Дарвоз гапрасон, хостгор меноманд.

Риштаҳои дӯстии ду тараф, арӯс ва домодро ба воситаи хостгорон барпою мустаҳкам мекарданд. Қадами нахустини хостгорӣ баъди ризоияти падару модари арӯс ба маросими нонշиканон анҷом меёфт. Дар замони зиндагонии Восифӣ шахси хостгор хароҷоти тӯй ва қалинги (маҳри) духтарро муайян карда, аз натиҷааш ба падар ё домодшаванда хабар медод. Дар бораи маҳри духтар Зайниддини Восифӣ дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ» чунин ишорате дорад: «Маҳрия ба панҷоҳ ҳазор танга ва дувист ман абрешиму панҷ хонавор бардаи туркия ва ҳиндуя ва панҷ гилеми маҳфурӣ қарор ёфт» [25, с. 510].

Дар ҳолати навишта додани хароҷоти тӯй ба дасти хостгорон он бояд иҷро мешуд. Чунончи: «Равед ва панҷоҳ калла қанд ва панҷ ман қарз лиму ва панҷ ман нахуди қандӣ гиред, баъд аз он ба бозори гӯсфанд рафта, панҷоҳ гӯсфанди фарбеҳ гирифта биёваред ва бист суф мураббаъ ва панҷоҳ (тоқ) зарбофти навъи олӣ бихаред» [22, с. 978].

Маросими дигаре, ки дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ» ишорат шудааст, фотиҳа мебошад. Маросими фотиҳаро дар водии Ҳисор туқузбарӣ, фотиҳадиҳӣ, дар Суғд, Бухоро ва Самарқанд фотиҳа ё тӯйи фотиҳа меноманд. Ба ин муносибат дар хонаи арӯс таъомҳои гуногун мепухтанд.

Фотиҳа ин пайвасти ибтидоии риштаи дӯстии ду оила буда, рафту омади қудоён баъди он ба таври расмӣ оғоз меёбад.

Ин маросим аз гирифтани қалинг барои арӯс иборат аст. Пардохти қалинг барои арӯс дар асри XVI байни мардуми тоҷику ӯзбекҳо дида мешуд. Дар вақти гирифтани қалинг ҷиҳатҳои иҷтимоию иқтисодии ду тараф ба инобат гирифта мешуд. Давраи аввали маросими қалинг аз қинғолбозӣ, рӯйпанаҳкунӣ, парчабуррон, маслиҳати тӯй, қалингбарӣ; даври дуюми он бошад, аз қоидаҳои сартарошони домод, саршӯёни арӯс ва никоҳ иборат аст.

Никоҳ дар байни зан ва мард баста мешуд. Дар ин бора Восифӣ менависад, ки «Мавлоно Тойибӣ он занро ба вай никоҳ кард». Аксар маврид бастани никоҳ дар хонаи арӯс ба иҷро мерасид ва таѓо ва наздикони арӯс дар он иштирок мекарданд. Ин вазифаро домуллоимомӣ маҳалла бар ухда дошт. Домулло арӯсу домодро дар арӯсхона рӯ ба рӯ шинонида, хутбаи никоҳро хонда тамом мекард. Дар никоҳ бастан ду нафар шоҳиди мард шарт аст.

Ин суннати пайғамбари ислом Ҳазрати Муҳаммад (с) аст. Тибқи таълимоти дини ислом ва насиҳати паёмбар Муҳаммад (с) фармудааст: Издивоҷ кардан суннат аст ҳар, ки тарк кунад аз уммати ман нест. Ибтидо аз духтар мепурсиданд. Шумо бинти фалонӣ нафсу нафисаи худро ба ҳамин ҷавони ҳозир истода фалонӣ ибни фалонӣ бе ягон маҷбурият ваколатан бахшидед. Домулло ё шахси онро ивазкунандаи донишманди аҳли ислом ин ҷумларо бо овози баланд се бор такрор мекард. Духтар, «Тану нафсамро бахшидам» мегӯяд. Боз мард Шумо ибни фалонӣ бинти фалониро ба занӣ қабул кардед. «Ҳа қабул кардам мегуфт». Бо ҳамин ақди никоҳ ба анҷом расида, онҳо зану шавҳари расмӣ мегардиданд.

Мақсад аз бастани ақди никоҳи байни зан ва мард аз он иборат буд, ки мард уҳдадор буд, ки занро то муддати муайян танҳо нагузорад, бо хӯрок ва пулу мол таъмин намояд. Ба ӯ ҷабру зулмро раво набинад ва ғайра. Муаррихи тоҷик А. Ҷалилов дар таҳқиқоти хеш дар мавриди

бастани ақди никоҳ чунин менависад: «Мусулмон ҳуқуқ дошт, танҳо бо мусулмонзан хонадор шавад. Никоҳи байни мусулмон ё мусулмонзан бо шахси дигар  пайрави дини баръакс манъ карда мешуд. Дар он сурат иҷозат дода мешуд, ки агар охирин исломро қабул  намояд ва мусулмон гардад» [36, с. 33].

Дар замони зиндагонии Восифӣ талоқ, яъне роҳи ҷудошавии мард аз зан вуҷуд дошт. Дар ҳолати боҳам созгор наомадани ду тараф  мард занашро талоқ медод, дар ҳолате ки шоҳидон бошанд. Чунончи: «Шайх фармуданд, ки маро маблағе харҷ шуда, он зан гуфт, ки ду миқдор он чӣ харҷ шуда, аз моли ман гир ва маро талоқ деҳ» [22, с. 711].

Занон дар тобеияти мардони оила қарор доштанд. Талоқ ин роҳи ҷудоии зан аз мард ва мард аз зан буд. Баъди ҷудоӣ онҳо метавонистанд аз нав хонадор шаванд. Лекин лаззат ва ширинии ҳаёти аввалаи хешро пайдо намудани тарафайн хеле мушкил буд. Зани талоқ гирифта, дар ин давра то ба никоҳи дигар мард намедаромад, никоҳ ба шавҳари аввалааш ҷоиз ҳисоб намешуд ва фарзандони аз ин зан тавлидёфта ҳаромӣ ҳисоб мешуданд. Агар тарафҳо баъди гузашти муддати муайян пушаймон шуда, ба идомаи зиндагонӣ майл дошта бошанд, аз нав никоҳ баста рӯзгорӣ хонадориашонро идома медоданд.

Масъалаи дигаре, ки мувофиқ ба шариат ба роҳ монда шуда буд, ҳалола мебошад. Чунончи: «Ҳазрати султон ба муходим гуфтанд, ки равед ва ҳамчунон созед, ки ин зан ба шавҳари худ ҳалола шавад». Ҳалола ин роҳи бо ҳам ҳалол будан, дуруст будан аз нуқтаи назари шариат ва қонун ва ризои худ расидани зани талоқгирифта мебошад, ки имрӯзҳо дар байни  мусулмон вуҷуд дорад [22, с. 366].

Ба андешаи мо, дар давраи асримиёнагии феодалӣ амалҳои зиёди дар пойбанд нигоҳ доштани инсонҳо дида мешуд, ки ин ҷиҳати манфӣ мебошад.

Токарев С. А. дар бораи ҳаёти оилавии мардуми Осиёи Миёна чунин овардааст: «Тамоми ҳаёти оила тибқи одат ва ҳуқуқи мусулмонон (шариат) ба тартиб андохта мешуд. Дар оила яккасардор мард ба ҳисоб

мерафт. Занон ягон хел ҳуқуқро доро набуданд. Кори асосии онҳо ба шавҳар итоат кардан буд. Аҳволи занон ниҳоят вазнин буд. Дар оянда тамоми вазнинии кори хонаро бар зимма дошт. Аз ҳаёти ҷамъиятӣ зан комилан дар канор монда буд». [114, с. 310].

Дар аси XVI урфу одатҳои тӯй аз қоидахои гуногун ва вазнини иқтисодӣ издивоҷ, хостгорӣ, фотиҳа, никоҳ, тӯй, талоқ, ҳалола иборат буда, дар гузаронидани тӯйҳо дар ҳаёти мардумон тибқи урфу одатҳои исломӣ гузаронида мешуданд. Бисёре аз суннатҳои хислати динӣ доштаи маросимҳо дар айни замон арзишҳо ва хусусиятҳои баргузории худро ба куллӣ дигаргун кардаанд.

Дигар масъалаи мавриди омӯзиш қарордодаи мо одоби меҳмондорӣ мебошад. Дар бораи одоби меҳмондории мардуми Хуросону Мовароуннаҳр «Бадоеъ–ул–вақоеъ» ҳамчун сарчашмаи таърихӣ аҳаммияти бузурги этнографӣ дорад.

Давраи Темуриён анъанаҳои қавмӣ таърихии халқи тоҷик аз диди нав идома менамуд. Дар ин давра бо мавҷудияти анвои фаровону гуногуни таомҳо, маърифати баланди меҳмонпазироӣ, дастархондорӣ ва одобу ахлоқи меҳмониравӣ сайқал меёбанд. Тағйироти ҷиддӣ дар ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсию фарҳангии минтақаи Осиёи Марказӣ ба амал омада, ба одоби меҳмондорӣ низ таъсири ниҳоят ҷиддӣ мегузошт.

Пазироии меҳмон ҳунари ҷолибу санъату фарҳанги хосаро талабгор аст. Халқи тоҷик меҳмонро атои Худованд ҳисобида, азиз ва муътабар медонанд. Чун меҳмон вориди манзили онҳо шуд, хуш истиқбол намуда, «хайра мақдам» гуфта, ба ҳуҷраи алоҳида меҳмонхона бурда, аз ҳолу аҳвол, хешону пайвандон пурсон шуда, ба дасташ об рехта, ба нишастан таклиф менамоянд. Курпаву курпача, болишт ва рӯйҷову сачоқу сачоқҳои наврο барои меҳмон мегузоштанд. Мизбон, ё соҳиби хона ҳатман ҳурмату эҳтироми меҳмонро ба ҷой меовард.

Вобаста ба инкишофи муттасили инсону ҷомеа тарзи меҳмондорӣ ва меъёрҳои ба танзим даровардани он низ пайваста инкишоф меёбад. Одоби меҳмондорӣ дар ҳама давру замон дар доираи меъёрҳои

муайянгардида сурат мегирифт. Барои хӯроки субҳонаи меҳмон атола, ширбиринҷ, ширчой, ордбирён, далда, дангича, тухмбирён, барои наҳор ва чошт, зуҳр, пешин шӯрбо, чой, шарбат, нӯшоба, ҳавлоҳо, ширинӣ, кулчаҳо, мураббо, меваҷоти тару хушк, мағзу мавиз ва ғайра гузошта хоҳанд шуд. Ду навъи чой кабуд ва сиёҳ низ дар сари дастархон мегузоштанд.

Меъёри меҳмоннавозӣ, дар сари дастархон нишастан, хурдани таъом, нӯшидани чой ва қаҳва аз шахс одоби махсусро тақозо дорад. Дар асрҳои миёна низ расмияти хуби меҳмоннавозӣ роиҷ буд. Меҳмони олиқадр ва аъзоёни ҳайати ҳамроҳикунандаи вай дар қароргоҳи ҳокимон ҷойгир карда мешуданд. Дар болои қароргоҳ ба шарафи меҳмонон, парчам афрохта мешавад, ки ин нишони лутфу марҳамат ва пазироии хуб нисбат ба онҳоро нишон медод.

Маданияти муошырати этнографию маишӣ аз ҳама бештар дар деҳот рӯшантар ба назар мерасад, зеро дар он ҷо ҳама якдигарро хуб мешиносанд, анъанаҳо пойдортаранд, расму русуми гузаштагон риоя карда шуда, одатҳои хуби  миллии ниёгонро идома медиҳанд ва афкори умумии хешовандон, ҳамсояҳо ҳамдеҳагонро ба назари эътибор гирифта, дар сомондиҳии онҳо аҳаммияти ҷиддӣ медиҳанд.

Халқи тоҷик як зумра мақолу зарбулмасалҳое офаридааст, ки дар онҳо масъалаҳои одобу ахлоқ инъикос шудаанд: «Ҳар кӣ меҳмонро гиромӣ мекунад, кӯшише дар некномӣ мекунад», «Меҳмон аз падарат бузургтар аст», «Меҳмон атои худост» ва ғайра.

Восифӣ дар хусуси меҳмондории мардумони шаҳри Ҳирот чунин ишорате кардаанд, ки «…хоҷа Абулфазл фақирро чиҳил рӯз дар Фароҳ нигоҳ доштанд, чунон хизматҳо, такаллуфҳо ва меҳмониҳо карданд, ки подшоҳонро он гуна меҳмонӣ муяссар намешуд… аз Фароҳ то он ҷо ним фарсах роҳ буд, ҳамроҳӣ карданд ва дар он ҷо фароварда таом кашиданд ва фақирро видоъ карда бар гаштанд». Ё ки « Ҷамъи касир ва афозили Самарқанд дар хонаи Хоҷа Амиракои Шоҳӣ ба расми меҳмонӣ муҷтамеъ буданд» [25, с. 45].

Барои меҳмон ҳуҷраи алоҳида, хӯроки махсус омода карда, ҳамсоягонро ба  аёдату вохӯрӣ даъват менамоянд. Расми қабули меҳмон ба мизбон вобаста буд. Дар вақти қабули меҳмон даст пеши бар карда, бо таври нимтаъзим хуш омадед мегуфтанд. Барои меҳмони қадрдон баъзан аҳолии сатҳи иҷтимоию иқтисодиаш беҳтар чорво–бузу гӯсфанд кушта ош ва ғизои гӯштӣ зиёфат медоданд. Ду шакли меҳмонон дида мешавад: меҳмони даъватӣ ва меҳмони нохонда.

Ба меҳмони даъватӣ онҳое мансубанд, ки тавассути хатномаҳо даъватномаҳо ё таклифи пешакӣ даъват мешаванд. Ба меҳмони нохонда мусофирон, шахсони тасодуфӣ, роҳгумкарда ва бедаъват омадаҳо мансубанд.

Мардуми мо аз қадимулайём меҳмоннавоз аст. Дар назди меҳмон аз шароитҳои иқтисодии хонадон нагӯянд. Мавзуи суҳбат аз шукргузории неъматҳои илоҳӣ беҳтар бошад. Дар назди меҳмон садои баланд баровардан, фарзандону аҳли хонаводаро танбеҳ додан, инчунин, таърифу ҳасад, дашном, дуруштхӯӣ ва санги тафриқа андохтан аз рӯйи одоб нест. Ҳангоми суҳбат дар назди меҳмон зиёд гап задан даркор нест. Кӯшиш намоем, ки меҳмон аз хонадони мо бо таъби хушу руҳи болида ва чеҳраи хандон баромада равад.

Восифӣ дар ҳикояи «Ёддоштҳои Восифӣ дар бораи ҳамсуҳбат шудани Қозизодаи Сиистон бо Навоӣ ва Ҷомӣ» дар бораи одоби меҳмондорӣ чунин менависад: «Ҳама ба меҳмонхона даромаданд. Ҷомӣ чунон ки одати ӯ буд, аз ҳама поинтар дар пеши дари даҳлез нишаст ва дигарон ҳар кас ба қадри дараҷаи худ нишастанд. Ҷои қозизода дар паҳлуи Амир Атоуллоҳ афтода буд ва оҳиста гӯшаки карда ба вай гуфт:

– Чаро ҳазрати махдумиро касе хабардор намекунад, ки азизон ба зиёраташон омадаанд ва мунтазири мулоқотанд?

– Махдумо, магар шумо аз ин шаҳр нестед? Ҳазрати Махдумӣ онеанд, ки дар кафшгоҳ нишастаанд!

– гуфт Амир Атоуллоҳ дар ҷавоб.

Қозизода бо шунидани ин ҷавоб фавран аз ҷой хеста берун давид ва Ҷомӣ ба мардум фармуд, ки:

Қозизодаро нагузоред, ки гурезад ва ӯро дошта пеши мо оред! Ӯро дошта меоварданд ва «Алғарибу калъамо–ғариб мисли кур аст. Худро маъзур доред ва аз банда дар гузаред…» гӯён фарёд мекард» [25, с. 47].

Умуман, тафсири одоби меҳмондории мардуми тоҷик дар асоси асари мутафаккири барҷастаи халқи тоҷик  Зайниддин Восифӣ «Бадоеъ–ул–вақоеъ» моро ба расми меҳмондорӣ, қабули меҳмону меҳмондорӣ бо хусусиятҳои хоси ин давр ошно месозад.

Масъалаи дигари мавриди омӯзиш қарордодаи мо варзиш мебошад. Аз замонҳои қадим сар карда, мардуми тоҷику форс ба масъалаи варзиши насли наврасу ҷавонон диққати ҷиддӣ додааст. Дар сарчашмаи қадимаи таърихии ин мардум дар бораи ба ҷавонон омӯзонидани шамшерзанӣ, найзапартоӣ, гурзпартоӣ, гуштингирӣ, шатранҷбозӣ, аспдавонӣ, гӯю чавгонбозӣ ва ғайра далелҳои зиёде оварда шудааст. Дар гузашта ягон ҷашни миллӣ бе давидану ҷаҳидан, гурзпартоиву камонварӣ, аспдавонию чавгонбозӣ, гӯштину шиноварӣ, бандкашиву муштзанӣ ва дигар навъҳои варзиш доир намегашт. Ба андешаи ниёгон, ҷавонмарди ҳақиқӣ, ки масъулияти нигоҳбонии марзу бум ва хонаводаро бар уҳда дорад, ҳатман бояд ҳунарҳои варзишӣ дошта бошад. Аз ин рӯ, онҳо кӯшиш мекарданд, ки ба фарзандон аз овони хурдсолӣ ин ҳунарҳоро омӯзонанд. Мардуми тоҷик аз қадим варзишро беҳтарин воситаи солим нигоҳ доштани тан ва руҳ медонистанд.

Варзиш ба саломатии инсон аҳамияти бузург дорад. Варзиш минбаъд дар осори бадеию педагогии Абулқосим Фирдавсӣ, Ибни Сино, Кайковус, Носири Хусрав ва дигарон ҷои намоёнеро ишғол кардааст. Зайниддин Маҳмуди Восифӣ дар асараш «Бадоеъ–ул–вақоеъ» дар бораи варзиш маълумоти ҷолиб додааст.

Бозиҳои миллӣ дар ҳар давру замон мақоми хоси худро доранд. Онҳо аз қаъри асрҳо ба вуҷуд омадаанд. Варзиш ҳамчун як ҷанбаи муҳими ҳаёти инсонӣ аҳамияти амалӣ дорад. Варзиш барои тамошо ва диққати одамонро ба худ ҷалб намудан набуда, балки барои обутоб додани бадан, мустаҳкамию устувории бадан, чобукию тобоварӣ ба меҳнати вазнини ҷисмонӣ мебошад. Аз ин рӯ, варзиш дар мероси бадеию педагогии бисёр мутафаккирони тоҷику форс мавқеи хосаро ишғол намудааст. Масалан, ба ақидаи Сино варзиш беҳтарин дармонест барои инсон. Ӯ чунин бозиҳоро тавсия додаст: давидан, ҷаҳидан, оббозӣ, туббозӣ, гуштингирӣ, аспсаворӣ, шамшерзанӣ.

Фикру андешаҳо оид ба варзиш минбаъд дар мероси адабию педагогии дигар мутаффакирон, аз ҷумла Восифӣ низ яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол намудааст.

Чунин шаклхои асримиёнагии варзишро дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ» аз қабили хокпилла, шатранҷ, шоҳмот, нард, шиноварӣ, гӯштин, гурзандозӣ, тирандозӣ, камонандозӣ, чавгонбозӣ, найзаандозиро мушоҳида кардан мумкин аст.

Бозиҳои дар асри XVI мавҷуд бударо мо чунин тақсимбандӣ намудем:

– варзиши сабук: давидан, паридан, бандкашӣ, шоҳмот, нард, шатранҷбозӣ, оббозӣ, чавгонбозӣ;

– варзиши вазнин: гӯштин, муштзанӣ, гурззанӣ, шамшерзанӣ, бузкашӣ ва ғайра.

Яке аз бозиҳои маъмултарини ин давр бозии шатранҷ мебошад. Восифӣ дар ин бора чунин навиштааст: «Фақир рӯ ба рӯи ишон шатранҷ бозӣ мекардем». Дар асрҳои VIII–IX арабҳо бозии шатранҷро ба Андалузия (Испания) бурданд, минбаъд дар тамоми қаламрави Аврупо паҳн гардид. Мардуми тоҷику форс бозии шатранҷро бозии ҳамагон низ ном мебаранд. Дар асри XVI ин бозӣ ба таври васеъ дар байни табақахои гуногуни аҳолии ҳудуди Хуросону Мовароуннаҳр паҳн гардида буд.

Тибқи маълумоти «Бадоеъ–ул–вақоеъ» дар Табрез амир Алӣ ном шахсе буд ва дар фанни шатранҷ маҳорати вай ба мушобеҳ буд [22, с. 864].

Бозии нард дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ» дар ду ҷой дучор омад. Дар байни табақаҳои болоӣ, махсусан, ҳокимони давр ба назар мерасид. Чунончӣ: « Дӯстӣ ва Барноча, ки дар фанни нард ва шатранҷ ягона фард буданд» [22, с. 164].

Бозии нард дар равияи бозии шатранҷ пайдо шудааст. Ин бозӣ усули хоси иҷрои худро дорад. Шоҳон, амирон, аҳли дарбор ва навкарони онҳо ба ин навъи бозӣ даст доштанд. Аз чӯб тахтаи нардбозӣ бо ду муҳраи рақамдори аз 1 то 6 тарошида мешуд. Инчунин, 12 хоначаҳои гирди доирашакл барои бозӣ кардани ду нафар дар рӯи тахта метарошиданд. Сипас, муҳраҳоро ҳаво медоданд, рақами касе, ки зиёд мешуд, бозиро ӯ шуруъ мекард.

Имрӯз бозии нард яке аз маъмултарин бозиҳои мардумони Кафқоз, Эрон, Афғонистон ва Осиёи Миёна, аз ҷумла, тоҷикон мебошад. Аз рӯи маълумоти  Зайниддин Восифӣ халқҳои Осиёи Миёна ба фарзандони худ ҳанӯз аз синни панҷсолагӣ аспсаворӣ, тирандозӣ, камонзаниро меомӯхтанд. Камон ва тирандохтан дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ» низ дучор омадааст. Чунончи: «Гӯянд камони ӯро ҳеҷ паҳлавоне наметавонист кашид». Ё ин, ки «Камоне ба даст гирифт ва тире ба ҳар ҷониб андохт» [22, с. 190].

Бузкашӣ яке аз машғулиятҳои анъанавии миллии мардуми мост. Бузкашӣ одатан ба ягон муносибат, бештар ба ифтихори ҷашни Наврӯз, Меҳргон, Сада, тӯйи арӯсӣ ё хатнасур баргузор мегардид. Човандозҳои моҳир аз шаҳру ноҳияҳои гуногун даъват мешуданд. Махсусан, ин навъи варзиш дар шаҳри Ҳирот ва атрофи он хеле бошукӯҳ таҷлил мегардад. Аз рӯйи баъзе сарчашмаҳо дар бузкашии ин мардум аз 300 то 500 сар асп иштирок ва чанд рӯз давом мекард.

Дар мадрасаҳои Хуросону Мовароуннаҳр дар асри XVI фанҳои махсуси  камондорӣ ва тирандозӣ таълим дода мешуд.

Камонварӣ яке аз маъмултарин ва қадимтарин бозиҳои миллии халқи тоҷик аст. Ин олот аз чӯб сохта шуда, бо тори ресмон ҳар ду сар баста мешуд. Чӯби тут, бед ва садаро каҷ карда, сар ба сар мебанданд. Барои сангандозӣ дар байни ресмони камонғулак матоъ ё чармеро медӯхтанд, ки тур ном дошт [134, с. 207].

Дар асрҳои миёна мураббиёни камонвар вуҷуд доштанд, ки камонвариро ба ҷавонон меомӯзониданд. Зайниддин Восифӣ аз хусуси Ҳиндухоҷа ном тирандози ин давра ва фанни камондорӣ ва тирандозии ӯ маълумоти ҷолиб додааст.

Дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Восифӣ дар бораи бозии чавгонбозӣ зикр гардидааст. Дар бораи Ҳакимбег, ки сарomади хубони Ҳирот буд ва дар чавгонбозӣ ба мисли ӯ касе ёд намедод, ишорат намудааст.

Чавгону гӯй дар майдончаи махсус бо ду дарвоза, миқдори муайяни бозингарон шуруъ мегардид. Ду дастаи иборат аз 10–12 нафар бо танаффуси кӯтоҳмуддат бозӣ мекард. Ду навъи бозии чавгон мавҷуд аст: дар рӯи ях бо гӯй ва дар рӯи алаф бо тубча. Ин анъана то замони мо омада расидааст.

Гӯштин дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ» қайд гардидааст. «Паҳлавон Муҳаммад Абусаид бо вуҷуди маҳорат ва камол дар фанни гӯштингирӣ шухрат дошт». Аз маълумоти Восифӣ бармеояд, ки паҳлавон Муҳаммад Абусаид дар фанни гӯштин китоберо таълиф карда будааст. Ин навъи бозӣ аз зӯрозмоии ду нафар иборат буд. Дар ин навъи варзиш паҳлавонон аз усулҳои гуногуни гиру дор, попечаку ҳаллук, дастпеч, линги қамарӣ моҳирона истифода мекарданд. Линги қамарӣ усули беҳтарини ин бозӣ буд. Аз маълумоти Восифӣ бармеояд, ки дар шаҳри Ҳирот барои баргузории гӯштин майдони махсус мавҷуд буд. Ҳавзи боғи Зоғонро хушк карда, майдони гӯштингиронро омода мекарданд. Шоҳ Ҳусайн Бойқаро дар ин давра баривоҷи ин навъи варзиш диққати махсус медод.

Тибқи маълумотҳои «Бадоеъ–ул–вақоеъ» дар ин давра бештар ду намуди гуштингирӣ вуҷуд дошт. Гӯштин аз камари якдигар гирифтан ва

бо чолокӣ бардошта ба замин хобонидани ҳариф иборат буд. Паҳлавонон дар гӯштин аз муккӣ ва либоси махсус эзори чармини аз зону боло ва калтачаи беостини аз миён болоро ба бар мекарданд. Бозии гӯштин дар майдончаи бозингарон бо иштироки тамошобинон ва довар баргузор мешуд.

Имрӯзҳо навъи дуюми гуштин дар миқёси ҷумҳурӣ рушд дорад.

Дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ» ҳамчунин бозиҳои дигарреро аз қабили шиноварӣ, давидан, ҷаҳидан ва амсоли инҳо дучор гардидем, ки бештар ба гардиши табиат, муҳити ҷуғрофӣ, тарзи маишат, завқи одамон вобастагӣ доштанд.

Зайниддин Восифӣ дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ» аҳамияти варзишро дар ҳаёти ҳаррӯзаи мардум баён карда, тавсифи шаклҳои гуногуни онро бо мисолҳои муайян баён намудааст.

Масъалаи дигари мавриди омӯзиш қарордодаи мо ченакҳои вазн ва дарозӣ дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ» мебошад. «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Восифӣ ҳамчун сарчашмаи муътамад мақом ва нақши калонеро касб намудааст.

Дар бораи ченакҳои вазн ва дарозии мардумони қаламрави вилояти Хуросону Мовароуннаҳр дар асри XVI маълумоти «Бадоеъ–ул–вакоеъ» ҷолиби диққат мебошад.

Таърихи чену дарозии тоҷик дар асри XVI аз madди назари мухаққикони соҳаи илми таърих дур мондааст. Дар бораи таърихи метрологияи тоҷик дар ҳудуди Хуросону Мовароуннахр кори илмии махсус мавҷуд нест. Аз тарафи дигар, метрологияи мардуми дар ин ҷо умр ба сар бурда, аз метрологияи давлатҳои ҳамсоя фарқ карда меистад.

Тоҷикони Хуросону Мовароуннаҳр байни ҳам натанҳо аз ҷихати ягонагии ҳудуд ва тақдири таърихӣ алоқаманданд, инчунин, бисёр умумиятҳои маданию хоҷагӣ, ки решахояшон ба гузаштаи дур рафта мерасад, онҳоро ба ҳам пайвастааст. Махсусан, ин вазъият дар тарҳи муносибатҳои анъанавии фаъолияти хоҷагидории онҳо дуруст дида мешавад. Маданияти тоҷикони ин сарзамин, дар зери таъсири алоқаҳои

бисёрасраи байни мардумон ва таъсири маданияти халкҳои ҳамсоя тақвият ёфтааст.

Маълумоти метрологӣ доир ба мардумони Хуросону Мовароуннаҳр дар асари Восифӣ хеле зиёд ба назар мерасад. Масалан, ченакҳои масофа ё дарозӣ, ангушт ё лик, ваҷаб, қадам, парча, газ, қулоч, фарсанг, фарсах, мил ва ғайра ба шумор меравaнд, ки бештар бо дасту пои инсон муайян карда мешуд. Мардуми ин сарзамин ин ченакҳоро бештар дар вақти амалҳои кишоварзӣ, сохтмони биноҳою масҷид, хонаҳо, дар соҳаи бофандагӣ, дӯхтани сару либос, муайян кардани дарозӣ хеле васе истифода мебурданд.

Ченакҳои дарозӣ: 1 лик = 4 см, ду лик = 8 см, 3 лик = 12 см, чор ангушт = 8 см, як ваҷаб = 22–25 см, як қадам = 75–80 см, як газ = 91,5 см, як қулоч = 165–175 см, як парча = 80 см, як фарсанг = 6 км, як фарсах = 8 км, як мил = 3 км, як овозрас ё фарёдрас бо забони туркӣ чақрим = 6–8 км, 1 ҷориб = 1 га. аст.

Фарсанг ҳамчун ченаки дарозӣ дар «Бадоеъ–ул–вакоеъ» омадааст ва Восифӣ перомуни фарсанг чунин ишорат намудааст: «Амири Араб дар як фарсангии Саброн ду корез ҷорӣ карда буданд». Аз Машҳад то Хуросон масофаи 60 фарсанг роҳ аст, ки Восифӣ онро дар ду рӯз тай кардааст [25, с. 84].

Фарсанг яке аз ченакҳои қадима буда, дар байни тоҷикони Афғонистон ва Осиёи Миёна васеъ истифода бурда мешуд. Дарозии фарсангро бисёре аз муҳаққиқон 6–8 км. муайян мекунанд. Дар баробари фарсанг ба сифати ченаки дарозӣ, инчунин, қадам, фарсах, мил, газ, чақримро низ истифода мебурданд.

Ядват Илясов дар асари хеш «Суғдиён» дар бораи фарсанг чунин навиштааст, ки дар истгоҳҳое, ки пас аз ҳар як чор парсанг саворaҳо аспҳои эҳтиётиро интизор буданд [46, с. 25].

Қадам ин ченаки дарозӣ аксаран дар вақти сохтмони бинои масҷид, манзили зисти истиқоматӣ, роҳҳо, муайян кардани қитъаи замину заҳбурҳо ва ғайра истифода мебурданд. Қадам дар шаҳри Ҳирот,

Машҳад, Тошканд, Кеш, Насаф, Қаршӣ, Саброн ба як газ баробар аст, яъне ба 76–80 см.

Дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ» ба ченаки дигари газ вохӯрдан мумкин аст, ки айнан оварда шудааст: «Он тоқ аз чаккаи он то сари айвон 120 газ буд» [22, с. 346].

Газ ченаки дарозиест, ки тахминан ба 69–71 см. баробар аст. Мил ченаки дарозӣ буда, ба 3 км. баробар аст

Восифӣ дар бораи мил чунин менависад, ки «Аз як мил роҳ, ки дида Убайдуллохон» [22, с. 362].

Ченакҳои вазн: як кофиз = 70 ман ё 57 кг, як пуд = 16 кг, як мисқол = 2,6 гр, як манн = 24 кг, як уштур бор = 256–262 кг, як хара бор = 100–120 кг, як хурҷин бор = 60 кг, як сабад = 12–20 кг, як қопча = 50 кг, як ҷувол бор = 100 кг, як пиёла = 100 грамм, як хурма = 4–5 кг, як куза = 8 кг, як хум = 80–100 кг, як санг = 5 кг, ним санг = 2,5 кг, як мушт = 80 грамм, як тоқӣ = 1,3–1,33 кг, табақи хӯрд = 3 тоқӣ ё 3 кг, табақи калон = 9–10 тоқӣ ё баробари 13 кг. вазн баробар аст.

Як ман дар асри XVI дар Бухоро тақрибан ба 24 кг рост меомад [123, с. 87].

Дар асри XVI тамоми ченакҳои барои ҳаёти инсон лозим буда, амал мекардааст, ки ин намуди ченакҳо нигох накарда, ба қабули низоми байналмилалӣ мавҷуд буданд.

Дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ» маълумоти хеле ҷолиби диққатро оид ба пулҳои охири асри XVI пайдо намудем. Тангаҳоро дар илм ба ёдгориҳои хаттӣ дохил намудаанд, ки онҳо дар кушодани бисёр масъалаҳои ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ, динӣ ва фарҳангии мардуми гуногун ба сифати сарчашмаи муътамад ёрии амалӣ расонида метавонанд. Ба андешаи яке аз донишмандони рус Саплина Е.В ва Саплин А.И. «Тангаҳо шаҳодати гузашта буда, ба сифати беҳтарин сарчашмаи маълумотӣ дар бораи иқтисод ва тиҷорат хизмат карда метавонанд» [104, с.64].

Танга дар ҳама давру замон дар раванди ҳаёти ҷомеа пайдо шуда, вазифаи махсуси худро иҷро мекард. Панҷ вазифаи танга вуҷуд дорад:

танга ҳамчун  сифати ченаки қимати маҳсулот, васоити муомила (яъне муомилаи байни давлатҳо бо танга ба роҳ монда мешуд), ҳаққи пардохти меҳнат, пардохти қарзҳо ва тангаи ҷаҳонӣ ин тилло, ки дар тамоми ҷаҳон амал мекунад.

Вақте ки тиҷорат ранги гуногун ва як қатор давлатҳоро бо ҳам алоқаманд намуд, одамон бештар ба пулҳои мувофиқи фулузӣ гузаштанд. Пулҳои фулузӣ вайрон нашуда, дуру дароз нигоҳ дошта мешуданд. Тангаҳо забони махсуси худро доранд.

Муҳр ва навиштаҷоти рӯйи тангаҳо ҷолиби диққатанд. Танга аз се қисм иборат аст: аверс–тарафи чапи танга,  реверс–тарафи пеши  танга ва гурт–бари танга. Тангаҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Дар ҳар як танга тасвири шоҳ, унвон, ном, санаи барориш ва ҷои сикка задани он сабт карда мешуд. Онҳо обрӯи ҳокимияти шоҳиро дар байни халқ паҳн мекарданд.

Пулҳои сиккагӣ мегуфтанд, яъне сиккаи шоҳ дар онҳо дида мешуд.  Дар ибтидо ченаки пулӣ аз як намуди арзиши мол, яъне танга иборат буд. Бо мурури замон дуюм ченак дар шакли пул, сум ва тин пайдо шуд. Умуман, таҷассуми шоҳ ва ҳокимияти шоҳӣ дар тангаҳои давраҳои гуногун ба назар мерасид. Дар сарчашмаҳои таърихии ин давра сиккаҳои тиллоӣ «динор», нуқрагӣ «танга» ва мисӣ «ашрафӣ» номида мешуданд.

Ҳамаи амалҳои барориши тангаҳо дастӣ анҷом дода мешуд.

Дар сарзамини Осиёи Миёна тангаҳоро бо ду усул мебароварданд: дар қолаб филиззи об кардаро мерехтанд ё филиззи лундаро дар байни ду штемпел (муҳр) гузошта, сикка мезаданд. Танга аз филизи гуногун аз қабили тилло, нуқра, мис ва ғайра сикка мезаданд. Ба андешаи сиккашинос Д. Довудӣ  зарробхонаҳои асосӣ дар шаҳрҳои Марв, Ҳирот, Балх, Кундуз, Кирмон, Астаробод, Самарқанд, Бухоро, Тошканд, Андиҷон, Шоҳрухия, Каршӣ, Шаҳрисабз, Утрор, Ҳисор, Хатлон, Тирмиз ва ғайра мавҷуд буданд [86, с. 171].

Тавассути асари Восифӣ «Бадоеъ–ул–вақоеъ» аз муомилоти байни одамон ба воситаи танга огоҳ шуда, воҳидҳои пулиро, ки дар он давра дар кадом шакл амал мекард, аз наздик шинос мешавем. Тавре аз маълумоти Восифӣ бар меояд, дар қаламрави вилояти Хуросону Мовароуннаҳр дар асри XVI воҳидҳои зерини пӯл амал мекард: танга, дирам, динор, ашрафӣ, фулус, тангаи хонӣ, тангаи шоҳрухӣ, тангаи сурх ва пул. Масалан, Восифӣ дар бораи дирам, овардааст, ки «Чунин гӯянд, ки қариб ба сад ҳазор дирам ба дарвеш Муҳаммад инъом шуда буд» [22, с. 670].

Дирам аслан тангаи сиккаи нуқрагинест, ки ҳамчун пули нуқра дар асри XVI дар муомилот ва фурӯш амал мекард. Дар давраҳои гуногун вазни дирам гуногун буда, дар тиҷорат бо мамлакатҳои гуногун амал мекард. Дар ибтидо вақте ки арабҳо нахустин маротиба соли 695 дирамро аз нуқраи холис сикка зада ба муомилот ворид намуданд, вазнаш 2,97 граммро ташкил медод [134, с. 300].

Дар ҷои дигари асар ҳангоми ишғоли вилояти Хуросон ва навоҳии атрофи он аз ҷониби Муҳаммад Шайбонихон ва гурезонидани хазинаи амири Темуриён аз тарафи Восифӣ ва Ғиёсиддин воҳиди пулии он давра хеле хуб тасвир ёфтааст. Чунончи: «Аз барои Худо ба ин шахси маъюби дастшикаста, ки сайид ва ҳоҷӣ аст, раҳм кунед. Ӯзбекҳо дар кафи дасти мо пулҳои мисин ва тангаҳои нуқрагинро мепартофтанд». [20, с. 50].

Ашрафӣ тангаи тиллоии асри XVI дар муомилот ба таври васеъ истифода мешуд. Дар сиккахонаҳои қаламрави Хуросон аз тарафи амир баровардашуда қурби махсуси худро дорад. Мувофиқи маълумоти Восифӣ дар ин давра ашрафӣ дар баробари пулҳои мисину нуқрагин дар гардиш амал менамуд.

Инчунин, бисёр асарҳои меъморӣ ва ҳайкалҳо бо тасвири тангаҳо ба мо омада расидаанд. Аз ин рӯ, тангаҳоро беҳтарин сарчашмаи маълумотӣ номидан мумкин аст. Худи тангаҳо ёдгориҳои санъати

тасвирӣ ба ҳисоб мераванд, ки осори санъати меъмории баъзе аз биноҳои қадимаро танҳо дар болои онҳо вохӯрдан мумкин аст.

Муҳаққиқи тоҷик дар илми тангашиносӣ Давлатхоҷа Довудӣ дар монографияи худ доир ба тангаҳои давраи асримиёнагии Темуриён маълумоти ҷолиб дода, онҳоро ба чунин давраҳо тақсим намудааст:

1. Аз давраи ҳукмронии амир Темур то солҳои 1428–1429.
2. Аз солҳои 1428–1429 то солҳои 1454–1455.
3. Аз солҳои 1454–1455 то солҳои 1490–1491;
4. Аз соли 1491 то соли 1502.
5. Аз солҳо 1501–1502 то солҳои 1507–1508.
6. Аз солҳои 1508–1509 то солҳои 1510–1511.
7. Аз солҳои 1510–1512 то солҳои 1513–1514 [37, с. 219].

Дар асри XVI тангаҳое дар муомилот буданд, ки барои муҳаққиқон ҳамчун сарчашмаи муҳими таърихӣ хизмат мекунанд, ки ин дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ» хуб баён шудааст.

Ҳамин тариқ, дар натиҷаи таҳқиқ ва таҳлили зербоби сеюм– «Инъикоси фарҳанг, суннатҳои мардумӣ ва анъанаҳои миллӣ дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Восифӣ мо чунин хулосабарорӣ намудем:

«Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Восифӣ ҳамчун осори таърихӣ-этнографӣ оид ба мақоми суннатҳои мардумӣ ва анъанаҳои миллии мардуми тоҷик, ки намунаи мероси пурарзиши ниёгон ба шумор мераванд, ҷойгоҳи алоҳидаро касб намудааст. Масалан, баргузории маросими тӯй, одоби меҳмондорӣ ва тӯйи хатнасур ва амсоли онҳо дар асри XVI бо вижагиҳои хоси худ баргузор мегардиданд.

Моҳияти илмии асари «Бадоеъ–ул–вақоеъ» ҳамчун сарчашмаи мероси таърихӣ–фарҳангии асри XVI оид ба тафсири одоби меҳмондории мардуми тоҷик дар асари мазкур моро ба расми меҳмондорӣ, қабули меҳмону меҳмоннавозӣ бо хусусиятҳои хоси давр баёнёфта ошно месозад.

Дар асари мазкур оид ба варзиши бадан, ки яке аз омилҳои саломатии инсон ба шумор мерафт, ба ин масъала аҳамият ва эътибори

хоса дода мешуд. Намунаҳои нишондодаи Восифӣ марбут ба баргузории мусобиқаҳои мухталифи варзишӣ; гуштингирӣ, камонандозӣ, оббозӣ, шатранҷбозӣ ва монанд ба инҳо шаҳодати рушду нумуи варзиши он вақта огаҳӣ медод.

Вобаста ба таҳқиқи боби сеюм–«Бадоеъ–ул–вақоеъ» ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этнографии асрҳои XV-XVI чунин хулосаҳои зерин пешниҳод карда мешавад:

Моҳияти таърихии асари «Бадоеъ–ул–вақоеъ» ҳамчун сарчашма натиҷагириҳои минбаъдаи омӯзиши асари мазкур собит менамояд, ки маҳз дар ин давраи таърихӣ ба бунёди санъати меъморӣ ва шавҳрсозӣ амалдорони Темурӣ диққати зиёд медоданд. Тибқи ишораи Восифӣ дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ» дар Хуросон ва ҳудуди Осиёи Миёна дар ҷодаи санъати меъморию бинокорӣ як пешрафти бузурге ба назар мерасид. Дар шаҳрҳо, ки марказҳои идорӣ ва парастишии динӣ ба шумор мерафтанд, бунёди  биноҳои маъмурӣ, динӣ, фарҳангӣ, маишӣ, хоҷагӣ, варзишӣ равнақи тоза пайдо намуда буд. Ба санъати меъморӣ ва фарҳанги маҳаллӣ, сохтани маҷмааҳои зиёди сайёҳӣ, боғу, майдончаҳои варзишӣ, ҳавзу корезҳо, сардоба ва ғайра диққати махсус медоданд.

Истеҳсолоти косибӣ. ки эҳтиёҷоти аҳолиро таъмин менамуд, гирд оварда мешуд. Аз ин рӯ барои рушди ҳамаҷонибаи косибӣ кӯшиш ба харҷ медоданд, ҷиҳати касбомӯзӣ ва аз худ намудани он дар ин давра як қатор амалҳоро ба сомон мерасониданд. Дар тӯли таърих тоҷикон бо ҳунарҳои волои худ, аз қабили косибӣ, оҳангарӣ, заргарӣ, меъморӣ, санъати ҳарбӣ, кӯлолӣ, кандакорӣ, зардӯзӣ, пӯхту пазӣ нону ғизоъҳои гуногун шухрат пайдо намудаанд. Касбу ҳунар сарчашмаи пешбурд ва беҳтар намудани авзои иҷтимоии сокинон ба шумор мерафт.

Осори пешрафт дар мисоли сукунат, ҳунар ва тиҷорат рушди илм, шеъру шоирӣ дар шаҳрҳои Ҳирот, Нишопур, Машҳад, Самарқанд, Бухоро, Тошканд, Шаҳри Сабз, Саврон, Туркистон ва монанди инҳо ба назар мерасид, ки бо намунаҳои нишондодҳои касбӣ, ҳунармандӣ ва равнақи тиҷорат шуҳрат ва мақоми хосро касб намуда буданд.

Мардумони ин шаҳрҳо ба касбу пешаҳои гуногун, аз қабили кӯлолӣ, чармгарӣ, оҳангарӣ, заргарӣ, сангтарошӣ, наққошӣ, сартарошӣ, бофандагӣ, сабадбофӣ, хатнакунонии фарзандон, тайёр намудани силоҳи ҷангӣ, олотҳои меҳнати корию шикорӣ ва ҷарроҳӣ машғул буданд.

Дар бораи таъомҳои мардуми тоҷик дар такя бар маълумотҳои асари Зайниддин Восифӣ тарзи дурусти тайёр намудани ғизоъҳоро дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ» нишон додааст. Аз ҷумла, дар хусуси ғизоъҳои кабоби шоҳӣ, шурбо, ош, шир, ҳавло, ҷурғот, газак, ширинӣ, шароб, ҳавло, нахудбирён ва монанди инҳо маълумоти мушаххас додааст.

Ҷанбаи дигари маҷмуи масъалаҳои инъикосиро дар асари мазкур тайёр намудани нон дар рӯзгори мардум ташкил медиҳад. Нон аз орди гандум, ҷав, нахуд, арзан, ҷуворимакка омода карда мешуд. Миқдори муайяни гандум, ҷав, нахуд, арзан, ҷуворимаккаро дар осиёби сангӣ орд карда, дар танӯри худсохти маҳаллӣ шаклҳои гуногуни нонҳоро мепӯханд. Мардуми чорвопарвару шикорчиён, дар саҳроҳои дур аз манзили зист қарор доштанд, нонро дар болои товасанг бо оташи хокистари лахчаи тафсон пӯхта истеъмол мекарданд.

Дар ин давраи таърихӣ ба истеҳсоли матоъҳои қадима, аз қабили адрас ва атлас аз нав эҳё гардида, ба рушди ин соҳа диққати калон дода мешуд. Вобаста ба авзои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ одамон сару либосҳоро ба бар мекарданд. Пӯшидани сару либос нишонаи маданият ва фарҳанги баланди инсонҳоро нишон медиҳад. Ҳар як сару либоси ба бар намуда, аз нигоҳи мазмун ба ягон маросим алоқаманд буда, дар рӯзҳои муайян мавриди истифода қарор дода мешуд.

Ҳар як халқу миллат либоси миллии худро дорад ва дар дӯхтану интихоби либос диққати махсус дода мешуд. Ба ҷавонон ба бар кардани ҷомаи зардӯзӣ, ҷомаи беқасаб, миёнбанд, тоқӣ, тунбон, куртаи карбосӣ, ба бонувон ҷома, поҷома, камзул, сарандоз, рӯймол, куртаи шоҳӣ, куртаи чакан, адрасу атлас, тоқӣ хеле зебанда мебошад. Ҳар як сару либос мавқеъ ва ҷойи пӯшидани худро дорад.

«Бадоеъ–ул–ваќоеъ» њамчун сарчашма оид ба фарњанг, маќоми суннатњои мардумї ва анъанањои миллии мардуми тоҷик, ки намунаи мероси пурарзиши ниёгон ба шумор меравад, ҷойгоњи алоњидаро касб намудааст.

Намунањои гуногуни анъанањои миллї дар баргузории тўй, одоби мењмондорї ва амсоли инњо суннат ва расмиятњои дигар нишон дода мешавад, ки бо вижагињои хоси худ баргузор мегардиданд. Дар асри XVI урфу одати тўй аз ќоидањои гуногун ва вазнини иќтисодї: издивоҷ, хостгорї, фотиња, мањр, ноншиканон, никоњ, баргузории тўй, њавлобарон, талоќ, њалола ва ѓайра иборат буда, дар гузаронидани тўй дар њаёти мардум тибќи суннат ва урфу одатњои исломї гузаронида мешуданд.

Мохияти илмии асари мазкур њамчун сарчашмаи илмї–таърихї оид ба тафсири мењмондории мардуми тоҷик, моро ба расми мењмондорї, ќабули мењмону мењмоннавозї бо хусусиятњои хоси давр баёнёфта ошно месозад. Вобаста ба инкишофи муттасили инсону ҷомеа тарзи мењмондорї ва меъёрњои ба танзим даровардани он низ пайваста инкишоф меёбад. Одоби мењмондорї дар њама давру замон дар доираи меъёрњои муайян сурат мегирифт.

Ањаммияти асари фавќї њамчун сарчашмаи таърихї-этнографї оид ба намудњои варзиш, ки яке аз омилњои саломатии инсон аст, ба ин масъала ањамият ва эътибори хоса дода мешуд, маълумоти сањењу равшан додааст. Намунањои нишондодаи Восифї марбут ба баргузории мусобиќањои варзишї гўштингирї, камонандозї, оббозї, шатранҷбозї, номбар намудани пањлавонон масъалањои дигари алоќаманд ба варзиш аз он огањї медод, ки дар ин давра ин гуна намудњои варзиш дар байни ањолї маълуму машњур буданд.

Дар «Бадоеъ–ул–ваќоеъ» ҷанбаи дигари маҷмуи масъалањои инъикосиро тасвири номгўи ченакњои дарозї, вазн ва воњидњои пулї ташкил медињад, ки ба ҷињати мохият ифодагари накш ва маќоми хосаро доштани маҷмуи масъалањои иҷтимоии ањолї мебошад, ки дар

қаламрави вилоятҳои Хуросону Мовароуннаҳр равнақи кори тиҷорат, бозор, равобити минтақаҳо, беҳдошти сатҳи зиндагӣ ва дигар масъалаҳо хуб ба назар мерасад. Дар байни ҳудудҳои гуногуни ин сарзамин ченакҳои гуногуни дарозию вазн ва танга амал менамуд, ки нигоҳ накарда, ба қабули низоми байналмилалӣ дар гардиш буданд.

Маълумотҳои ченаку дарозӣ дар бораи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр дар асар ба таври хеле зиёд ба назар мерасанд. Ченакҳои масофа ё дарозӣ: ангушт, лик, ваҷаб, қадам, порча, газ, қулоч, фарсанг, фарсах, чақрим, мил, таноб ва ғайра ба шумор мерафтанд. Дар рӯи аксари тангаҳои дар ҳудуди давлати Темуриёну Шайбониён дар гардиши муносибатҳои пулӣ қарор дошта, навиштаҷоти болои танга, тасвири нимпайкараи ҳокимон, ном, нишони давлат, ҷой ва макони барориши сикка, мӯхр ва ғайра бо забони хоси давр тасвир меёфтанд.

# ХУЛОСА

Пас аз омӯзишу пажӯҳиши рисолаҳои татқиқотӣ, китобу дастурҳо ва мақолаҳои илмӣ, қиёси назарии «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Зайниддин Восифӣ ҳамчун сарчашмаи пурқиммати таърихӣ-этнографӣ мо ба чунин хулоса омадем:

1. «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Зайниддин Восифӣ сарчашмаи пурқиммати таърихӣ-этнографӣ буда, дар омӯзиши таърихи миллати тоҷик ва илму фарҳанги он аҳаммияти бузурги таърихӣ дорад. «Бадоеъ–ул–вақоеъ» аз ҷониби мутафаккир ва воқеанигори тоҷик Зайниддин Восифӣ бо забони содаи тоҷикӣ форсӣ навишта шуда, ҳамчун осори муътабари таърихӣ дар доираҳои илмии бисёре аз кишварҳои олам шухрат дорад. Воқеан ҳам, таърихи ин ё он давраро бештар аз рӯи манбаъҳои таърихии сафарномаву сиёсатномаҳо, васиятномаву зафарномаҳо, шоҳномаву ёддоштҳои адибону мутафаккирони гузашта омӯхта баҳогузорӣ мекунанд.

«Бадоеъ–ул–вакоеъ» сарчашма ва маъхази нодири таърихӣ буда, ҷанбаҳои гуногуни рӯзгори халқи тоҷикро дар худ фаро гирифтааст. Муайян намудани шарҳи ҳол, муҳити илмӣ, вазъи сиёсии замони Зайниддини Восифӣ ва пайдоиши асари «Бадоеъ–ул–вақоеъ» ҷолиби диққат ва қимати баланди илмиро доро аст. Ин мавзуъ таваҷҷуҳи бештари муҳаққиқонро ба худ ҷалб намудааст. Аммо шинохта шудани мақом, ҷойгоҳ ва моҳияти илмии асари Восифӣ «Бадоеъ–ул–вақоеъ», муайян намудани сарчашмаи илмии инкишофи он ва накши он дар илми таърихшиносӣ аҳаммияти бузург дорад.

2. Мутафаккири тоҷик Зайниддин Маҳмуди Восифӣ пас аз муҳоҷират аз зодгоҳи хеш вилояти Хуросон ба тарафи Мовароуннаҳр муддати сайри таърихиаш бисёр моҷаро ва муноқишаҳоро аз сари хеш гузаронидааст. Ӯ дар зинаи пасти тараққиёти ҷамъияти патриархалии феодалӣ умр ба сар бурда, дар ин муҳити мураккаб асари «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–ро навишта, ба ояндагон мерос гузошт.

Асари мазкур сарчашмаи муҳими таърихӣ-этнографӣ мебошад, ки ҷойгоҳи хешро то имрӯз пойбарҷо нигоҳ доштааст. «Бадоеъ–ул–вақоеъ» ҳодиса ва рӯйдодҳои таърихии дар нимаи дуюми асри XV ва нимаи аввали асри XVI, ки дар сарзамини  Хуросону Мовароуннаҳр ба амал омадаанд, дар худ фаро гирифтааст [11–М].

3. Пас аз истилои шаҳри Ҳирот аз тарафи шоҳ Исмоили Сафавӣ соли 1510 Восифӣ ба таъқиби низоъҳои миллии мазҳабӣ гирифтор шуд. Тӯдаи Сафавиён мардумро ба кофару мусулмон ҷудо карда, низои динии байни мазҳабиро бармеангехтанд. Дар ибтидо нуфузи Сафавиён ва пайравони онҳо дар қисмати шимолии Хуросон устувор гардида, оҳиста оҳиста таъсири он ба қисмати ҷанубии мамлакат ба шаҳри Ҳирот омада расид.

Қизилбошони шиа ба таҳқири сунниён даст заданд. Дар натиҷа дар ҷомеа нооромию ноамнӣ ба амал омада, одамони бегуноҳ аз дасти мазҳабтарошон ба қатл расонида шуданд. Шаҳри Ҳирот бузургтарин маркази илму фарҳанги тоҷикон ба шумор мерафт, аз фаъолият боз монда, саробаш тамоман хушкид. Дар асри XVI ин низоъҳо ба дараҷаи олии хеш бо ҳам бархӯрд карданд. Низоъҳои мазҳабӣ ва  оқибатҳои манфии он сабаби марги садҳо ҳазор одамон, харобии шаҳру деҳаҳои обод, касодии маънавиёт, фарҳанг, хоҷагӣ ва ғайра мегардад [6–М].

4. Инъикоси масъалаҳои динӣ, аз ҷумла, маросими дафн дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ» яке аз ҷойҳои асосиро ишғол менамояд. Дар ҳар як давраи таърихӣ дар баргузории ин маросим як навоварӣ эҷод мегардад. Зимни омӯзиши маросими дафн аз рӯи асари Восифӣ «Бадоеъ–ул–вақоеъ» гузаронидани маъракаҳои ин маросим аз қабили саритахтагӣ, панҷшанбегӣ, чил, шашмоҳагӣ, сари сол ва дастархон ҷамъ карданро мушоҳида ва пайдо накардем.

Амали умури идора ва тарзи ҷойгиршавии унвону мансабҳои маъмурӣ ва диниро метавон дар усули идораи давлат истифода намуд.

Дар ин давра як қатор унвону мансабҳои динӣ ва унвону мансабҳои маъмурии зиёд амал мекард [3–М; 4–М].

5. Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ба ҳайси донишманд ва муҳаққиқи замони хеш дар баррасии мероси мадании сокинони Хуросон ва Мовароуннаҳр нақш ва ҷойгоҳи хосаро соҳиб аст. Шароити таърихӣ нақш ва мақоми мутафаккирро чун донишманди закӣ ва фарзанди замон муайян менамояд. Ӯ ноадолатиҳои замони давлатдории Темуриёнро бо чашми худ дида, дар осори хеш аз пошхӯрӣ ва парокандашавии ин сулола ба таври васеъ маълумот додааст.

Аз ин ҷиҳат, нишон додани фаъолияти ин мутафаккири бузург дар ин соҳа, андешаҳо ва назарияҳои пешқадами ӯ ҳам дар ин давра ва минбаъд ҳам барои муайян намудани нақши таърихии вай дар илми таърихи халқи тоҷик, аз ҷумла, таърихнигорӣ дар шароити имрӯзаи соҳибистиқлолии мамлакат аҳаммияти калон дорад.

6. Санъати халқии мусиқӣ ва сурудхонӣ дар ин давра ҳамчун як ҷузъи муҳимми фарҳанги миллати тоҷик ба дараҷаи баланди инкишоф расида буд. Мусиқӣ, бахусус, дар замони ҳукмронии Султон Ҳусайни Бойқарои Темурӣ ба дараҷаи баланди тараққиёт мерасад. Амирони темурӣ барои санъаткорони мумтоз подошҳо дода, ҳунармандонро ташвиқ мекарданд.

Дар тӯли таърих тоҷикон бо санъати халқӣ, ҳунари волои худ, аз қабили косибӣ, оҳангарӣ, заргарӣ, меъморӣ, санъати ҳарбӣ, кӯлолӣ, кандакорӣ, зардӯзӣ, пӯхту пазӣ нону ғизоҳои гуногун шуҳрат пайдо намуда буданд. Касбу ҳунар сарчашмаи пешбурд ва беҳтар намудани авзои иҷтимоии сокинон ба шумор мерафт. Умуман, асари Зайниддини Восифӣ «Бадоеъ–ул–вақоеъ» хазинаи бузурги дурдонаҳои ганҷи сухан аст. Дар он зарбулмасал, панду ҳикмат, фолклор ва таърихи зиёда аз панҷсадсолаи ниёгони шуҳратманди мо бо тамоми зебоӣ, фасоҳат ва каломи сухани оламшумул фаровон омадаанд.

Ҳамчунин, санъати либос ва тайёр намудани ғизоъҳои миллӣ ва ғайра низ дар ин давра хеле рушд намуда буд. Сару либоси халқҳои

сокини ин сарзамин хусусияти хоси миллии худро доранд. Либосҳои мардона вобаста ба маҳал хусусиятҳои хоси худро дошт. Масалан, ӯзбекҳои Хоразм, туркманҳо ва қароқалпоқҳо либосҳои аз матои рангшаш сурх дӯхташударо мепӯшиданд. Тоҷикон ва ӯзбекҳои Фарғона бештар либосҳои рангашон сабз ва кабуд тайёркардашударо истифода менамуданд [2–М; 8–М; 10–М].

7. Ҳамчун манбаъ ва осори таърихӣ-этнографӣ «Бадоеъ–ул–вақоеъ» ба масъалаи хӯрокҳои миллӣ, тарзи дурусти тайёр намудани онҳо, ҷойгоҳ ва гуногунранг омода намудани он ва матбаххо (ошхонаҳо)–и шаҳрӣ маълумоти муҳим медиҳад. Сардори ошпазон, ҷои омода намудани ғизоъ ва амсоли инҳоро Восифӣ дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ» ба таври хеле васеъ нишон додааст [1–М].

8. «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Восифӣ тарзи зиндагонӣ, урфу одат, расму оин, одоби мемондорӣ ва паҳлуҳои дигари рӯзгори сокинону бошандагони Хуросону Мовароуннаҳрро инъикос менамояд. Раванди таълиму тарбия дар мадраса, хонақоҳ, масҷид, бозору хиёбон ва хонаҳои фозилон ба роҳ монда шуда, бо забонҳои форсӣ ва арабӣ сурат мегирифт. Дар ин давра дар мадрасаҳо бештар илмҳои гуногун, аз ҷумла, сарфу наҳви арабӣ, мантиқ, маонию баён, риёзиёт, таърих, улуми динӣ фиқҳ, тафсир, ҳадис ва ғайра таълим дода мешуд. Мавҷудияти китобхонаҳо ҳамчун манбаи илму дониш ва ҳифзи осори таърихӣ саҳм ва нақши бузург дошт.

Инъикоси фарҳанг, рушди мадрасаҳо, яъне мактабҳои нахустини ибтидоӣ, суннатҳои мардумӣ, анъанаҳои миллӣ, намунаҳои расму оини тасвиргардида дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ» метавонад дар бедор намудани мероси фарҳангии мардуми минтақаи Осиёи Марказӣ хизмат намояд. Маросими тӯй дар ин давраи таърихӣ бо вижагиҳои хоси худ баргузор мешуд. Маънои тӯй ин базм, шодию хурсандӣ мебошад [7–М; 5–М].

9. Варзиши бадан яке аз роҳҳои солимгардонии мардум буда, дар солимии инсоният хизмат менамояд. Бозиҳои гӯштин, давидан, чаҳидан, бузкашӣ, камонварӣ, шатранҷбозӣ ва амсоли ин дар байни

мардумони минтақаи мавриди омӯзиш қарордодаи мо ба таври васеъ дида мешаванд. Дар ҷашнҳои мардумӣ, аз ҷумла, ҷашни Наврӯз ин навъҳои варзишро бештар дидан мумкин аст, ки аз пайвасти гузашта бо имрӯз далолат менамояд.

Бозиҳои миллӣ дар ҳар давру замон мақоми хоси худро доранд. Варзиш ҳамчун як ҷанбаи муҳимми ҳаёти инсонӣ аҳамияти амалӣ дорад. Варзиш барои тамошо ва диққати одамонро ба худ ҷалб намудан набуда, балки барои обу тоб додани мустаҳкамию бадан, чобукию тобоварӣ ва саломатии бардавом мебошад. Аз маълумотҳои Восифӣ бармеояд, ки дар шаҳри Ҳирот барои баргузории бозии гӯштин майдони махсус мавҷуд буд. Шоҳ Ҳусайни Бойқаро ба ривоҷи ин навъи варзиши бадан диққати махсус медод [9–М].

10. Восифӣ дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ» оид ба сиккаҳо ва гардиши муносибатҳои пулӣ дар ҳудуди давлати Темуриёну Шайбониён маълумот додааст. Ҳангоми омӯзиши асари мазкур мо маълумотҳои хеле ҳам ҷолиби диққатро оид ба пулҳои охири асри XV ва ибтидои асри XVI давраи давлатдории Темуриёну Шайбониён дастрас намудем, ки дар омӯзиши вазъи иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии ин давраи таърихӣ нақши амалӣ доранд. Танга ҳамчун ёдгории хаттӣ дар кушодани бисёр масъалаҳои муҳимми ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ, динӣ ва фарҳангии мардум ба сифати сарчашмаи муътамади таърихӣ ёрии амалӣ расонида метавонанд [12–М].

## Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот

1. Нашри интиқодии «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳамчун сарчашма ва осори таърихӣ-этнографӣ имконият медиҳад, ки бештар мавзуоти муҳимеро доир ба унсурҳои давлатдорӣ, авзои сиёсӣ, иҷтимоӣ, арзишҳои фарҳангӣ, эътиқоди мардум, расму оин, анъанаю суннатҳои неки миллию башарии ниёгони худ, густариши робитаҳои тиҷоратию фарҳангӣ, муҳоҷирати аҳли илму адаб, касбу ҳунар дар аҳди Темуриёну Шайбониён ва Сафавиён ба Хуросону Мовароуннаҳр балки ба дигар шаҳру минтақаҳои нисбатан дуру наздик ошноӣ пайдо кунем.

2. Таълимоту таълифоти «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, инъикоси дин, вазъи мазҳабӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва пешгирӣ аз густариши ҳаракатҳои нохуши ифротгароӣ дар ҷомеаи имрӯза роҳнамову тарбиятгари мо хоҳад шуд.

3. Дар доираи курсҳои махсус бо истифода аз «Бадоеъ–ул–вақоеъ» ва дигар маъхазҳои таърихӣ дар бораи ҳодисаҳои таърихии ҳудуди Хуросону Мовароуннаҳр дар давраи асрҳои миёна таълим дода шавад, аз аҳаммият холӣ нест.

4. Дар барномаҳои таълимии фанҳои манбаъшиносӣ ва таърихнигорӣ омӯзиши асари «Бадоеъ–ул–вақоеъ» манфиатовар аст.

5. Дар доираи лоиҳа, рисолаҳои илмӣ ва хондани курсҳои махсус «Бадоеъ–ул–вақоеъ» ба унвони маъхази муҳимми таърихию этнографӣӣ мавриди омӯзиш қарор гирад.

6. Омузиши «Бадоеъ–ул–вақоеъ» дар тарбияи ҳисси зебоипарастӣ, маънавӣ, санъати меъморӣ ва касбу ҳунарҳои миллӣ ва фарҳангии мо тоҷикон мусоидат менамояд.

7. Баъзе масоили меҳварии муҳимми таърихи давлатдории замони Темурию Шайбонӣ ва Сафавиён, аз ҷумла, санъати меъморӣ, кандакорӣ ва гаҷкорӣ барин ҳунарҳои мардумӣ дар асоси қиёс ва истифода аз «Бадоеъ–ул–вақоеъ» мавриди омӯзиш қарор дода шавад.

8. Кормандони идеологӣ ва фарҳангии Вазорати фарҳанг ба хотири арзишҳои миллӣ метавонанд, аз «Бадоеъ–ул–вақоеъ» баҳрабардорӣ намоянд. Дастури хидматӣ дар доираи аҳли илм бо мақсади дуруст барраси намудани арзишҳои миллӣ ва суннатҳои мардумӣ қарор гирад.

9. Вазорати маориф ва илми ҷумҳурӣ бо мақсади беҳдошти соҳаи таълиму тарбия дар МТМУ аз ин сарчашмаи таърихӣ ба пуррагӣ истифода намояд.

## Рӯйхати адабиёт

### 1. Феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда:

[1] Айнӣ К. Тазкираи Ҳасани Нисорӣ ва нусхаҳои он [Матн] / К. Айнӣ // Ахбороти шуъбаи ҷамъиятии АФ РСС Тоҷикистон. Сталинобод, 1958. № 9. –С.37–42.

[2] Айнӣ С. Алишер Навоӣ [Матн] / С. Айнӣ // Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1948. -267с.

[3] Айнӣ С. Восифӣ ва асари ӯ «Бадоеъ-ул-вақоеъ» [Матн] / С. Айнӣ // Шарқи Сурх. 1948. №10. 19–29с.

[4] Айнӣ С. Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ» [ Матн] / С. Айнӣ // Душанбе: Ирфон, 1985. -325с.

[5] Айнӣ С. Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вакоеъ» [Матн] / С. Айнӣ // Сталинобод, 1956. -314с.

[6] Айнӣ С. Намунаи адабиёти тоҷик [Матн] / С. Айнӣ // Душанбе, Адиб, 2010. -448с.

[7] Айнӣ С. Як симои номашҳури адабиёти классикии тоҷик, Восифӣ [Матн] / С. Айнӣ // Бо роҳи Ленинӣ. 1940. №12. 11–14с.

[8] Айнӣ С. Як симои номашҳури адабиёти классикии тоҷик, Восифӣ [Матн] / С. Айнӣ // Бо роҳи Ленинӣ. 1941. 27–30с.

[9] Андреев М. С. Таджики долины Хуф (Верховья Аму–дарьи). С доп. И прим А.К. Писарчик. Вып. 1. [Текст] / М. С. Андреев. // ТРАН Таджик ССР. Сталинобод: 1953. -251с.

[10] Андреев, М.С. Таджики долины Хуф [Текст] / С.М. Андреев // Сталинобод: Изд–во АН Таджикской ССР, 1958. -521с.

[11] Арбобзода А. Таърихи фарҳанги халқи тоҷик [Матн] / А. Арбобзода // Душанбе, 2003. -266 с.

[12] Асрорӣ В. Зарбулмасал ва мақолаҳои тоҷикӣ [Матн] / В. Асрорӣ // Сталинобод, 1956. -100с.

[13] Бартольд В.В. Сочинения в 9 т [Текст] / В.В. Бартоль // М., 1963. Т.1. -760с.

[14] Бартольд В.В. Сочинения в 9 т [Текст]. / В.В. Бартольд // М., 1963. Т.2. -102с.

[15] Беленицкий А.М. Историческая топография Герата XV в. [Текст] / М.А. Беленицкий // Алишер Навои: сборник статей. М. Л., 1946. С.176–202с.

[16] Бертельс Е.Э. Литература на персидском языке в Средней Азии [Текст] / Э.Е. Бертельс // СВ. М. Л., 1948. Т.V. -222с.

[17] Бертельс, Е.Э. Избранные труды. Навои и Джоми [Текст] / Э.Е. Бертельс // М., 1965. -498с.

[18] Боқиев Р.У., Асосҳои мардумшиносӣ [Матн] / У.Р. Боқиев, А.Р. Сайдалиев // Душанбе: Эр-граф, 2017. -288с.

[19] Боқиев Р.У., Сайдалиев Р.А. Асосҳои мардумшиносӣ [Матн] / У.Р. Боқиев, А.Р. Сайдалиев // Душанбе: Эр–граф, 2016. -232с.

[20] Болдырев А.Н. Зайнаддин Васифи таджикский писатель в XVI. [Текст] / А.Н. Болдырев // Душанбе. Адиб: 1989. -464с.

[21] Болдырев А.Н. Тазкире Нисори как новый источник для изучения культурной жизни Средней Азии XVI века [Текст] / Н.А. Болдырев // ТОВЭ. Л., 1940. –С.91–300.

[22] Болдырев А.Н. Васифи Зайнаддин. Бадаи-ал–вакаи. Критический текст, введ. и указатели [Текст] \ А.Н. Болдырев // М.: Изд-во вост. лит., 1961. Т. 1. -682с., Т. -662с.

[23] Брагинский, И. С. Из истории таджикский народной поэзии [Текст] / И.С. Брагинский // М., 1956. -493с.

[24] Воронина В.Л. Раннесредневековый город Средней Азии [Текст] / В.Л. Воронина // М., №1. 1959. -160с.

[25] Восифӣ З.М. Бадоеъ-ул-вақоеъ[Матн] / З.М. Восифӣ // Душанбе: Сарредаксияи илмии ЭМТ, 2014. -734с.

[26] Гафуров Б. Г. История таджикского народа [Текст] / Г.Б. Гафуров // М.: Госполитиздать, 1949. Т.1. -329с.

[27] Ғафуров Б.Ғ. Таърихи мухтасари тоҷик [Матн] / Б.Ғ. Ғафуров // М. Наука, 1955. -132с.

[28] Ғафуров Б.Ғ. Таърихи мухтасари халқи тоҷик [Матн] / Б. Ғ. Ғафуров // Сталинобод: Нашриёти Давлатии Тоҷикистон, 1947. -383с.

[29] Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва давраи нав [Матн] / Ғ.Б. Ғафуров // Душанбе: Ирфон, 2010. -866с.

[30] Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон [Матн] / Б.Ғ. Ғафуров // Душанбе: Ирфон, 1983. Ҷ. 1. -455с.

[31] Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон охирҳои асри миёна ва давраи нав [Матн] \ Ғ.Б. Ғафуров // Душанбе: Ирфон, 1985. Ҷ.2. -412с.

[32] Ғафуров Ӯ. Равшангари таърих[Матн] / Ӯ. Ғафуров // Душанбе: Ирфон, 1990. -201с.

[33] Ғоибов Ғ. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз [Матн] / Ғ. Ғоибов // Душанбе, 2006. -906с.

[34] Гуляницкий Н.Ф. История архитектуры [Текст] / Ф.Н. Гуляницкий // 3-е изд. доп. М.: Строй издать, 1984. -336с.

[35] Давидович Е.А. Клад древних и средневековых монет Таджикистана [Текст] / А.Е. Давидович // Душанбе, 1979. -358с.

[36] Джалилов А. Из истории положения женщин. Средней Азии до и после распространения ислама [Текст] / А. Джалилов // Душанбе: Ирфон, 1974. -44с.

[37] Довуди Д. Денежное обращение деревнего и средневекового Хатлона [Текст] / Д. Довуди // Душанбе: Дониш, 2006. -347с.

[38] Довуди Д. Монетные клады Таджикистана [Текст] / Д. Довуди // Душанбе, 2009. -409с.

[39] Додихудоев Р.Х. Афганистан сегодня [Текст] / Х.Р. Додихудоев, Х. Назаров // Душанбе, 1998. -180с.

[40] Докладҳои АФ РСС Тоҷикистон. Сталинобод: Нашриёти АФ РСС Тоҷикистон, 1953. Ҷузъи 7. -50с.

[41] Донишномаи Фарҳанги Мардуми тоҷик. Қ. 4. Ғизоҳо. Муассисаи давлатии Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик. Душанбе, 2020. -771с.

[42] Ёқубов Ю. Ҳулбук пойтахти қадимаи Хатлон [Матн] / Ю. Ёқубов, Э. Ғуломова // Душанбе: Эр–граф, 2006. -67с.

[43] Закариё Муҳаммад. Фазоили аъмол [ Матн] / М. Закариё // Лоҳур–Покистон. 2006. -774с.

[44] Заходер, Б.Н. История восточного средневековья [Текст] / Б.Н. Заходер // М.: МГУ, 1944. -152с.

[45] Зеҳниева Ф. Сурудҳои маросими тӯи тоҷикон [Матн] / Ф. Зеҳниева // Душанбе: Дониш, 1978. -160с.

[46] Илясов, Я. Согдиана [Текст] / Я. Илясов // Душанбе: Адиб, 1987. -687с.

[47] Ислом Хоҷа Муҳаммад. Манзараҳои марг [Матн] / М.Х. Ислом // 2002. -300с.

[48] История народов Узбекистана [Текст], Ташкент, 1947. Т. 2. -474с.

[49] Каюмова Х.А. Народная метрология и хронология таджиков Каратегина, Дарваза и Западного Памира XIX-начала XX вв. [Текст]: автореф. дисс… канд. истор. наук / Х.А. Каюмова // Худжанд, 2009. -25с.

[50] Кором Қ. Гулшани адаб. Намунаҳои назми тоҷик. Асрҳои XVI–XVIII [Матн] / Қ. Кором // Душанбе: Ирфон, 1977. Ҷ. IV. -386с.

[51] Кисляков Н. А. Очерки по истории Каратегина. К истории Таджикистана [Текст] / Н.А. Кисляков // 2–е изд. Сталинабад. Таджикгосиздать, 1954. -133с.

[52] Кисляков Н. А. Семья и брак у таджиков [Текст] / Н. А. Кисляков // Т. 44. ТИЭ.-М., Л., Изд-во АН. СССР, 1959. -269с.

[53] Кисляков Н.А. Таджики Каратегина и Дарваза [Текст] / Н.А. Кисляков, А. К. Писарчик // Душанбе: Дониш, 1970. -311с.

[54] Клима О. История персидской и таджикской литературы [Текст] / О. Клима, Я. Рипка, И. Бечка // М.: Прогресс, 1970. -440с.

[55] Кошифӣ Ҳ. В. Ахлоқи Мӯҳсинӣ [Матн] / Ҳ.В. Кошифӣ // Душанбе, 1991. -320с.

[56] Кременсова О.В. Одоби муошират [Матн] / О.В. Кременсова // Душанбе: Маориф, 1985. -80с.

[57] Қушматов А. Вақф [Матн] / А. Қушматов // Душанбе: Ирфон, 1990. -192с.

[58] Лерх П. И. Археологическая поездка в Туркестанский край в 1867 году [Текст] / П. И. Лерх // СПб, 1870. -39с.

[59] Луғати русӣ–тоҷикӣ [Матн] / М.: Русский язык, 1985. -1278с.

[60] Ҷалилов А. Аз таърихи вазъи занони Осиёи Миёна баъди паҳншавии ислом [Матн] / А. Ҷалилов // Душанбе: Ирфон, 1974. -43с.

[61] Ҷомӣ А. Баҳористон [Матн] / А. Ҷомӣ // Душанбе: Адиб, 1987. -160с.

[62] Ҷураева Г. Таърихи халқи тоҷик (Дастури таълимӣ) [Матн] / Г. Ҷураева // Хуҷанд, 2016. -352с.

[63] Маҳмадов А.Н. Луғоти мухтасари сиёсатшиносӣ [Матн] / А.Н. Маҳмадов // Кӯлоб, 1992. -24с.

[64] Марковой Н.А. Культурология. История мировой культуры [Текст] / Н.А. Марковой // М.: Культура и спорт, Издательское объединение «Юнити», 1998. -575с.

[65] Матюшин Г.Н. Историческое краеведение [Текст] / Г. Н. Матюшин // М.: Просвещение, 1987. – 207 с.

[66] Махмудов Н. Земледелие и аграрные отношения в Средней Азии в XV–XVI вв [Текст] / Н. Махмудов // Душанбе; Алма–Ата, 1917. -129с.

[67] Мирзоев А. Ҳикояҳо оид ба Ибни Сино ва шахсияти ӯ [Матн] / А. Мирзоев // Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1953. -141с.

[68] Мирзоев Н. Дипломатия қоида ва меъёрҳои ташрифотӣ [Матн] / Н. Мирзоев // Душанбе: Ирфон, 2014. -240с.

[69] Мирзозода Х. Таърихи адабиёти тоҷик [Матн] / Х. Мирзозода // Душанбе: Маориф, 1977. К. 2. -400с.

[70] Мирзозода Х. Таърихи адабиёти тоҷик [Матн] / Х. Мирзозода // Душанбе: Маориф, 1989. К.1 (2). -422с.

[71] Миров Т. Фольклор дар эҷодиёти Зайниддин Восифӣ [Матн] / Т. Миров // автореф. дисс…ном. илм. филологӣ. Душанбе, 1973. -27с.

[72] Муассисаи давлатии Сарредаксияи илмии энсиклопедияи миллии тоҷик. Душанбе, 2013.

[73] Муқаддимаи низоъшиносӣ. Душанбе: Эр–граф, 2006. -272с.

[74] Муллоҷонов С. «Таърихи Масъудӣ»–и Абулфазли Байҳақӣ [Матн] / С. Муллоҷонов // Душанбе: Ирфон, 2013. -239с.

[75] Мутаҳҳарӣ М. Хадамоти мутақобилаи ислом ва Ирон [Матн] / М. Мутаҳҳарӣ // Душанбе, 1999. -550с.

[76] Мухтаров А. Эпиграфические памятники XI–XIX вв. из Кухистана как источник по истории народов Средней Азии.. наук [Текст] / Мухтаров // дисс… д–ра. истор. Душанбе, 1971. -685с.

[77] Мухторов А. Аз таърихи фарҳанги Мовароуннаҳр [Матн] / А. Мухторов // Душанбе, 2001. -154с.

[78] Мухторов А. Ҳисор. Очерки таърихӣ (охири асри XV ибтидои асри XX) [Матн] / А. Мухторов // Душанбе, 1995. -304с.

[79] Мухторов А. Путешествие в Согдиану [Текст] / А. Мухторов, Н. Неъматов, В. Ранов, Ю. Ёкубов // Душанбе: Ирфон, 1982. -132с.

[80] Неъматов Н. Давлати Сомониён [Матн] / Н. Неъматов // Душанбе: Ирфон, 1989. -304с.

[81] Низомулмулк. Сиёсатнома [Матн] / Низомулмулк // Душанбе: Адиб, 1989. -200с.

[82] Носирова Х. Офтоб дар Шарқ [Матн] / Х. Носирова // М., 1962. -56с.

[83] Нурҷджонов Н.Х. Свадба Таджики Каратегина и Дарваза. [Текст] / Н. Х. Нурджонов // Вып. 3. Душанбе: Ирфон, 1976. -239с.

[84] Ҳакимов Н. Таърихи халқи тоҷик. Китоби дарсӣ [Матн] / Н. Ҳакимов // Душанбе: Ирфон, 2006. -481с.

[85] Ҳодизода Р. Саъдиев С. Адабиёти тоҷик (асрҳои XVI–XIX ва ибтидои асри XXI) [Матн] / Р. Ҳодизода., У. Каримов., С. Саъдиев // Душанбе: Маориф, 1988. -414с.

[86] Ҳотамов Н. Муллоҷонов С., Исоматов М. Таърихи халқи тоҷик [Матн] / Н. Ҳотамов., Д. Довудӣ., С. Муллоҷонов., М. Исоматов // Душанбе: ЭР–граф, 2011. -641с.

[87] Одинаев Б.Э. История развития керамического производства Таджикистана XX–начала XXI веков [Текст] / Б.Э. Одинаев // дисс… канд. истор. наук. Душанбе, 2015. -169 с.

[88] Одинаев Ё. Бунёди маданияти шахс [Матн] / Ё. Одинаев // Душанбе: Маориф, 1989. -59с.

[89] Одиназода Р.С. Ниҳоди мазолим дар таърихи давлатдории пешазшуравии Тоҷикистон [Матн] / Р.С. Одиназода // Душанбе, 2017. -176с.

[90] Паҳлавонов А. Афкори педагогии халқи тоҷик дар асрҳои XVI ва XVII [ Матн] / А. Паҳлавонов // Кӯлоб, 1994. -240с.

[91] Петрушевский И. П. Земледелие и агарные отношения в Иране в XIII–XIV веках [Текст] / И. П. Петрушевский // М. Л.: АН СССР, 1910. -492с.

[92] Петрушевский И.П. Ислам в Иране в VII-XV веках [Текст] / И.П. Петрушевский // Л., 1966. -399с.

[93] Пугаченкова Г.А. Очерки искусства Средней Азии [Текст] / Г.А. Пугаченкова, Л.И. Ремпел // М., 1982. -288с.

[94] Раджабов А. Очерки истории и теории культуры таджикского народа Редакторы–составители [Текст] / А. Раджабов, Р. Мукимов, М. Каримзаде // Душанбе, 2010. Т. 4. -582с.

[95] Раҳмонов Э. Ш. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён [Матн] / Э.Ш. Раҳмонов // Лондон, 1999. К.1. -240с.

[96] Раҳмонов Э.Ш. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён [Матн] / Э.Ш. Раҳмонов // Қ. 3. Душанбе, 2006. -238с.

[97] Раҳмонов Э.Ш. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён [Матн] / Э.Ш. Раҳмонов // Душанбе, 1997.

[98] Раҳмонов Э.Ш. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён [Матн] / Э. Ш. Раҳмонов // Душанбе, 2002. К. 2. -127с.

[99] Нелсон Р. Ф. Мероси Осиёи Марказӣ [Матн] / Р.Ф. Нелсон // Душанбе: Ирфон, 1990. -480с.

[100] Ризоқулихони Ҳидоят. Равзат–ус–сафои Носирӣ [Матн] / Ҳ. Ризоқулихон // Ҷ. 8 (1).

[101] Руднев В.А. Обряды народные и обряды церковные [Текст] / В. А. Руднев // М.: лен издать, 1982. -159с.

[102] Саидиён М.И. Ислом равия, мазхаб ва фирқаҳои он [Матн] / М.И. Саидиён // Душанбе: Ориёно, 1992. -222с.

[103] Сайдалиев Р. А. «Бадоеъ–ул–вақоеъ» хулосагирии илмӣ–таърихӣ ва таҳлили этнографӣ [Матн] / Р.А. Сайдалиев // Душанбе: Ирфон, 2019. -168с.

[104] Саплина Е.В., Саплин А.И. Путешествие в историю [Текст] / Е.В. Саплина, А.И. Саплин // М.: Центр гуманитарного образования, 1995. -159с.

[105] Сафаров Х.Х. Таърих ва фарҳанги Роғ дар асри XIX ва ибтидои асри XX [Матн] / Х.Х. Сафаров // Душанбе. 2021. -169с.

[106] Семёнов А. Гератское искусство в эпоху Мир–Али–Шира «Навои» [Текст] / А. Семёнов // ЛИУз. 1938. К. 4. –С. 81–89.

[107] Семёнов А. Музыка Герата в эпоху Навоӣ [Текст] / А. Семёнов // ЛИУз. 1940. К. 6. -С. 73–78.

[108] Семёнов А.А. Каталог рукописей Исторического отдела Бухарской центральной библиотеки [Текст] / А. А. Семёнов // Ташкент, 1925. -32с.

[109] Семёнов А.А. Материалы по истории таджиков и узбеков Средней Азии [Текст] / А.А. Семёнов // Сталинобод: АН Таджикской ССР, 1954. Вып.2. -154с.

[110] Семёнов А.А. Указатель персидской литературы по истории узбеков в Средней Азии [Текст] / А. . Семёнов // Ташкент, 1926. 31с.

[111] Сотиволдиев Р.Ш. Таърихи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқӣ [Матн] / Р.Ш. Сотиволдиев // Душанбе: Эр–граф, 2011. -460с.

[112] Таджикско–русский словарь по истории. Душанбе: Дониш, 1986. -201с.

[113] Тоатов Ҳ. Хатлон дар масири таърих [Матн] / Ҳ. Тоатов, Р. Юлдошев // Хуҷанд: Ношир, 2006. -360с.

[114] Токарев С.А. Основы этнографии[Текст] / С.А. Токарев // М., 1967. -385с.

[115] Турсунов А. Эҳёи Аҷам. Руҷӯи таърихию публисистӣ [Матн] / А. Турсунов // Душанбе: Ирфон, 1984. -205с.

[116] Турсунов Н. Из истории городского ремесла Северного Таджикистана [Текст] / Н. Турсунов // Душанбе. 1974. -195с.

[117] Ӯлуғзода С. Восеъ [Матн] / Роман / С. Ӯлуғзода // Душанбе: Ирфон, 1979. -368с.

[118] Фаҳлаёнӣ Ҳ.Ҳ. Мамасанеъ дар гузаргоҳи таърих [Матн] / Ҳ.Ҳ. Фаҳлаёнӣ // Шероз: Интишороти Ҳованд, 1371 (1992). -538с.

[119] Фарҳанги забони тоҷикӣ [Матн]. М., 1969. Қ. 1. -951с., 1969. Қ. 2. -949с.

[120] Фрай Н. Р. Мероси Осиёи Марказӣ [Матн] / Н. Р. Фрай // Душанбе, 2000. -274с.

[121] Хамза Камол. Политическая история Мавераннахра в XVI в. [Текст] / К. Хамза // Душанбе, 2007. -175с.

[122] Ханыков Н. Описание Бухарского ханства [Текст] / Н. Ханыков // СПб, 1843. -280с.

[123] Хинц В. Мусульманские меры и веса с переводом в метрическую систему [Текст] / В. Хинц // М.: Наука, 1970. -146с.

[124] Худоёров Қ. (Сохибназар) Назарбойӣ [Матн] / Қ. Худоёров // Душанбе: Кайхон, 2014. -289с.

[125] Шарифов В. Луғати тафсирии калимаҳои русӣ-интернатсионалӣ [Матн] / В. Шарифов // Душанбе: Сарредаксияи илмии энциклопедияи советии тоҷик, 1984. -375с.

[126] Шарофуддинов С.С. Вклад академика В. В. Бартольда в изучение истории и культури Таджикского народа IX–XV вв. [Текст] / С.С. Шарофуддинов // автореф. канд. истор. наук. Душанбе, 2014. -27с.

[127] Шишов А. Тоҷикон [Матн] / А. Шишов // Душанбе. 2015, Қ.15. -464с.

[128] Шовалиева М. История кулинарной культуры таджикского народа [Текст] / М. Шовалиева // Душанбе, 2015. -168с.

[129] Эльхом М. Традиции орнаментики в современной керамике Афганистана [Текст] / М. Эльхом // автореф. канд. искуство СПб., 1992. -187с.

[130] Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён. Иборат аз чаҳор китоб [Матн] / Э. Раҳмон // Душанбе: Ирфон, 2009. -704с.

[131] Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор [Матн] / Э. Раҳмон // Душанбе: «Эр–граф», 2023. -424с.

[132] Энсиклопедияи Адабиёт ва санъати тоҷик [Матн]. Душанбе, 1989. Қ. 1. -544с., 1989. Қ. 2. -560с.

[133] Энсиклопедияи миллии тоҷик.Ҷ.1. Душанбе 2011.- 607с.,Ҷ. 2. -664с., Ҷ. 4. -660с.

[134] Энсиклопедияи советии тоҷик [Матн]. Душанбе: Сарредаксияи илмии ЭСТ, 1987. 1978. Қ.1.- 666 с., 1981. Қ. 3. 640 с., Қ. 5. 634с., 1986. Қ. 6. 634с., 1987. Қ.7. 634 с.

**Матбуоти даврӣ:**

[135] Илм ва ҳаёт. №12. соли 1989. -49с.

[136] Илм ва ҳаёт. №4–6. соли 2004. -47с.

[137] Илм ва ҳаёт. №4–6. соли 2005. -43с.

[138] Ҷавонони Тоҷикистон. №31(9094). 6 августи 2009. -16с

[139] Ҷумҳурият. №248 (24355). 21 декабри соли 2021. –С. 1–4.

[140] Мактаби советӣ. 7 июли соли 1974. -64с.

[141] Маорифи Тоҷикистон. №3. 2016. -С. 33–40.

[142] Маърифат. № 7–8. соли 2005. -64с.

[143] Маърифат. №1–2 соли 2003. -59с.

[144] Мероси ниёгон. №12. соли 2009. -134с.

[145] Нағмаи ниёгон. Душанбе: Адиб, 1988. -160с.

[146] Омӯзгор. № 9. 4 марти соли 2021. -24с.

[147] Омӯзгор. №17. 16 апрели соли 2004. –С.10.

[148] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ»[Манбаи электронӣ]: www (санаи мурочиат: 03.01.2022)

[149] Рӯзномаи Анвори Дониш. №14 (279). 8 ноябри соли 2018. -14 с.

[150] Садои Шарқ. № 1–3. соли 2005. -143с.

[151] Садои Шарқ. №11 соли 1952. -С.67–100.

[152] Садои Шарқ. №7. соли 1966. –С.110–116.

[153] Шарқи Сурх. №8–11. соли 1952. С. 54–67.

## ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

**а) Моногафияи илмӣ:**

[1–М]. Сайдалиев Р.А. Бадоеъ–ул–ақоеъ, хулосагирии илмӣ–таърихӣ ва таҳлили этнографӣ [Матн] / **Р.А. Сайдалиев**. Душанбе: Ирфон, 2019. - 165с.

**б) Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

[2–М]. Сайдалиев Р.А. Ривоҷёбии санъати мусиқӣ ва рассомӣ дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ [Матн] / **Р.А. Сайдалиев** // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. №3/6 (176). Душанбе, 2015. 13–16с. (ISSN 2074–1847)

[3–М] Сайдалиев Р.А. Инъикоси маросими дафн дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ [Матн] / **Р.А. Сайдалиев** // (ISSN 2219-5408) Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. №1 (84). Душанбе, 2020. 191–195. (ISSN 2219-5408)

[4–М]. Сайдалиев Р.А. Инъикоси сару либоси миллӣ дар сарчашмаи илмӣ–таърихии «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ [Матн] / **Р.А. Сайдалиев** // (ISSN 2616-526) Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ. №1 (25) Кӯлоб, 2021. 52–58с. (ISSN 2616-526)

[5–М]. Сайдалиев Р.А. Инъикоси масоили туй дар сарчашмаи илмӣ–таърихии «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ [Матн] / **Р. А. Сайдалиев** // (ISSN 2616-5260) Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ. №1 (26). Кӯлоб, 2022. 226–231с. (ISSN 2616-5260)

[6–М]. Қурбонов Б.Р., Сайдалиев Р.А. Инъикоси вазъи низоъҳои мазҳабӣ ва оқибатҳои он дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ [Матн] / **Б.Р. Курбонов, Р.А. Сайдалиев** // (ISSN 2616-5260) Паёми

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ. №2 (31). Кӯлоб, 2023. 305–313с. (ISSN 2616-5260)

[7–М]. Сайдалиев Р.А., Носиров Х.С. Таърихи пайдоиши мадрасаҳо дар қаламрави вилоятҳои Хуросон ва Мовароуннаҳр дар асрҳои XV–XVI [Матн] / **Р. А. Сайдалиев, Х. С. Носиров** // (ISSN 2616-5260) Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ. №2 (31). Кӯлоб, 2024. 300–311с. (ISSN 2616-5260)

а) **Мақолаҳое, ки дар дигар нашрияҳо ба табъ расидаанд:**

[8–М]. Сайдалиев Р.А. Инъикоси варзиш дар «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ [Матн] / **Р.А. Сайдалиев** // Маводи конференсияи илмӣ–амалии байналмиллалӣ дар мавзуи «Нақши ҳамгироии илм, инноватсия ва технологияҳо дар рушди иқтисодии кишварҳо» - ДТМИ. Кӯлоб, 2016. 135–137с.

[9–М]. Сайдалиев Р.А. Унвон ва мансабҳои давлатӣ маъмурии асрҳои XV–XVI [Матн] / **Р.А. Сайдалиев** // Маҷаллаи илмии Академияи Идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2020. 45–48с.

[10-М]. Сайдалиев Р.А. Инъикоси сиккаҳо ва гардиши муносибатҳои пулӣ дар ҳудуди давлатҳои Темуриёну Шайбониён дар асари «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ. Конференсияи илмӣ–амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Ҳамгироии илм, инноватсия ва истеҳсолот заминаи асосии татбиқи технологияи дуалии таҳсилот» - ДТМИ. Кӯлоб, 2023. 414–418с.

[11–М]. Сайдалиев Р.А. Ривоҷёбии санъати мусиқии аҳди темуриён дар асари «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ [Матн] / **Р.А. Сайдалиев** // Маводи конфронси илмӣ–назариявӣ Дар мавзуи «Нақши Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ дар тайёр намудани мутахассисон», Бахшида ба 70 солагии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Қ.2. Кӯлоб, 2015. 30–33с.

[12-М]. Сайдалиев Р.А. «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ сарчашмаи илмӣ–таърихӣ [Матн] / **Р.А. Сайдалиев** //

Конференсияи ҷумҳуриявӣ илмӣ–амалӣ дар мавзуи «Нақши Эмомалӣ Раҳмон дар таъмини амнияти миллии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар шароити тағийрпазирии ҷаҳон. Кӯлоб, 2022. 255–258с.